СУҲРОБ ФОЗИЛОВ

# МУҚАДДИМАИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРӢ

Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**СУҲРОБ ФОЗИЛОВ**

# МУҚАДДИМАИ ФАЪОЛИЯТИ ОМӮЗГОРӢ

Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ

Душанбе-2024

ТДУ 37.01+371 (075.8) (575.3)
ТКБ Я 73 74.200+74.5 (2 тоҷик)
Ф-82

*Дар асоси қарори Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз "01" июни соли 2024 таҳти №3/8 (д) ба чоп тавсия шудааст*

**Муҳаррири масъул:** Боқиев Ҳ. - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Муқарризон: Нурзода А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Иматзода Л.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, АТТ

**Фозилов С.М. Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ – Душанбе: 2024.-188 с.**

Дастури таълимӣ аз фанни «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» ҳамчун маводи таълимӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда, дар он муҳимтарин талаботҳои низоми кредитии таҳсилот ба инобат гирифта шудааст. Маводи мазкур барои азхуд намудани дониши назариявӣ, инкишофи маҳорату малакаи тахассусӣ ва ташаккули салоҳиятнокии касбӣ равона гардидааст.

Дар дастури таълимӣ лексияҳо, маводи дарсии амалӣ (семинарӣ), савол ва супоришҳо, маводи иловагии таълимӣ-хрестоматия, шарҳи мафҳумҳои асосӣ ва иловагӣ, намунаи саволномаҳо барои мустақилона азхуд намудани мавзуъҳо ва ҳалли масъалаҳои гузошташуда фароҳам омадаанд.

# МУҚАДДИМА

*Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон аст.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Омӯзгорӣ ба маънои томаш касби пуршараф ва масъулиятнок аст. Зеро пойдорӣ, устувории ҳар ҷомеа аз сиришту солимии наслҳои barӯманди он вобаста мебошад. Маҳз наслҳои солимфикр, соҳибмаълумоту дорои ҷаҳонбинии васеъ метавонанд кишварро ба пешрафтҳои чашмгир ноил гардонанд.

Пешвои муаззами миллат-муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф ва илмро самти афзалиятнок эълон карда, онро барҳақ омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат номидаанд. Ба ҳамин далел, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи маориф ва илм сатҳу сифати донишомӯзии хонандагону донишҷӯён дар ҳама зинаҳои таҳсилот, сатҳу сифати омода намудани кадрҳои баландихтисосу соҳибунвон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

Дастури таълимию методӣ аз фанни «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи маориф, тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи арзишҳои миллӣ ва умуминсонӣ, хештаншиносӣ, инсонпарварӣ, дӯстию бародарӣ, эҳтироми кулли башарият, ватандӯстӣ тарбия намудани кадрҳои педагогӣ мураттаб гардидааст.

Донишҷӯён – омӯзгорони оянда тавассути курси «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» доир ба моҳият, мақсад, вазифа, мавқеи омӯзгор дар ҷомеаи муосир маълумот гирифта, хусусият ва нозукиҳои касби омӯзгориро барои такмили маҳорати педагогӣ меомӯзанд. Фанни «Муқаддимаи фаъолияти педагогӣ» роҳнамои бевоситаи омӯзгорони оянда гашта, дар баробари ин, барои донишҷӯён мавриди омӯзиши силсилафанҳои бо ҳам робитадори педагогию психологӣ, инчунин барои аз худ кардани методикаи фанҳои тахассусӣ замина фароҳам меоварад. Омӯзгорон низ масъулияти худро дар назди ҷомеа ва давлат ҳис намуда, барои таълиму тарбияи насли наврас, қобилияти эҷодӣ, истеъдоди ҳар як тарбиятгирандаро ошкор намудан ва аз ӯ шахси ҳамаҷониба инкишофёфтаро ба камол расондан мебошад.

Бояд қайд кард, ки омӯзгор барои хонандагон намуна шавад, бо ахлоқи баланди миллии худ, ...

DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 1489

маданият, ғурури инсонӣ ва фазилату дониши худ ибрат нишон диҳад.

Ҳамеша ҷомеа дар назди мактаб ва маориф талаботи нав ба нав мегузорад ва муваффақияти кори мактаб ба он вобаста аст, ки омӯзгор то чӣ андоза ба ин талабот ҷавоб дода метавонад. Бинобар ин, ҳамон омӯзгоре, ки маълумоти васеи педагогӣ дошта бошад, вазифаҳои педагогиро дуруст ва пухта ҳал карда метавонад. Донишҳои педагогӣ ба шарте роҳбарӣ ба амалиёт шуда метавонанд, ки дар байни омӯзиши маводи назариявӣ ва мушоҳида, инчунин таҳлили тарафҳои гуногуни кори мактабу муаллим ҳамкорӣ барқарор бошад.

Вазифаи муҳимми омӯзгор, давлат ва ҷомеа таълиму тарбияи насли наврасро мутобиқи талаботи замони муосир ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ ҳал намудан аст.

Барои ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас бояд аз таълимоти мутафаккирони умумиҷаҳонӣ ва миллӣ, то таълимоти олиму фозилони кунунӣ истифода барем.

Ҳангоми тайёр намудани маҷмуаи таълимию методии мазкур мо ба ҳуҷҷатҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон „Чеҳраҳои мондагор", „Тоҷикон дар оинаи таърих", „Забони миллат – ҳастии миллат" ва ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи маориф", Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия, Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд такя намудем. Инчунин аз китоби дарсии Раҳимов Х., Нурзода А. „Педагогика", Раҳимов Х., Мухторова Г. „Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ", Лутфуллоев М., Абдураҳимов Қ. „Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ", ки фанни педагогика ва фаъолияти касби омӯзгориро мукаммал ифода кардаанд, истифода бурдем.

Дастури таълимии мазкур барои баланд бардоштани маърифати касбӣ ва ташаккули қобилияту маҳорати педагогии омӯзгорон, инчунин соҳиб гаштан ба донишҳои назариявӣ, малакаҳои тахассусӣ ва як қатор салоҳиятҳои касбӣ имконият медиҳад.



# МАВЗУИ 1. МАҚОМИ ОМӮЗГОР ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**Нақша:**

1. Касби омӯзгорӣ дар олами дигар касбҳо
2. Андешаҳои мутафаккирон дар бораи касби омӯзгорӣ
3. Вазифаҳои кунунии омӯзгор

## 1. Касби омӯзгорӣ дар олами дигар касбҳо

Маориф пурарзиштарин соҳаест, ки дар равнақу ривоҷи он масъулияти бештареро доштани омӯзгор ва ҳар як фарди ҷомеа шарти асосӣ мебошад. Дар ин бахш метавон аз тамоми зарфиятҳои зеҳнӣ ба қадри имкон истифода намуда, дар пешрафти ин соҳаи афзалиятноки ҷомеаи муосир шоистатарин ҳадафҳо ва ормонҳои пазируфтаниро дунболагирӣ намоем. Дар пешорӯи маорифчиён аз паи се мақсади асосӣ роҳ паймудан вогузор шудааст, ки ин ҳам бошад таълим, тарбия ва инкишофи насли наврас ва ҷавонон ба шумор меравад.

Муаллим! Чӣ сухани азиз ва муқаддасест!

Дар замири ин ҳафт ҳарфи заррин чи қадар маъно маҳфуз аст. Муаллим-бахшандаи нури донишу маърифат, меҳру муҳаббат, илму заковат, муаллим офарандаи инсон аст, зеро инсони бедонишу бетарбия чӣ инсонест? Муаллим – боғбонеро меноманд, ки нигаҳбони пурмаҳорати дарахти ҳаёти ҳар як фарди рӯи замин аст.

Муаллим устоди аввалин аст,
Сафобахшанда дар рӯи замин аст.
Диҳад илму адаб бар насли наврас,
Бузургии муаллим дар ҳамин аст.

Дар ҳама давру замон пешрафти ҷомеаро мактабу маориф муайян менамояд. Неруи пешбарандаи ин самт пеш аз ҳама, зиёиён мебошанд. Азхуд-намудани илму дониш, ақлу заковати олимон насли наврасро ба роҳи дурусти ҳаёт ҳидоят намуда, ба ҳаёти мустақилона ҳамчун мутахассиси касбӣ равона месозад.

Дар хотир бояд дошт, ки натиҷаи кори омӯзгор имрӯз чӣ хел бошад – фардо ҷомеаи мо ҳамон хел мешавад. Аз ин лиҳоз, як донишманди мумтоз – даҳҳо одамони ҳамроз ва як

омӯзгори варзида – садҳо шогирдони санҷидаро ба камол мерасонад, ки дар оянда барои Ватан- модар хизмати шоиста мекунанд.

Мавриди ёдоварист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиён фармудаанд: «Олимон дар ҳар давру замон барои миллати азизамон чароғи тобон буданд, ҳастанд ва мемонанд».

Ҳама касбҳо дар ҷомеаи инсонӣ заруру бошарафанд. Гуфтан душвор аст, ки чӣ қадар касбҳо бо гузашти айём аз байн рафтанду чӣ қадар касбҳои нав дар оянда пайдо мешаванд. Аммо бо боварии комил метавон гуфт, ки касби омӯзгорӣ то ҷомеаи инсонӣ боқӣ аст, касби заруртарин буда, аҳаммияти иҷтимоии меҳнати омӯзгор абадист.

Искандарро пурсиданд:

- Чаро ба муаллим ва устодони хеш беш аз падар арҷ менихӣ?

Гуфт:

- Падар маҷрои вуҷуди зудгузар ва нопойдори ман мебошад. Вале муаллим маншаъ ва сабаби зиндагонии ҷовид ва пойдори ман аст.

Ёд овардан аз ин ҳикояти маъруф, ки тайи садсолаҳо дар мақоми истифода қарор дорад, дарак аз он медиҳад, ки шукӯҳу шаҳомати устод дар тамоми давру замонҳо мавриди арҷгузории интиҳонопизанд аз сӯи инсоният будааст.

Омӯзгор, устод насли наврас ва ҷавононро таълиму тарбия медиҳад, аз онҳо эҷодкорӣ ва навоварӣ талаб менамояд, ки ин тақозои замони муосир аст. Аз ин рӯ, устодон ва омӯзгоронро зарур аст, ки пайваста ва мунтазам донишҳои педагогию психологӣ, методию маҳорати касбии хешро баланд бардоранд, роҳҳо ва воситаҳои самараноки таълиму тарбияи насли наврасро ҷӯянд ва хамеша хамқадами замон бошанд. Устоди донишманд ва пухтакор дар ҳамаи давру замонҳо «гули сари сабад»-и дӯстону шогирдон буда, ба ин восита ба халқу Ватани худ хизмат мекунад. Аз ҳамин рӯ, дар китоби муқаддаси «Авасто» ба мавқеи муаллим эътибори махсус дода, омӯзгорро «анжропойти», яъне «донишманд» меномиданд. Дар гузашта омӯзгорро аз ҳисоби ашхоси босавод ва меҳнатдӯст интихоб менамуданд.



Муаллимоне, ки забон, таърих, анъанаҳои нек ва педагогикаи ниёгони худро хуб медонанд ва аз он ифтихор доранд, бидуни тардид, аз донишмандонанд. Ин ҷо хеле бамаврид аст, ки ба таъкиди Пешвои миллат, ки дар Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (01.09.2023) ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, пеш аз ҳама, барои устодону омӯзгорон пешниҳод шуда буд, таваҷҷуҳ намоем: «...рисолати муқаддасу бузурги таълиму тарбияи наслҳоиояндасозро ба дӯш доред, мурочиат карда, такроран таъкид менамоям, ки дар кадом зинаи таҳсилот фаъолият дошта бошед, дар навбати аввал ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи касбияти худ эътибори доимӣ ва ҷиддӣ зоҳир намоед». Ин андешаи Пешвои миллат устодон ва омӯзгоронро дар баробари вазифа ва масъулияте, ки ба дӯш доранд, ҳамзамон баҳри амалӣ сохтани се самти фаъолияташон, ки ҳамарӯза дар кори таълиму тарбия мавриди корбурд қарор мегиранд, роҳнамо мебошад:

- Донишҳои касбии омӯзгор, устод;
- Маҳорати педагогӣ;
- Сифатҳои инсонӣ[1].

Муаллим бояд аз он ифтихор кунад, ки ҳама суханварони оламгир, аз ҷумла Суқроту Афлотун, Арастую Демокрит, Рӯдакию Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Синою Носири Хусрав, Саъдию Ҷомӣ ва кулли хирадмандони насли ҳазрати Одам таълиму тарбияро аз устод гирифта, шуҳрату номи ҷовидона касб кардаанд. Аз ин ҷост, ки ахлоқи волою хиради бузурги ниёгонамон дар назди устодон вазифа мегузорад, ки барои дар насли наврас ва ҷавонон тарбия намудани ҳисси инсондӯстию ватандӯстӣ, ваҳдати миллӣ, тарбияю таълими хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, маънавиёти баланд, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ғайраҳо, ки ҳама рукнҳои волои тарбия ва боиси ифтихор ва арзиши миллӣ аст, аввалан худ намунаи ибрат бошанд ва насли наврасро дар ҳамин руҳия тарбия карда тавонанд. Барои ҳалли ин масъалаи мубрами рӯз **проблемаи дигар ба миён меояд, ки** то рӯзҳои наздик пажуҳишгарони соҳаи педагогика ба он кам эътибор

[1] М.Лутфуллоев. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. Душанбе,-2015.- саҳ.29-31.

медоданд. Вазифаи муҳимми масъулиятнок барои муаллимон, ки он боиси ифтихор ва арзиши миллӣ аст, ин рӯ овардан ба анъанаҳои ниёгонамон ва ҳаматарафа омӯхтани обу хоки ин сарзамини куҳан, забон, таърих ва педагогикаи миллии (этнопедагогика) он ба шумор меравад. Олими маъруфи тоҷик, шодравон академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар асари пурарзишаш «Хуросон аст, ин ҷо» навиштааст: «Маънавиёти мардуми тоҷик чунин неруи бузург дошт ва ҳанӯз дорад. Инро имрӯз мо тоҷикон бояд бидонем ва коре бикунем, ки ин неруи бузург бедор шавад, ба ҷунбиш ояд, мушкилкушои худи мо ва дигарон бошад».[2]

Ин андешаи олӣ ва таъкиди адабиётшиноси маъруф ба тамоми халқи тоҷик, аз деҳқони хокпош сар карда, то уламову шуаро як ранг дахл дорад. Барои он ки «бидонем ва коре кунем, ки ин неруи бузург (маънавиёт-А.Н.) бедор шавад», ба омӯзгорон, устодон зарур аст, ки забон, таърих ва педагогикаи ниёгони худро хуб донанд ва насли наврас ва ҷавононро дар ҳамин руҳия тарбия карда тавонанд. Чунки забони ниёгонамон ва таъсири ӯ ба забонҳои дигар аз аҳди қадим то имрӯз на танҳо боиси ифтихор, балки яке аз арзишҳои волои халқи тоҷик ба шумор меравад ва таърихи гузаштаамон ба ин гувоҳ аст. Бинобар ин, ба омӯзгорон, устодон зарур аст, ки бо забони адабӣ таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавононро ба роҳ монанд, зеро нутқи бурро ва шевои муаллим воситаи хуби аёнӣ дар дарс ва корҳои тарбиявӣ мебошад. Аз тарафи дигар, хонандагон бештар ба муаллим тақлид мекунанд, ки ин дар оянда ба онҳо имконият медиҳад бо забони адабӣ сухан гуфтанро ёд гиранд. Албатта, дуруст риоя кардани қоидаҳои забон аз оила оғоз шуда, дар кӯдакистон ва мактаб идома меёбад. Аз ин рӯ, дар ҳалли ин масъалаи муҳим ҳамкории доимии оила, кӯдакистон ва мактаб ҳатмист. Пеш аз ҳама, мураббии кӯдакистон бо забони адабии гуфтугӯӣ сухан ронда тавонад, алалхусус дар гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб, ки инкишоф додани нутқи мадании онҳо хеле муҳим аст. Муаллимро зарур аст, ки бо забони адабии гуфтугӯӣ таълим ва тарбияи хонандагонро ба роҳ монад ва аз ин забон ифтихор намояд ва хонандагонро дар ҳамин руҳия тарбия кунад. Чунки забони модарии мо

[2] М.Шакурӣ. Хуросон аст, ин ҷо. Душанбе, 1997. Саҳ.54.



ифтихори бузурги мо буда, яке аз арзишҳои миллӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, хонандагон ва донишҷӯёнро дар ҳамин руҳия тарбия намудан вазифаи масъул ва пурифтихори муаллимон ба шумор меравад.

Пеш аз ҳама, ба он бояд ноил гашт, ки ҳар як муаллим дорои савияи баланди дониш ва устоди кори худ бошад. Барои ба амал баровардани тавсияҳои педагогикаи умумибашарӣ ва педагогикаи миллии тоҷик саъю кӯшиш намояд, идеали ҷамъияти ҳозира, илми педагогика ва психологияи ҳозираро ба амал бароварда тавонад. Чунки ин вазифаҳоро ғайри ӯ дигар ҳеҷ кас ба амал бароварда наметавонад. Барои ҳамин ҳам, педагоги барҷастаи Олмон А.Дистервег гуфта буд, ки «... пешравии талаба дар таълим ба муаллим вобаста аст, муваффақияти таълимро на китоби дарсӣ, на методҳои таълим, балки муаллим таъмин мекунад. Муаллими хуб гуфта, ҳамон муаллимеро номидан мумкин аст, ки фанни худ ва методикаи таълими онро мукаммал донад, шахси маълумотнок бошад, аз педагогика ва психология ба хубӣ хабардор бошад, бачагон ва вазифаи худро дӯст дорад... дар онҳо нисбат ба таълим шавқу ҳавасро ба вуҷуд оварда тавонад» [47 с153-154]. Ин андешаи педагоги барҷастаи олмонӣ дар шароити имрӯзаи таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон қимати худро гум накардааст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки мақоми муаллимро дар кори таълим ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимии олии касбӣ ҳам, маҳз дарс (лексия, машғулияти амалӣ)-и устод дар донишҷӯён руҳбаландӣ ба вуҷуд меорад, қувваҳои фикрии онҳоро бедор мекунад, иродаи онҳоро дар роҳи ба даст овардани донишҳои нав ба нав мустаҳкам менамояд ва характеру хислатҳои онҳоро ташаккул медиҳад. Сарфи назар кардани ин ҷиҳатҳо ба баланд бардоштани раванди таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон монеагӣ ба миён меорад. Бинобар ин:

- ба муаллим ва устодони мактабҳои олии касбӣ лозим аст, ки мунтазам аз пайи ҷустуҷӯ намудани тарзу усулҳои мукаммал, роҳҳои самарабахш, аниқ ва дар баробари ҳамин, дурусту моҳиронаи ҳалли мушкилоти таълим бошад ва ташкили оқилонаи ҳаёти донишҷӯёнро пайдо намояд;

• барои ба мақсад ноил гардидан муаллим - устоди мактаби олӣ бояд, душвориҳои пеш меомадагиро, хусусан, дар низоми кредитии таҳсилот пешгӯӣ карда тавонад ва барои ҳалли онҳо пешакӣ тайёрии ҳамаҷониба бинад. Дар ҳама ҳолат, аз уҳдаи сари вақт ҳал намудани душворӣ ва муаммоҳои мураккаби дар раванди таълим ба вуҷуд меомадагӣ баромада тавонад. Барои ин, муаллим - устод бояд эҳсоси махсуси педагогӣ, маҳорат ва салоҳияти касбӣ дошта бошад, раванди педагогиро бе ҳеҷ гуна душворӣ идора карда тавонад. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки ба дили хонандагон ва донишҷӯён роҳ ёфта тавонад ва дар онҳо шавқи донишандӯзӣ, сазовори Ватани азизи худ будан, ҳисси сазовори муаллими идеалии худ буданро ба вуҷуд орад. Муаллим бояд тарзе амал намояд, ки барои хонандагон ва донишҷӯён намуна ва шоистаи пайравӣ бошад, ки ҳузури ӯ ба насли наврас ва донишҷӯён хурсандӣ оварад, ҳисси инсондӯстӣ ва ватанпарастиро дар замири онҳо парварад. Аз дидори ӯ ҳамеша шогирдон шод гарданд, дарди дили худро ошкоро ва бе ҳеҷ дудилагӣ гуфта тавонанд. Дар чунин вазъият насли наврас ва донишҷӯён кӯшиш менамоянд, ки мисли ӯ шаванд, дар ояндa ба шогирдони худ хурсандӣ бахшанд, соҳибмаърифату хушахлоқ ва ҳаётдӯст бошанд. Ин ҳам яке аз роҳҳои хеле муҳимми баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбия мебошад;

• барои он ки муаллим-устод ин хислатҳоро дар табиати насли наврас ва ҷавонон парварад, бояд шахсан дорои ҷаҳонбинии васеъ, пурэҳсос, ғамхор, устувор ва қатъӣ бошад. Барои ҳар он чӣ ки ба инсон манфиат меоварад ва ба муқобили ҳама он чи ки дар кори педагогӣ халал расонда метавонад, мубориза бурда ба навгониҳои (инноватсияи) педагогӣ баҳои сазовор дода тавонад. Дар кори педагогии худ шакл ва воситаҳои нав ба нави кори таълимро бо шавқи том ва фаъолона истифода барад. Аз шаклу воситаҳое, ки каммаҳсул мебошанд, ба осонӣ даст кашида тавонад ва кори худро дарҳол дигаргун созад. Кӯшиш намояд, ки ба ҳамаи он устодоне, ки аз пайи навигариҳои ташкили кори таълим мебошанд, фикру андешаҳои худ ва дар бораи таҷрибаи худ нақл намояд;



• барои дар кори педагогӣ моҳир гардидан, бояд аввалин шуда, дар роҳи дар амал татбиқ намудани тавсияҳои назариявӣ саъю кӯшиш намояд. Бо далелҳои боэътимод онҳоро исбот карда тавонад. Ин гуна фаъолияти эҷодии ӯ илми педагогиро бо идеяҳои нав, бо фикру андешаҳои нави такондиҳанда ғанӣ гардонда, ба идеяҳои нав ва хулосаҳои нав замина гузошта метавонад. Ба ҳамин роҳ, ӯ аз педагоги моҳир ба педагоги навовар табдил меёбад, ки ӯро дар байни коллективи педагогӣ муаллими «беқарор» меноманд. Чунки ӯро ҳеҷ чиз конеъ кунонда наметавонад.

Барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ мо ҳамеша тарафдори ҳамин гуна муаллимони моҳир-эҷодкор ва навовару «беқарор» мебошем.

Онҳо соҳиби ниятҳои нек, дили пок, такондиҳандаи ҳаёти донишҷӯён буда, ҳаёти худро баҳри беҳбудии ҳаёти насли наврас ва донишҷӯён мебахшанд.

## 2. Андешаҳои мутафаккирон дар бораи касби омӯзгорӣ

***Ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод-омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад.***

*- Эмомалӣ Раҳмон*

Мусаллам аст, ки аҳли илму адаб, сиёсатмадорон касби муаллимиро касби инсонсоз мегӯянд ва худи ӯро қолабрези ақли нав обутобдиҳандаи инсони комил, равшангари кошонаи дил, чароғи нурафшон, роҳнамои илму ирфон, шоҳсутуни кохи миллат, руҳбахши ҷисму ҷон, муҳандиси қалби инсон, машъали фардо донистаанд. Ҳақ бар ҷониби он донишманде, ки гуфтааст:

“Нависанда дар асарҳои худ, рассоми хуб дар мусаввараҳояш, муҷассамасози чирадаст дар муҷассамаҳояш зинда мемонад. Муаллими хуб дар афкору кирдори одамон абадият меёбад”.

Афкори педагогии халқи тоҷик чун адабиёти классикии он хеле ғанӣ аст. Бештари асарҳои намояндагони барҷастаи

адабиёти классикии тоҷику форс, ки роҷеъ ба масъалаҳои одаму одамгарӣ, адолату некукорӣ, илму маърифат, фазлу адаб, ҷавонмардӣ, донишу амал – ҳамаи намудҳои тарбия ва фазилатҳои неку бади инсонӣ дахолат намудаанд, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Чунончи, «Калила ва Димна» - и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома» - и Абулқосим Фирдавсӣ, «Тадбири манзил», «Шифо», «Урҷуза фит – тиб», фаслҳои аввали «Ал – қонун» - и Ибни Сино, «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» - и Носири Хусрави Қабодиёнӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон» - и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон» - и Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон. Ҳамчунин, дигар асарҳои хоси парвариши панду ахлоқи ниёгон, аз қабили «Қобуснома» - и Унсурулмаолии Кайковус», «Ахлоқи Носирӣ» - и Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ» - и Ҷалолиддини Давонӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ» - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон дар тарбияи наслҳои имрӯзу оянда, аҳаммияти бузург доранд. Баъзе ин асарҳо дар давоми қарнҳо дар мактабу мадрасаҳо ҳамчун дастури таълимӣ ва дар хонаводаҳо, ба хусус барои волидайн, ҳамчун воситаи тарбияи кӯдакон истифода шуда омадаанд. Омӯзгорро имрӯз метавонем ба равшангари шоми шогирдон ташбеҳ диҳем, нуре гӯем, ки чашмони шогирдонро равшанӣ мебахшад, оламро мунаввар ва мушкили ҷомеаро осон мегардонад.

Касби омӯзгорӣ, аз қадим арзи вуҷуд дошта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ наслҳои бузургсол таҷрибаҳои андӯхтаи истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, маънавию фарҳангии замонашонро ба наслҳои оянда омӯзонида омадаанд, ки танҳо зимни чунин равобит пешравӣ ва рушди ҷомеа имконпазир хоҳад гашт.

Истилоҳи «*пейдагогос*» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои «*пейда*»-атфол, кӯдак ва «*гогос*»-раҳнамои атфолро ифода намуда, дар Юнони қадим ғуломонеро, ки фарзандони ашрофзодагонро ба мактаб роҳнамоӣ мекарданд, «*пейдагогос*» ном мебурдаанд. Ин истилоҳ бо мурури замон маънои қаблиашро тағйир дода, он соҳибкасберо, ки дар мактаб бо таълиму тарбияи инсон машғул аст, *педагог* - *омӯзгор* меноманд.



Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ омӯзгорро мушкилкушою равшанкунандаи роҳи одамон ба қалам додааст:

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Аз ин лиҳоз, барои чунин ҷаззобиятро ба вуҷуд овардан ҷомеа ниёз ба омӯзгор дорад. Маҳз омӯзгор аст, ки зулмотро барҳам зада, рӯшноиро ба ҷомеа эҳдо мекунад.

Дар ҷамъияти инсонӣ касбу ҳунарҳои гуногун мавҷуданд ва дар зиндагии инсоният тамоми онҳо заруранд, лекин касби муаллимӣ аз ҳамаи касбҳо хубтару пуршарафтар аст. Омӯзгорӣ касбӣ пуршараф аст. Муаллим банизомдароварандаи насли одамизод аст. Мардум азизтарин, қиматтарин ва бебаҳотарин офаридаи худ - фарзандашро бовар карда ба омӯзгору устод месупорад. Дар ин маврид Сайидои Насафӣ фармудааст, ки иқтибос овардани он айни мудаост:

Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Муаллим аст, ки моро тули солҳо аз кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ пеш бурда, ҳар рӯз ноаён қаҳрамонӣ нишон медиҳад, дар мо ҳиссае аз дили худро мегузорад. Мехостам дар бобати касби пурифтихори омӯзгорӣ ва меҳри устод ибрози андеша намоям. Муаллим роҳнамои илму ирфон аст ва ҳидоятгари имрӯзу фардои мост. Муаллим фурӯғи зиндагӣ аст. Муаллим чароғи рӯзгорон аст. Вожаи муаллим бисёр зебост ва ба лаҳн овардани он ширину гуворост.

Бе муаллим на духтур асту на иқтисодчиву муҳандис, на муҳосибу на шоиру нависанда, на ходими сиёсиву на худи омӯзгор. Меҳнати муаллим сангину вале пуршараф, пурҳарорат ва пурмашаққат аст. Бахти баланд аст вохӯрдан бо омӯзгоре, ки ба дигарон хубӣ, адолат меомӯзонад, инсон буданро ёд медиҳад.

Чуноне ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи Султонӣ» фармудааст: «*Бидон, ки ҳеҷ коре бе устоде муяссар намешавад ва ҳар кӣ бе устод коре кунад, бебунёд бошад*».

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест*».

Касби омӯзгорӣ дар ҷомеа пешаи басо зарурӣ дониста мешавад. Асосгузори назарияи илми педагогика Ян Амос Коменский дар бобати касби омӯзгорӣ чунин зикр намуда буд: «Ба муаллимон вазифаи муҳиме супорида шудааст, ки аз он баланд дар зери хуршед чизи дигаре буда наметавонад».

Дар ҳақиқат, касби омӯзгорӣ нисбати дигар касбҳо масъулияти баланд ва заҳмати зиёдро талаб менамояд.

Ҳакими Юнони қадим Афлотун гуфта буд: «Агар кафшдӯз устои бад бошад, давлат он қадар зарари зиёд намебинад, - шаҳрвандон як дараҷа бадтар мепӯшанд, аммо агар мураббии кӯдакон вазифаҳои худро бад иҷро кунад, дар мамлакат як насли томи ҷоҳилу бадахлоқон пайдо мешавад».

Инчунин ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ шахсеро бовар намуда супориданд, ки ниҳоят гапдаро ва монанди химча ҳар тараф хоҳӣ, қат кардан мумкин аст. Ин фикрро Соиби Табрезӣ ба таври зайл ифода намудааст:

Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Рисолати омӯзгор сӯхтану сохтан аст. Мақсуд аз сӯхтанҳояш оламро мунаввар кардану бо сохтанҳояш ҷаҳонро гулбасар кардан аст. Омӯзгор будан баҳри ояндаи пурнишоти миллат аз худ гузаштану ҷонфидо будан аст. Омӯзгор будан муҳаббат аст, муҳаббате, ки заволнопазир аст. Муҳаббате, ки бедареғ нисори шогирдон мешавад. Омӯзгор будан шараф аст, шарафе, ки интиҳо надорад. Омӯзгор будан масъулияти гарон аст. Масъулияти ояндаи инсонҳоро ба дӯш гирифтан. Омӯзгор будан ҳамеша табассум бар лаб будан аст. Зеро ҳангоми по ба остонаи синф гузоштан даҳҳо ҷуфти чашмҳо бо умеду боварӣ ба сӯят дӯхта мешаванд. Омӯзгор будан дили поку чашми ҳақбин доштан аст, то ҳама дилҳо поку ҳама чашмҳо ҳақбин шаванд. Омӯзгор будан дар ниҳолаке дарахти боровару пурсамар, дар заррае дунё, дар қитъае паҳно, дар қатрае баҳри беканорро дидан аст. Омӯзгор будан бузургтарин вазифа асту сарчашмаи касбу ҳунарҳои дигар. Омӯзгор будан умри ҷовид доштан аст. Шогирдон давоми умри ӯянд. Омӯзгор будан бахти баланд доштану шодком будан аст.



### 3. Вазифаҳои кунунии омӯзгор

Зикр бояд намуд, ки тамоми сифатҳои ахлоқии шахсияти омӯзгор аҳаммияти касбиро дорост. Моҳияти касби омӯзгориро фазилати инсонпарварӣ, дӯст доштану эҳтиром намудани шахсияти шогирдон ташкил медиҳад. Чуноне ки Н.В.Белинский дар ин бобат зикр намуда буд: «Мақсади тарбия – одамгарӣ ва восита- муҳаббат мебошад».

Тазаккур бояд дод, ки яке аз омилҳои муҳимми дар амал татбиқ намудани нуқтаҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи маориф омода ва беҳтар намудани тайёрии касбии муаллимони оянда мебошад.

Академик М.Лутфуллозода оид ба вазифаҳои омӯзгор дар назди ҷомеа чунин ақидаҳои арзишмандро иброз доштааст: “Фаъолияти омӯзгор ба раванди ҷомеа ва зиндагӣ сахт алоқаманд аст. Омӯзгоре, ки фақат фанни худашро медонаду ба атроф коре надорад, сахт иштибоҳ мекунад. Мактабу маориф ҷузъи таркибии ҷомеаанд. Зиндагӣ ва ҷомеа дар назди мактаб дархости худро мегузорад. Дар шароите, ки ҷомеа тағйир меёбад ва ё ин ки пеш меравад, мазмуни таҳсилот (маълумот) ва мақсаду мароми тарбия низ бетағйир намемонад. Дигар ин ки ҳаёт, гузашти рӯзгор худ мактаб аст. Ин мактабу дархости ҷомеаро наомӯхта, даъвои омӯзгорӣ кардан, маъно надорад.

Омӯхтани ҳаёт, бохабар будан аз дархости ҷомеа омӯзгорро ҳозирҷавоб мегардонад. Беш аз ин имконият медиҳад, ки ӯ аз ҳаёт ақиб намонад, баробари зиндагӣ қадам гузорад”.

Муаллим шахсиятест, ки дар мактаб ташкилкунанда, танзимдиҳанда ва амалан иҷрокори раванди таълиму тарбия, оне, ки аз қуллаҳои баланд об гирифта, баҳри шодоб кардани наслҳои наврас чун сарчашмаи мусаффо аз худ меҷӯшад. Ба тариқи дигар гӯем, муаллим муҳандиси наҳуст ибтикори тамоми касбу вазифаҳои олам аст. Меарзад дар васфаш бигӯем:

Бар мақоми рушди руҳии одамизод,
Муаллимро муҳандиси аввал бибар ёд.

*Х. Раҳимов*

Азбаски ихтисоси педагогӣ аз қадимулайём – аз давраи олотсозии ҷамъияти ибтидоӣ арзи вуҷуд дорад, истилоҳи он ҳам дар забони мо муродифҳои гуногун гирифтааст: дабир,

устод, мулло, мударрис, омӯзгор, муаллим, педагог, мураббӣ ва ғайра.

Омӯзгорони Ватани мо мувофиқи қонунҳои педагогӣ амал намуда, нисбати сифати касбӣ ва вазифаҳои волояш худро дар назди халқу Ватан масъул ҳис мекунанд. Яке аз вазифаҳои умдаи онон «...дар шароити давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ...шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, малакаи касбӣ тайёр намудан, то ки онҳо бо ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои аз тарафи умум эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва қонунҳо фаро гирифта шудаанд»[1] мебошад.

Ҳамаи ин зимни педагогикаи ҳамкорӣ ва инсонпарварона муносибаткуниҳо ба каф меоянд. Зеро педагогикаи ҳамкорӣ манбаи нурафканеро мемонад, ки бо мунисию ғамхорӣ (на танбеҳу фишовариҳои руҳӣ) олами ниҳони ботини шогирдон: дарду ниёз, шодиву сурур, бурду бохтҳояшонро фаҳмида мегирӣ, бо майлу дархосташон ба касбу ҳунаре меангезонӣ, нуқтаи ноаёни истеъдодашонро меҳрубонона такон медиҳӣ.

Омӯзгор нисбат ба тарбияи солими насли наврас шахси масъул ва дар назди ҷамъият ҷавобгар аст. Вале барои он ки тарбияи солими навниҳолон шикаст наёбад, худи муаллим бояд солимфикр, бомеҳр ҷӯянда ва мушкилкушои пешаи худ бошад, асрори ниҳони касбашро аз халқ ва бузургон биомӯзад. Зеро халқ эҷодкори нодир, омӯзгори моҳир, ислоҳкори қодир аст. Аз халқу орифон ҷудоӣ ин бераҳнамоӣ аст. Агар ба ин манбаъҳои ғанӣ оқилона рӯ оварда шавад, калиди қуфли ҳар мушкилоту муаммо ба каф меояд. Оре, «Зери ранҷ бувад ганҷҳои пинҳонӣ», - мегӯяд мақоли мардумӣ.

Дар хотир бояд дошт, ки натиҷаи кори муаллим имрӯз чӣ хел бошад, фардо ҷомеаи мо ҳамон хел мешавад. Аз ин лиҳоз, як донишманди мумтоз даҳҳо одамони ҳамроз ва як муаллими варзида садҳо шогирдони санҷидаро ба камол

[1] Асос аз «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» гирифта шуд. Ахбори Вазорати маорифи ҶТ – Душанбе, 2003 – с. 26.



мерасонад, ки дар оянда барои Ватан-модар хизмати шоиста мекунанд.

Нагуфта намонад, ки солҳои охир сатҳи зиндагии мардуми тоҷик, аз ҷумла муаллимон, бағоят коҳид – чунон паст рафт, ки мислаш дар садсолаи гузашта дида нашудааст. Чунин ҳолати сангин баъди соли 1990 – ум, хусусан баъди ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ – ҷанги нанговари бародаркушӣ, ба вуқуъ пайваст. Зиндагии мардуми мо ва табақаи муаллимон нисбат аз дигар халқҳои бародарӣ мислаш дида нашуда паст рафт. Бисёри корхонаҳои истеҳсолкунанда аз фаъолият монда, сатҳи иқтисодии кишвар таназзул ёфт, гуруснагию ғарибӣ ба дари бисёриҳо ҳалқаи мусибат зад. Аз боиси каммаошӣ бисёриҳо тарки касб карданд, муаллимон ва талабагони бебизоат бо мактаб хайрухуш бинмуданд. Шароити пасти иқтисодӣ онҳоро аз илму маърифат пас кашид.

Аммо умедиояндаи сарсабзии миллат дар замири муаллимони қавиирода пойдор монд. Эшон дар ҷодаи худ ҳар қадар азоби руҳӣ бинанд ҳам, таълиму тарбияи мактабиёнро идома дода меоянд.

Донишҷӯён – омӯзгорони оянда тавассути фанни «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» доир ба моҳият, мақсад, вазифаҳо, мавқеи омӯзгор дар ҷомеа маълумот гирифта, хусусиятҳо ва нозукиҳои касби омӯзгориро барои такмили маҳорати педагогии худ кашф менамоянд. Ҳамзамон мувофиқи асосҳои касби омӯзгорӣ дар такмилу тарғиби донишҳои педагогию психологӣ ба худомӯзию худтарбиякунӣ мепардозанд, ки бешубҳа, дар ин ҷода омӯзиши фанни «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» роҳнамои бевоситаи омӯзгорони оянда хоҳад гашт. Дар баробари ин, ба омӯзиши силсилаи фанҳои бо ҳам робитадори педагогию психологӣ, инчунин ба методикаи фанҳои тахассусӣ замина фароҳам меорад.

Тазаккур бояд дод, ки фанни «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» дар баланд бардоштани маърифати касбӣ ба омӯзгорон ёрӣ расонида, ба самаранок гаштани раванди дарс мусоидат менамояд.

Фанни «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» дорои чунин вазифаҳо мебошад:

DENOV TADBIRKORLIK VA PEDAGOGIKA INSTITUTI ARM
№ 1489

- бо бунёди илмии фаъолияти касби омӯзгорӣ шинос менамоянд;

-ба донишҷӯён дар муқаррар намудани интихоби дуруст ё нодурустии касбашон ёрӣ мерасонад;

- оиди моҳият, хусусият ва вазифаҳои касби омӯзгорӣ ва мавқеи он дар ҷомеа маълумот медиҳад;

- роҳу равиши омӯзиши фанҳои мухталифро дар макотиби олӣ муқаррар намуда, раҳнамоӣ менамояд;

- мақсад, моҳият, мазмун ва роҳҳои таҷрибаомӯзии педагогиро муайян мекунад;

- бо маҳорату малака ва технологияи педагогӣ аз назари касбӣ ошно месозад.

Инак, вазифаҳои педагогӣ – майл додани дониш ва маҳорати педагогӣ аст. Албатта, майл додани асоси педагогӣ – ин татбиқу пуркувват кардани таълим, маълумот, тарбия, инкишофу ташаккул додани хонандагон мебошад. Дар ҳар кадоми инҳо муаллим корҳои зиёдеро анҷом медиҳад. Вазифаи асосӣ дар фаъолияти омӯзгор ин идора кардани равандҳои таълим, тарбия, инкишоф ва ташаккули насли наврас аст.

Вазифаи педагогӣ на омӯхтан, балки равона кардани омӯзиш, на тарбия кардан, балки роҳбарӣ кардан ба ҷараёнҳои тарбия мебошад. Ҳар қадаре ки муаллим ин вазифаҳои худро амиқ дарк кунад, ҳамон қадар бо талабагони худ имконияти мустақилӣ, ташаббускорӣ, озодӣ дода метавонад.

Барои он ки муаллим ба таври гуногун фаъолият дорад, тадқиқотчиён чандин намунаи фаъолиятро пешбарӣ кардаанд. Яке аз онҳоро баррасӣ менамоем, ки асосан ба вазифаи умдаи идоракунии педагогии муаллим тааллуқ дорад. Барои аниқ кардани вазифаи идоракунӣ истилоҳи «лоиҳаи педагогӣ» - ро истифода мебарем, ки тахти ифодаи он корҳои гуногуни фикркарда ва анҷомёбии онҳо фаҳмида мешавад: дарс, соати тарбиявӣ, омӯхтани мавзуъ ва қисми он, ташкили викторина, олимпиадаҳо, идҳои мактабӣ ва ғ., ҳамаи ин корҳоро педагог бояд идора кунад ва ҳар қадаре ки онҳоро муаллим оқилона ташкил кунад, ҳамон қадар камбудӣ кам ва сифати кор беҳтар мегардад.



Вазифаи аввалини педагог, ки ҳанӯз мавриди фикркунии лоиҳа пайдо мешавад, ин мақсаднокӣ аст. Мақсад, чунон ки маълум аст, калидосои омили фаъолияти педагогӣ, он ғояи пешакӣ фаҳмидан ва равона кардани ҳаракати меҳнати умумии муаллиму талабагон ба натиҷаҳои умумӣ майл медиҳад. Моҳияти ифодакунии раванд боз аз он иборат аст, ки мутобиқаткунонии амалиёт бо роҳи мақсад – натиҷа, маҷмуи корҳои зиёди ногузир пайваста ба қувваи ҳаракату рафтори иштирокчиёни системаи педагогӣ мувофиқ бошад. Идоракунии раванди омӯзиш, пеш аз ҳама, ба дониши талабагон ва инкишофи онҳо вобастагӣ дорад. Ин бо роҳи ташхисонӣ амалӣ гардонда хоҳад шуд. Бидуни дониши хусусиятҳои инкишофи ҷисмонӣ ва психологии талабагон, сатҳи тарбияи ақлӣ ва ахлоқӣ, шароити тарбиявии синф ва оила ва ғ. ба матлаби дилхоҳ ноил шудан мумкин нест. Ана, барои ҳамин ҳам, педагог бояд методи таҳлили пешгӯӣ кардани вазъияти педагогиро комилан омӯзад. Ин методҳо, чунон ки дидем, дар бисёр мавридҳо методҳои тадқиқоти илмиро такрор мекунанд.

Методи пешгӯикунӣ ба маҳорати пешбинӣ кардани натиҷаи кори муаллим дар шароити аниқ ва дар натиҷа, муайян кардани санъати фаъолияти худ, баҳодиҳӣ ба имконияти ҳосил кардани маҳсули миқдор ва сифати иҷрои супоришҳоро ифода мекунад. Педагоге, ки ба оянда нигоҳ карда наметавонад, ба чӣ кӯшиш намудани худро намедонад, мисли роҳгузари таваккалӣ фақат- тасодуфан ба мақсад расида метавонад.

Ташхис карда ва бо созгории хуби пешгӯӣ такя намуда, педагоги моҳир ба таҳия намудани лоиҳаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ мепардозад. Дар лоиҳа вазифаи муаллим аз тартиб додани сохти фаъолияти оянда, интихоби усул ва воситаҳо, ки дар он шароит ва барқароркунии ба мақсад ноилшавӣ имконият медиҳанд, тақсими қисмҳои ба мақсад ноилшавӣ, ташкил додани ҳар кадоми онҳо бо вазифаи ба худ хосашон, муайян кардани навъ ва шаклҳои натиҷабаҳодиҳӣ ва ғ. иборат аст.

Ташхис, пешгӯӣ, лоиҳа барои коркарди лоиҳаи нақшаи фаъолияти таълимӣ – тарбиявӣ, ки тартиб додани он бо қисми хотимаёбии раванди педагогӣ анҷом меёбад, асосӣ

мебошад. Муаллими кордон бидуни нақшаи ҳамаҷониба фикр карда ба синф воридшавиро раво намебинад. Илова бар ин, вай на як, балки чандин вариант нақша тартиб медиҳад ва барои он эҳтиёҷ мекунад, ки ҳамаи омилҳои мавҷударо фаро гирад, то ки ҳангоми тағйироти вазъият комилан омода бошад, ба ҳамаи ташхисот, пешгӯӣ ва лоиҳасозии раванд дарнамонад.

Дар марҳалаи навбатӣ муаллим вазифаҳои ахборот, ташкилкунӣ, арзёбӣ, назорат ва ислоҳкориро иҷро мекунад. Фаъолияти ташкилкунии муаллим асосан бо ҷалбкунии талабагон ба корҳои пешбинишуда, ба онҳо ҳамкорӣ бинмудан бахри ноилгардӣ ба мақсад. Ҳамкорӣ, ки дар ин бобат гуфта шуда буд, ҳалли муътадили вазифаҳои ташкилиро дар шароити ҳозира осон мегардонад. Моҳияти вазифаи ахборотдиҳӣ фаҳмо аст. Муаллим – манбаи асосии ахборот барои талабагон. Вай ҳамадон аст, нисбати фанни худ, педагогика, методика ва психология. Вазифаҳои назорат, баҳодиҳӣ ва ислоҳ баъзан дар ягонагӣ бурда мешаванд, барои педагог зарурати ҳамаи сабабҳо мегардад. Муаллим ҳамаашро возеҳ мефаҳмад, бидуни ҳадаҳаю шитобкорӣ кор мебарад.

Дар охир ҳангоми анҷомёбии ҳар лоиҳаи педагогӣ муаллим вазифаи аналитикӣ - таҳлилиро иҷро мекунад, мазмуни асосии таҳлил баъди анҷомёбии кор пардохта мешавад: комёбиҳо чӣ тавр аст, барои чӣ он натиҷаи пешбинишуда паст, камбудиҳо кадомҳо, минбаъд барои содир нашудани онҳо чӣ бояд кард ва ғ.

Гуногунии вазифаҳо, ки муаллим иҷро мекунад, ба меҳнати вай қисмҳои бисёр ихтисосҳо – аз актёр, режиссёр, то аналитик (таҳлилкунанда), тадқиқотгар илова карда мешаванд.

Ба ғайр аз вазифаҳои бевоситаи ихтисоси педагогии худ муаллим вазифаҳои иҷтимоӣ, шаҳрвандӣ, оилавӣ низ дорад.

Ҳамин тавр, вазифаҳои кунунии омӯзгори муосир чунин муқаррар карда шудааст: «Шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, малакаи касбӣ тайёр намояд, ки онҳо ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои аз тарафи умум



эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва қонунҳои фаро гирифта шудаанд».

**Шарҳи истилоҳот:**

Истилоҳи «*пейдагогос*» аз забони юнонӣ гирифта шуда, маънои «*пейда*» - атфол, кӯдак ва «*гогос*»-раҳнамои атфол.

Пейдагогос – ғуломоне, ки дар Юнони қадим фарзандони ашрофзодагонро ба мактаб роҳнамоӣ мекарданд.

Педагог – омӯзгор, муаллим, соҳибкасбе, ки дар мактаб бо таълиму тарбияи инсон машғул аст.

Объекти фаъол - ҳар як хонанда шахси фаъол буда, майлу рағбат, талаботҳои худро доранд.

Ташкилотчӣ - маҳорати мақсаднок ташкил намудани раванди таълим.

**Савол ва супориш:**

1. Мақсад ва вазифаҳои курси «Муқаддимаи фаъолияти омӯзгорӣ» аз чӣ иборат аст?
2. Андешаҳои мутафаккирон дар бобати касби омӯзгорӣ.
3. Сифатҳои фаъолияти педагогиро номбар кунед.
3. Вазифаҳои кунунии омӯзгори муосир аз чӣ иборат аст?
4. Мафҳуми «Фаъолияти касби педагогӣ» чӣ маъно дорад?
5. Кадом вазифаи педагогӣ асосӣ аст?
6. Талабот ба муаллими мактаби муосир аз чӣ иборат аст?

# МАВЗУИ 2. ТАЛАБОТ БА ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОР

**Нақша**

1. Талабот нисбати шахси омӯзгор
2. Сифатҳои майли фаъолияти педагогӣ
3. Маҳорати педагогӣ ҳамчун омили пешбарандаи касби омӯзгорӣ

## 1. Талабот нисбати шахси омӯзгор

Омӯзгори асил шахсест, ки фикри миллати хешро бедор, ахлоқро поку зебо ва ақлро ташаккул медиҳад. Омӯзгор як умр меомӯзад ва дигаронро меомӯзонад, дар гирди шамъи илму маърифат бо тамом месӯзаду ба ҷомеа нуру зиё мебахшад. Тарбияи насли наврас, ҷавонон, камолоти ҷисмонию маънавии онҳо дар соҳаҳои гуногуни илм масъулияти баландро тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар баромадҳои худ таъкид месозанд, ки соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат, омӯзгор дар ҳама давру замон чун чароғе шинохта шудааст, ки олами маъниро рӯшан мекунад ва нур мебахшад. Тамоми пешрафт ва боло рафтани фарҳанги асилро ба ин соҳибкасбон нисбат медиҳанд.

Агар муаллим барои эҳёи тафаккури насли нав хизмат намекард, зиндагӣ як лаҳза ҳам пеш намерафт. (А.С. Макаренко)

Омӯзгор шахсиятест, ки пеш аз ҳама, бо ахлоқи ҳамида, тарзи гуфтору муносибат ва назари хайрхоҳонааш ба атрофиён намунаи ибрат буда, ҳамчунин дорои сифатҳои иҷтимоӣ, қобилияти оқилона фикрронӣ, масъулият ва дарки фаъолияти ҷамъиятӣ, устуворӣ нисбати ақоид ва эътиқоди худ низ мебошад.

Ислоҳоти соҳаи маориф ба давраи наве дар ҳаёти мактабу маорифи мамлакат ибтидо гузошт. Омӯзгор дар шароити имрӯза як чеҳраи мондагор бояд бошад. Пеш аз ҳама, ӯ бояд аз худ бипурсад, ки оё донишу фаъолияташ ба талаботи рӯзафзуни давру замон созгор ҳаст? Ба хусус, дар рӯзгори мо, ки талабот аз омӯзгор, аз дарс ва шахсияти ӯ хеле афзудааст, чӣ бояд кард, ки шахсияти мондагор ва ба



эътирофи ҷомеа сазовор бошад? Зеро нақши омӯзгор дар рушди ҷомеа хеле бузург аст. Омӯзгор нафарест, ки илму донишро аз насл ба насл интиқол медиҳад ва барои бунёди ҷомеаи босаодат заҳмат мекашад.

Омӯзгори хуб, пеш аз ҳама, худ бояд намунаи ибрат бошад ва дуруст саволу масъалагузорӣ карда тавонад ва бо таҳаммул сухани дигаронро бишнавад. Омӯзгори хушманд ҳаргиз дар раванди таълим ба таҳқир ва пастзании шаъну шарафи шогирд роҳ намедиҳад. Омӯзгори хуб ҳамеша аз рӯйи виҷдон ва масъулият амал карда, нафари олиҳиммат бояд бошад ва шогирдон низ аз ӯ поквиҷдонӣ, масъулиятшиносӣ ва олиҳимматиро биомӯзанд. Омӯзгори хуб бояд ҳамеша дар назди шогирдон бо шукуфтарӯӣ ва табассум бар лаб ҳозир шавад, ҳаргиз мушкилоти худро сари онҳо бор накунад. Бо ин амал ӯ метавонад фазои солимро созмон бидиҳад. Фазое, ки майлу ҳаваси шогирдонро ба донишомӯзӣ бедор созад.

Омӯзгори хуб, пеш аз ҳама, бояд эҳтироми худро ба ҷо орад, то дигарон эҳтиромаш намоянд. Ростӣ, агар мо соатҳо дар бораи бузургию мақому манзалати омӯзгор ҳарф бизанему нависем, кам аст. Омӯзгор бузургтарин фарди ҷомеа аст. Имрӯз ин фарди беназир, ин рӯшанибахши зиндагӣ бояд азизу арҷманд, сарбаланд, саодатманду дилписанд бошад.

Ҳар як омӯзгор уҳдадор аст, ки тибқи талаботи ҷомеаи муосир, бахри амалӣ гардонидани сиёсати давлат дар соҳаи маориф фаъолият намояд. Дар ин самт вазифаи омӯзгор аз инҳо иборат аст:

- мусаллаҳ намудани хонандагон бо донишҳои илми муосир, инчунин матраҳ сохтани воқеаҳо ва ҳодисаҳои ҷаҳони имрӯза;
- дар хонандагон ташаккул додани тафаккури мустақилонаи эҷодӣ ва роҳҳои дарёфти ҳалли мушкилот;
- омӯзиши роҳу усулҳои истифодаи илми технологияи муосир дар ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ.

Тазаккур бояд дод, ки фаъолияти омӯзгорӣ дорои самтҳои афзалиятнок буда, дар мавриди рушду такмили он омӯзгор ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таълиму тарбия ноил мегардад. Аз ҷумла, дар фаъолияти омӯзгор

маҳорати педагогӣ, дониши касбӣ, қобилияти педагогӣ нақши муҳим мебозад. Баробари эҳтироми шахсияти шогирдон, ба ақидаи А.С.Макаренко, нисбати шогирдон серталаб будан низ лозим аст. Маҳз серталабӣ коҳилиро рафъ намуда, шогирдонро аз илму маърифат бархурдор мегардонад.

Дар ин бора Саъдии бузург фармудааст:

Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симин(-ш) бар канор ниҳод.
Бар сари лавҳи ӯ набишта ба зар,
Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.

Олимон бар он ақидаанд, ки хусусияти касби омӯзгорӣ, аз рӯи вазифаи пуршарафи муаллим дар ҷомеа муайян карда мешавад.

Омӯзгор пулест (кӯпрук) байни ҷомеа ва насли наврас, пайвандгари наслҳост.

Академик М.Лутфуллозода касби омӯзгориро дар ҷомеа арзёбӣ намуда, ба фаъолияти омӯзгор як қатор талаботҳо мегузорад:

- омӯзгор дар асоси илм амал намуда, тарбия ва таълими мақсаднокӣ шогирдонро ба роҳ монад;
- тарзу воситаҳои самараноки таълиму тарбияро ҷӯяд, ба падару модарон бобати тарбияи дуруст маслиҳату машваратҳо диҳад.

Барои он ки ҳамин дастуру маслиҳатҳо мувофиқи мақсад, самаранок дуруст ва таъсирбахш бошанд, омӯзгорро зарур аст, ки ҳадди аққал ду шартро анҷом диҳад.

**Шарти аввал. Дӯст доред, то шуморо дӯст доранд.** Яъне, омӯзгор то шогирдро дӯст надорад, шахсияти ӯро эҳтиром накунад, дар таълиму тарбияи он ҳам комёб намешавад. Шогирдонро, дӯст дошта, байни онҳо тафриқа нагузорад.

Омӯзгор на он аст, ки бигӯяду бигӯяд, балки он аст, ки биҷӯяду биҷӯяд, роҳ нишон диҳад, илҳом бахшад.

**Шарти дуюм. Омӯзед, то омӯзонед.**

Омӯхтан дар фаъолияти омӯзгорӣ ва барои омӯзгор доманадор аст ва маънои васеъ дорад.

1. Омӯхтани назария ва амалияи фаъолияти омӯзгорӣ
2. Худомӯзӣ, ки яке аз шартҳои муҳимми пешравист.



3. Омӯхтани раванди ҷомеа, зиндагӣ ва дархостҳои он
4. Омӯхтани асосҳои методологии маориф, матбуоти даврӣ
5. Омӯхтани таҷрибаи пешқадам
6. Омӯхтани хусусиятҳои психологию педагогии шогирдон, шароити оила ва муносибати калонсолон (падару модарон) нисбат ба ҳамдигар ва таҳсили фарзандон
7. Омӯхтани шароит ва муҳите, ки шогирдонро фаро гирифтааст.
8. Омӯхтани дониш, маҳорат ва малакаҳои касбии худ ва баҳои сазовор додан ба он.

Аммо ин чунин маъно надорад, ки омӯзгор танҳо бо донистани асосҳои илмию амалии фанни худ маҳдуд мешуда бошад. Вайро лозим аст, ки бо асосҳои умумии илмҳои психология, педагогика, усул, тарз ва воситаҳои фанни таълим мусаллаҳ шавад, доираи назар ва ҷаҳонбинии васеъ дошта бошад. Барои ин, ба ӯ силсилаи фанҳои ҷомеашиносӣ ёрӣ мерасонанд.

Барои фаҳмидану муайян намудани шавқу ҳаваси бачаҳо, барои ба мақсади муайян равона кардани пешравии онҳо омӯзгорро лозим аст, ки на танҳо фанни худро аъло донад, инчунин вай одами фозилу доно бошад.

Ҳамаи ин омӯзгорро вазифадор менамояд, ки ғайр аз фанни худ аз дигар сарчашмаҳои ахборот истифода барад. Агар ӯ ин корро накунад, аз ҳамкасбон он тараф истад, аз шогирдонаш ҳатто қафо мемонад.Талаботи муҳимми омӯзгор мавҷудияти қобилиятҳои педагогӣ – хислатҳои шахсиятест, ки дар хоҳиши кор бо хонандагон, муҳаббат ба кӯдакон ва шавқи баланди муоширaт бо онҳо ифода меёбад. Аксар вақт қобилияти педагогӣ ба қобилияти иҷрои амалҳои мушаххас-сухандонию хушбаёнӣ, сурудхонӣ, расмкашӣ, фаъолияти бачаҳоро ташкил кардан ва ғайра маҳдуд мешавад.

### 2. Сифатҳои майли фаъолияти педагогӣ

Дар тули таърихи бисёрасраи худ инсоният таҷрибаи бениҳоят калон ғундоштааст. Ҷомеа аз он муҳимтарин ва зарууртаринро интихоб намуда, барои азхуд кардани онҳо аз

тарафи насли наврас тавассути ахбори умум, асосан ба воситаи омӯзгор ба шуури ҷавонон ҷой мекунад.

Нисбат ба шахсияти омӯзгор ва вазифаҳои касбии ӯ хонандагон, падару модарон, аҳли ҷамъият талаботи зиёд мегузоранд. Талабот нисбат ба омӯзгор системаи сифатҳои касбие мебошад, ки муваффақияти фаъолияти педагогиро муайян мекунанд.




сб... й зоҳир менамуданд, мехостанд ӯро аз ҳама камбудиҳо холӣ бинанд.

Омӯзгорони соҳибтаҷриба ба чунин ақидаанд, ки агар омӯзгор фанни худро дӯст дорад, дар азхудкунии ин илм ба ӯ даҳ баробар осонтар мешавад.

**Ғайр аз ин, пешаи омӯзгорӣ чунин сифатҳои педагогиро низ ба эътибор мегирад:**

- хонандаро ба ҳайси объекти фаъол донистан ва тамоми хислатҳои ӯро омӯхтан;
- мушоҳидакору ҳассос будан;
- омӯхтани роҳҳои дурусти муомила ва барқарор намудани робита бо хонандагон;
- қобилияти ташкилотчигӣ доштан;



- эътиқод доштан ва устувор будан дар афкору зиндагии худ;
- серталабӣ, поквиҷдонӣ, росткорӣ, хоксорӣ .

Дарки эътиқод, одоб, вазифаи инсондӯстӣ сифатҳои асосии омӯзгор ба шумор меравад. Лозим аст, ки муаллими мактаб намунаи шахси дорои фазилатҳои умуминсонӣ бошад.

Муҳаббат ба бачагон муҳимтарин фазилати муаллим ин меҳру муҳаббатест, ки серталабӣ ва қатъият бо адолатпешагӣ дар он асос ёфтааст. Шахсе, ки дорои чунин сифат ва хусусиятҳост, вақт ва неруи зиёди худро сарфи бачагон хоҳад кард. Ӯ тайёр аст, ки аснои зарурат, ҳавас ва хоҳиши худро қурбон намуда, барои манфиати бачагон, эҳтиёҷи худро маҳдуд месозад.

**3. Маҳорати педагогӣ ҳамчун омили пешбарандаи касби омӯзгорӣ**

**Маҳорати педагогӣ** - ба дараҷаи баланд таъмин намудани худташкилдиҳии маҷмуи фаъолияти касбӣ мебошад. Маҳорати педагогӣ ин натиҷаи раванди худтакмилдиҳӣ ва худмаърифаткунии омӯзгор аст.

Маҳорати педагогӣ, ки баъзан санъати педагогӣ ва ё маҳорату санъати педагогӣ низ мегӯянд, илмест нозук ва мушкил. Ба воситаи ҳаракатҳои баҷо истифодаи забони ширину гуворо, мимика, табассум, имою ишора, талаффузи равон, садои гиро ҷалб намудани хонандаҳо ба дарс, бедор намудани шавқу ҳавас, фаъолияти эҷодию маърифатҷӯии онҳо кори саҳл нест.

Маҳорати педагогии омӯзгор – ягон санъати махсус нест, аммо ин касбест, ки онро бояд омӯхт, чӣ хеле, духтур ва навозанда касби худро меомӯзанд. (А.С.Макаренко)

Омӯзгори ҳақиқӣ бо роҳу воситаҳо ва мақсадҳои гуногун шахсиятро ташаккул медиҳад ва дар ӯ хислатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро ҳамчун аъзои фаъоли ҷомеа тарбия менамояд. Яке аз хусусиятҳои хоси маҳорати педагогии муаллим – омӯзгор ин дараҷаи баланди фаъолияти касбии вай мебошад. Ба ин дараҷаи баланди фаъолияти касбӣ ин хусусияти инсондӯстонаи фаъолияти педагогии дониши касбӣ, қобилияти педагогӣ ва техникаи педагогии омӯзгор мусоидат мекунад.

**Маҳорати педагогӣ** дорои чунин қисматҳо мебошад: инсонпарварӣ, дониши касбӣ, қобилияти педагогӣ, техникаи педагогӣ.

**Самти инсонпарварӣ** – дӯст доштани касби худ ва шогирдон.

**Дониши касбӣ-** чунин қисматҳоро тақозо мекунад:
- хуб донистани фанни тадрисӣ ва услуби он;
- донистани педагогика;
- донистани равоншиносӣ.

**Қобилияти педагогӣ** - нишондиҳандаи дараҷаи мустақилияти тафаккур ва сифатҳои иродавию эмотсионалии шахсияти омӯзгор мебошад, ки дар ҳамбастагӣ як ҷузъи томро ташкил медиҳад.

Қобилият дар ҷараёни фаъолият пайдо мешавад ва равнақ меёбад. Қобилият аз малака ва уҳдабарой фарқ мекунад. Агар малака ва уҳдабарой натиҷаи машқ ва таълим ҳисобида шавад, барои инкишоф ёфтани қобилият боз будани истеъдод, хоҳиш ва зеҳн, яъне мавҷудияти хусусиятҳои анатомию физиологӣ дар силсилаи асаби инсон зарур аст. Дар ҳамин заминаи табиӣ хусусияти руҳӣ, ки қобилият меноманд, ташаккул меёбад.

Қобилияти педагогӣ дорои чунин қисматҳо мебошад:

1. **Қобилияти дидактикӣ** - дар шакли фаҳмо ва дастрас ба шогирдон пешниҳод кардани маводи омӯзиш, бедор намудани рағбати маърифатӣ нисбат ба он ва рушди қобилияти фикрронии мустақилона дар раванди таълим аст.

2. **Қобилияти академикӣ** - омӯзгор фанни худро на танҳо дар доираи барномаи таълим, балки васеъ ва ҳаматарафа донад ва доимо аз дастовардҳои соҳаю фанни мазкур огоҳ бошад.

3. **Қобилияти идрокнамоӣ** (персептивӣ) - бо мақсади ташаккулдиҳии шахсияти хонанда омӯзгор зоҳиршавии аломатҳои хурдтарини ҳолати ботинии толибилм ва авзои руҳии ӯро муайян мекунад ва бахри самаранок гаштани раванди омӯзиш ба онҳо таъсир мерасонад.

4. **Қобилияти ташкилотчигӣ** - маҳорати ташкил карда тавонистани коллектив ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти педагогиро талаб менамояд. Чуноне ки омӯзгор фаъолияти худро ба нақша гирифта, вобаста ба вақт дуруст тақсим



намудани ҳаҷми кор ва дар вақти муайяншуда иҷро намудани фаъолиятро ба уҳда мегирад. Инчунин аз омӯзгор маҳорати дар мавридҳои ғайричашмдошт ба фаъолияти худ моҳирона даровардани тағйиротро тақозо мекунад.

5. **Қобилияти коммуникативӣ** – маҳорати муомила карда тавонистан бо толибилм, барқарор кардани муносибати мақсаднок ва риояи маданияти муошарати педагогиро ифода менамояд.

**Техникаи педагогӣ** - ин тарз ва шакли ташкили рафтори омӯзгор. Техникаи педагогӣ маҷмуи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонии педагогӣ нисбати одамон. Воситаи он – нутқ ва муносибати шифоҳӣ.

Техникаи педагогӣ иборат аз ду қисмат аст:
- худидоракунӣ - идора кардани ҷисм (имову ишора), эҳсос, авзоъ, таваҷҷуҳ, мушоҳидакорӣ, тасаввурот, техникаи нутқ (нафасгирӣ, тарзи талаффуз, суръати нутқ);
- таъсир расонида тавонистан ба фард ва коллектив: маҳорати дидактикӣ, ташкилотчигӣ, усулҳои талаботи гузориши технологӣ, ташкили корҳои эҷодӣ ва ғ.

Дар навбати худ техникаи педагогӣ чунин усулҳоро фаро мегирад:

1. Рафтори зоҳирии омӯзгор, ки на танҳо симои зоҳирӣ (сарулибос), балки мимика, пантомимика, имову ишора ва тарзи рафтори омӯзгорро низ дар бар мегирад.

2. Идора кардани ҳолати руҳӣ, ки тавассути амалҳои ҳиссӣ-иродавӣ ифода ёфта, эҳсосот, руҳияи омӯзгор идора карда мешавад.

3. Иҷтимоӣ –персептивӣ дар худ кӯшиши коркарди мушоҳидакорӣ, таваҷҷуҳ, тасаввурот, ҳушёрии касбӣ, пешбинӣ кардан.

4. Технологияи идора кардани раванди таълиму тарбия истифодаи методҳо, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои гуногуни таъсиррасонии педагогӣ нисбати хонандагон ва коллетиви омӯзгориро дар бар мегирад.

5. Хусусиятҳои коммуникативӣ ба муошарати педагогӣ вобаста буда, некхоҳу хайрхоҳ будан нисбати одамон, муомилаву муошират, маданияти педагогиро тақозо менамояд.

6. Технологияи баёни маводи таълим тарзи ташкил ва истифодаи методу воситаҳо, маҳорати режиссёрӣ, ба мавкеъ гузоштани стратегия ва такмили он.

***Ҳамчунин технологияи педагогӣ чунин маҳоратҳоро фаро мегирад:***

1. Интихоби услуб ва оҳанг дар муошират.
2. Идора-кардани диққат ва фаъолияти хонандагон.
3. Маҳорати таъсир расонида тавонистан ба атрофиён тавассути тобиши овоз, тарзи рафтор, сарулибос, симои зоҳирӣ, ҳаракатҳо, нигоҳ, тарзи роҳ гаштан…

Қайд кардан бамаврид аст, ки самаранок гаштани фаъолияти таълим аз ҷорӣ кардани технологияи навини педагогӣ ва истифодаи методу усулҳои самаранок дар раванди таълим вобаста аст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳама давру замонҳо онҳое, ки пешаи омӯзгориро муқаддас медонанд ва худро омӯзгори ҳақиқӣ меҳисобанд, ҳамеша бо мақсади самаранок гаштани фаъолияти таълим, пурсамар азхуд кардани маводи омӯзиш ва пешравии толибилмон дар омӯзиш ҳамчун омӯзгорони пажуҳишгар ва навовару эҷодкор методҳо, воситаҳо ва усулҳои самараноки таълиму омӯзишро ҷустуҷӯ менамуданд.

Ин гуна омӯзгорон ниҳоят фаъолу соҳиби иродаи қавӣ буда, нисбат ба худ серталабанд ва дар пешаи омӯзгорӣ мавкеи устувор доранд. Онҳо ҳамеша раванди таълимро таҳлил карда, фаъолияти худ ва шогирдонашонро дар ҳамаи лаҳзаҳои дарс таҳти назорат қарор медиҳанд ва тибқи он нақшаи амалиёташонро барои оянда муқаррар мекунанд.

Бояд зикр кард, ки таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудан ба фаъолияти хеш натиҷаи баланд бардоштани сатҳи маърифати касбии омӯзгорон хоҳад гашт.

Ҳамин тавр, маҳорати педагогӣ маҷмуи сифатҳои шахсӣ ва касбии омӯзгор буда, ба таҷрибаи шахсии фаъолияти педагогии ӯ вобаста мебошад, ки дар натиҷа ин ё он воситаҳои фаъолияти касбиаш бештар ё такмил меёбанд.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Маҳорат** - истилоҳи арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ маънои «моҳирӣ», «устоӣ» ва «ҳунармандӣ»-ро ифода мекунад.



**Маҳорати педагогӣ** – хусусияти шахсиятест, ки маҷмуи худташкилдиҳии фаъолияти касбиро ба дараҷаи баланд таъмин мекунад.

**Самти инсонпарварӣ** – дӯст доштани касби худ ва шогирдон.

**Дониши касбӣ** – донистани фанни педагогика, психология, фанни тадрисӣ ва услуби он.

**Қобилияти педагогӣ** – нишондиҳандаи дараҷаи мустақилияти тафаккур ва сифатҳои иродавию эмотсионалии шахсияти омӯзгор буда, дар ҳамбастагӣ як ҷузъи томро ташкил медиҳад.

**Қобилияти дидактикӣ** - дар шакли фаҳмо ва дастрас ба шогирдон пешниҳод кардани маводи омӯзиш ва бедор намудани рағбати маърифатӣ.

**Қобилияти академикӣ** - омӯзгор фанни худро на танҳо дар доираи барномаи таълим, балки васеъ ва ҳаматарафа донад ва доимо аз дастовардҳои соҳаю фанни мазкур огоҳ бошад.

**Қобилияти идрокнамоӣ (персептивӣ)** - бо мақсади ташаккулдиҳии шахсияти хонанда омӯзгор зоҳиршавии аломатҳои ҳолати ботинии толибилм ва авзои руҳии ӯро муайян мекунад ва бахри самаранок гаштани раванди омӯзиш ба онҳо таъсир мерасонад.

**Қобилияти коммуникативӣ** – маҳорати муомила карда тавонистан бо толибилм, барқарор кардани муносибати мақсаднок ва риояи маданияти муошırати педагогиро ифода менамояд

**Савол ва супориш:**

1. Талаботи педагогӣ нисбати шахсияти омӯзгори муосир.
2. Сифатҳои шахсияти омӯзгорро номбар намоед.
3. Маҳорати педагогӣ чист?
4. Қисматҳои маҳорати педагогиро шарҳ диҳед.
5. Қобилияти педагогӣ чист?
6. Техникаи педагогӣ чист ва дорои кадом усулҳо мебошад?

## МАВЗУИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

**Нақша:**

1. Фаъолияти педагогӣ ва моҳияти он
2. Хусусиятҳои хоси касби омӯзгорӣ
3. Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ
4. Асосҳои физиологӣ – гигиении фаъолияти фикрии донишҷӯён

### 1. Фаъолияти педагогӣ ва моҳияти он

Фаъолияти педагогӣ-омӯзгорӣ касби хеле қадимист. Дар он таҷрибаи ҳазорсолаи пай дар пайи наслҳо таҷассум ёфтааст. Муаллим аз руи табиати касбии худ пайвандгари наслҳо, барандаи таҷрибаи инсонӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ мебошад. Ваҳдати иҷтимоию мадании халқ, худи тараққиёти ҳаматарафа, пай дар пайи наслҳо аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти педагогӣ вобаста аст.

Пайдоиши касби омӯзгорӣ як падидаи объективӣ мебошад. Зеро, насли ҷавоне, ки насли калонсолро иваз мекунад, таҷрибаи ҷамъкардаи калонсолонро наомӯхта, ҷаҳони гирду атрофро аз нав меомӯхт, ҷомеаи башарӣ рушд намекард.

Чӣ тавре ки Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қайд менамояд:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Аз ин ҷост, ки ӯ, инсонро ба омӯхтани ҳаёт даъват намуда, онро сарчашмаи дониш, хирад, муаллим ва мураббии бузурги инсон шуморидааст. Ба ақидаи ӯ ҳама чизи заруриро инсон маҳз аз ҳаёт меомӯзад. Он чизе, ки шахс аз ҳаёт наомӯхтааст, ба ӯ ягон муаллим омӯзонида наметавонад.

Чи хеле ки дар боло зикр кардем, дар замонҳои қадим, ки тақсимоти меҳнат вуҷуд надошт, таҷрибаи калонсолон дар ҷараёни меҳнат ба бачагон мерасид. Кӯдакон аз овони хурдсолӣ ба ин машғулият машғул шуда, бо ёрии калонсолон усулҳои марбут ба шикор, чидани мева ва ғайраро омӯхта, малакаю маҳорати гуногун пайдо кардаанд. Инсонро аз ҳайвонот бо ҳамин хислатҳо фарқ мекунанд. Такмили асбобҳои кор, тараққӣ додани истеҳсолот имконият дод, ки бештар хӯрока ҷамъ оварда шавад. Бинобар ин, муйсафедону беморонро ба кор ҷалб накарда, ба зиммаи онҳо посбонӣ



кардани оташ ва посбонии кӯдаконро супурдаанд. Мураккаб будани раванди бошуурона тайёр кардан ва истифода бурдани асбобҳои меҳнатӣ зарурати омӯхтани махсуси маҳорат ва ихтисоси меҳнатиро ба миён овард.

Дар баробари ин, вазифаи муҳим ва асосии аҳли соҳибтаҷрибаи қабила фарзандонро ба зиндагии мустақилона омода кардани онҳо, риояи меъёрҳои ҳаёти иҷтимоӣ буд. Фаъолияти педагогӣ аз замони пайдоишаш, дар давраҳои гуногуни таърихӣ рушд ва тағйир ёфт, вале вазифаи асосии он бо таълиму тарбияи наврасону ҷавонон алоқаманд буд. Чӣ хеле ки дар боло зикр гардид, мутафаккирони баркамол дар тамоми давру замон аҳаммияти иҷтимоии фаъолияти педагогӣ, таълиму тарбияро махсус қайд намудаанд. Аз ин рӯ, фаъолияти педагогӣ хусусиятҳои муайян дорад.

Хусусияти аввалиндараҷаи фаъолияти педагогӣ дар он аст, ки дар раванди иҷрои корҳои истеҳсолӣ ба он ҳамаи аъзоёни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ машғул мешаванд. Чунки ин фаъолият хусусияти табиати инсон, яъне майли тарбият ба шумор меравад, падару модар ва хешовандон, дӯстони синну соли калон, ҳамкасбон, гурӯҳҳои тарбиявӣ, истеҳсолӣ, сарварон, шахсони дар вазифа ва ғайраро фаро мегирад. Аммо ҳамаи ин фаъолияти педагогии ғайрикасбӣ ҳисоб мешавад.

Дар марҳалаи болоравии илму техника омӯзгори донандаи асосҳои технологӣ ва компютеронии истеҳсолот, этика, эстетика, мантиқ, ҳуқуқ ва бо методҳои таълиму тарбия мусаллаҳ будаиро тақозо мекунад. Чунин омӯзгорон тавассути омӯзишгоҳҳои миёна ва мактабҳои олии омӯзгорӣ тайёр карда мешаванд. Хатмкунандагони ин муассисаҳои таълимӣ дар тамоми звеноҳои системаи маориф фаъолият карда метавонанд.

Маълумоти олии педагогиро донишҷӯён дар мактабҳои олии омӯзгорӣ гирифта, баҳри баланд бардоштани сатҳи донишҳои касбӣ ҳуқуқ доранд, ки аз лабораторияҳо, кабинетҳо, қироатхонаҳо, китобхонаҳо, асбобу василаҳои варзишӣ ба тариқи ройгон истифода баранд. Донишҷӯ ҳуқуқи ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ шуғл варзидан низ дорад. Мактаби олӣ аз он манфиатдор аст, ки донишҷӯён масъалаҳои дохили коллективиро фаъолона муҳокима

кунанд ва роҳҳои ҳалли баланд бардоштани сифати дониш, азхудкунии асосҳои фан, назму низом, таъмини кумакхарҷӣ, тақсимоти ҷой дар хобгоҳҳоро ба роҳ монанд.

Вазифаи донишҷӯ дар макотиби олӣ чунин муайян карда шудааст:

- мунтазам ва ҳамаҷониба азхуд кардани донишҳои назарӣ ва ҳосил кардани маҳорати амалӣ нисбати ихтисоси интихобкарда;

- азхуд кардан ва баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва фарҳангӣ;

- ҳосил кардани малакаҳои ташкили корҳои оммавӣ-тарбиявӣ;

- иштирок намудан ба машғулиятҳои таълимӣ ва дар вақташ иҷро намудани супоришҳои таълимие, ки тибқи барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд;

- иштирок намудан дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ;

- риоя намудани усулҳои ахлоқӣ;

- иҷро кардани қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимии олӣ ва хобгоҳҳои донишҷӯён.

## 2. Хусусиятҳои хоси касби омӯзгорӣ

Омӯзгор ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷавонон ва инкишофи маънавии онҳоро таъмин менамояд. Ӯ вазифаи масъултарини ҷомеаро ба ӯҳда дорад, ки ояндаи ҷомеа, дар айни ҳол аз ҳама нозуктарин неъмати табиат супорида мешавад.

Омӯзгори имрӯза бояд дорои чунин хусусиятҳо бошад:

1. Содиқ будан ба давлат, ҷамъият, ба идеяҳои бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва дунявӣ;

2. Бояд ҳаматарафа маълумотнок бошад, ихтисоси худро пурра ва чуқур азхуд карда бошад. Маданияти баланди донишандӯзӣ дошта бошад;

3. Омӯзгори имрӯза бояд устоди касби худ бошад. Педагогика, психология ва услуби таълими фанни ихтисосро пурра донад ва тавоно бошад;

4. Нисбат ба бачагон меҳру муҳаббати беандоза дошта бошад ва ин эҳсосотро бо муҳаббат нисбат ба касби худ якҷоя намояд;

5. Омӯзгор одоби касбӣ дошта бошад.



Дигар хусусиятҳои зарурии омӯзгор инҳоанд: маҳорати дурусти баҳодиҳӣ; симои намунавии зоҳирӣ; ҷаҳонбинии васеъ; интизомнокӣ; худфаъолиятӣ; мутобиқати гуфтору рафтор; қавииродагӣ; мардонагӣ; зиндадилӣ; ростӣ; худдорӣ ва ғайраҳо.

Дар замони муосир омӯзгор бояд дар бораи иқтисодиёти бозоргонӣ маълумоти кофӣ дошта бошад. Бо васоитҳои техникии нави замонавӣ кор карда тавонад.

Фаъолияти касбии педагогӣ дорои омодагии махсус ва дониши касбию педагогиро талаб мекунад. Он дар системаҳои муайяни педагогӣ ба амал бароварда мешавад. Аз ин рӯ, ин касб як ихтисоси доимӣ, як навъи фаъолият ва омӯзиш аст, ки манбаи зиндагӣ ва рӯзгор ба шумор меравад. Дар дунёи доимо тағйирёбанда фаъолияти педагогӣ тағйир намеёбад, ҳарчанд, мазмун ва шароити он тағйир ёбад ҳам. Чунки бо тағйири давру замон баъзе касбҳо метавонанд аз байн раванд. Масалан, хаттотӣ, ки дар замони Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҳама зарууртарин ва муосиртарин касб буд, имрӯз комилан аз байн рафтааст.

Аз рӯи таснифоти пешниҳодкардаи Е.А.Климов фаъолияти педагогӣ муошитати инсон ба инсонро дар бар мегирад, бинобар ин, вай ба гурӯҳи касбҳои навъи «инсон-инсон» дохил мешавад. Зеро ба фаъолияти педагогӣ ҳисси хеле баланди вазифа ва масъулият хос аст. Фаъолияти педагогӣ аз дигар намудҳои фаъолияти «инсон-инсон» бо он фарқ мекунад, ки вай дар як вақт касби дигаргунсозанда ва роҳбарикунанда мебошад.

Педагог бояд дар баробари ин ба ташаккул ва тағйирёбии шахсият кумак расонад. Инчунин раванди инкишофи ташаккули руҳӣ ва ҷисмонии ӯро идора намояд. Ба хусусиятҳои хоси фаъолияти педагогӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- эҷод ва истеҳсоли дониш, яъне гузаронидани таҳқиқот, омода намудани корҳо, гузаронидани экспертиза, ҷустуҷӯи навоварӣ ва ғайра;

- назорати дониш дар тамоми марҳилаҳои раванди таълим;

- паҳн намудани дониш тавассути омода намудани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар маводи таълимию методӣ, мақолаҳои илмӣ;

- тарбияи хонандагон, ташаккул ва инкишофи шахсияти онҳо.

Ҳамаи хусусиятҳои номбаршудаи фаъолияти педагогӣ як хел аҳаммият доранд ва онҳо нисбат ба ҳамдигар амалӣ гардонида мешаванд. Асоси мазмуни касби педагогиро донистани табиат, донишҳо оид ба инкишофи ҷамъият, қобилияти муошират бо одамонро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, касби педагогӣ омодагии дутарафа, яъне омодагии махсус оид ба фанни таълимӣ ва гуманистӣ, психологию педагогиро тақозо мекунад.

Дар назди фаъолияти педагогӣ таърихан ду вазифаи иҷтимоӣ - мутобиқшавӣ ва инкишоф додан (ташаккул додан) гузошта шудааст. Агар вазифаи мутобиқшавии тарбиятгирандагон ва донишҷӯён ба ҳолатҳои иҷтимоию фарҳангӣ, фаъолияти зиндагӣ бошад, вазифаи инкишофи ташаккули шахсият, ба фардият ва маҳорати инсон нигаронида шудааст.

Мазмуну моҳияти фаъолияти педагогиро аз нуқтаи назари илмӣ-назариявӣ таҳлил намуда, инро ба назар гирифтан ба мақсад мувофиқ аст. Хусусиятҳои касби омӯзгорӣ аз он иборат аст, ки вай дорои хусусиятҳои инсондӯстӣ, эҷодкорӣ ва коллективӣ мебошад.

**Хусусияти инсонпарваронаи** касби омӯзгорӣ ба тарбияи инсон, азхудкунии дастовардҳои инсонӣ аз ҷониби кӯдак дар робита бо ташаккул ва рушди шахсият ва ба ин васила таъмини идомаи насли башарӣ ва пайвастани наслҳо нигаронида шудааст.

**Хусусияти коллективии** фаъолияти педагогӣ маънои онро дорад, ки барои таълимгиранда на танҳо як муаллим, балки як коллективи омӯзгорон, инчунин падару модарон ва дигар сарчашмаҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

**Хусусияти эҷодии** фаъолияти педагогӣ бо он муайян карда мешавад, ки ӯ барои ба даст овардани мақсади ба миён гузошташуда имкониятҳои худро ба меҳнат то чӣ андоза мувофиқ мекунад. Барои ҳамин ҳам, хусусияти эҷодии фаъолияти педагогӣ аҳаммияти калон дорад.

Имконияти эҷодии педагог аз он шаҳодат медиҳад, ки педагог то чӣ андоза таҷрибаи иҷтимоӣ, донишҳои психологию педагогӣ, фаннӣ, ғояҳои нав, малака ва маҳорат, маҳорати навоваронаро барои қабули қарорҳои воқеӣ азхуд



кардааст. Педагог дорои қобилияти баланд ва тайёрии ҳаматарафаи касбӣ қодир аст, ки вазъиятро чуқур таҳлил карда, моҳияти масъаларо дарк намояд, роҳҳои воқеии ҳалли онро бо тафаккури эҷодӣ дарёфт ва амалӣ намояд.

Мувофиқи маълумотҳои адабиёти илмӣ эҷодиёти педагогӣ қобилияти ҳал намудани вазифаҳои педагогиро дар шароити тағйирёбанда ифода мекунад.

Бояд эътироф кард, ки фаъолияти касбии педагог мураккаб, дар айни замон беназир аст. Он амалӣ намудани амалҳои мунтазами педагогии мақсаднокро дар назар дорад. Зеро он тахмин мекунад, ки вазифаҳои педагогӣ дар муҳлати муайяншуда бо риояи принсипу талаботи муайян ҳал карда мешаванд.

Фаъолияти педагогӣ мисли дигар намудҳои фаъолият аз дарки моҳияти мақсад оғоз меёбад. Мақсади даркшуда ба амал бармеангезад. Мақсад – натиҷаест, ки ҳанӯз ба даст наомадааст; он чизе, ки инсон онро орзу мекунад, ки бояд ба амал оварад. Ноил шудан ба ҳадаф ҳисси амиқи қаноатмандиро ба вуҷуд меорад, ки асоси хушбахтии касбӣ ин хушбахтии инсон мебошад.

## 3. Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ

**Мақсади педагогӣ** - сохтори умумии тасаввурот ва натиҷаи ҳамкории омӯзгор ва хонандагон, ҳамаи ҷузъҳои ҷараёни педагогӣ (муаллим, тарбиятгиранда, ҳадафи тарбия, вазифаҳои тарбия, мазмуни таълим, шаклҳои таълим, усулҳои тарбия, воситаҳои тарбиявӣ, назорат ва баҳодиҳӣ, ки натиҷаҳои он ба он мутобиқ карда шудаанд. Муайян кардани мақсади фаъолияти педагогӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад: аввалан, донистани мақсад ба инкишофи назарияи педагогӣ бевосита кумак мерасонад. Ба таври равшан тасаввур карда мешавад, ки чӣ гуна одамро тарбия кардан лозим аст, моҳияти раванди педагогиро дуруст фаҳмида, муайян мекунад; дуюм, фаҳмидани мақсади фаъолияти педагогӣ ба кори амалии педагог бевосита таъсир мерасонад ва муаллим имконият дорад, ки шахсияти хонандаро ҳамарафа омӯзад. Барои ин омӯзгор бояд дақиқ донад, ки ӯ дар оянда чӣ гуна бояд бошад, сифатҳои заруриро дар худ чӣ гуна ташаккул диҳад.

Дар адабиёти илмӣ-назариявӣ ду хусусияти асосии фаъолияти педагогӣ нишон дода шудааст:

- хусусияти объективии мақсад, яъне хусусияти аввалине, ки бо табиати психологии он алоқаманд аст. Мақсад аз он иборат аст, ки аниқ тасаввур кардани натиҷаи фаъолияте, ки дар тафаккури субъект дар раванди муносибат бо муҳити атрофаш ташаккул меёбад. Ҳадаф аз он сабаб объективист, ки вай дар зери таъсири шароити мавҷуда ва воқеият ба вуҷуд оварда мешавад. Дар баробари ин, мақсад субъективӣ низ мебошад; зеро вай маҳсули шуур буда, дар шуури инсон пайдо мешавад ва ҳар кадоми онҳо ҷиҳатҳои хоси тафаккури инсонро алоҳида инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, вақте ки ин ҳадаф гуфта мешавад, якчанд вариантҳои он низ дар назар гирифта мешаванд.

Хусусияти дуюми мақсад дар он аст, ки вай характери куллӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам, онро дар шароитҳои гуногун иҷро кардан мумкин аст. Мақсади фаъолияти педагогӣ ба таври динамикӣ тағйир меёбад, зеро худи ҳаёт тағйир меёбад. Ин вазъият дар тағйироти давраҳои синнусолӣ равшан зоҳир мегардад. Чунин характери умумӣ доштани мақсад устувории мақсади ниҳоии раванди тарбияро дар баробари таълим таъмин менамояд.

Мақсади таълиму тарбия дар ҷомеа муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, сатҳи инкишофи илму фарҳанг ва техника, анъана ва арзишҳои миллӣ, умумибашариро инъикос менамояд. Ҳамин тариқ, ҳадафи таълиму тарбия аз ҷониби ғояҳо ва арзишҳои ҷомеа муайян карда мешавад.

Ин усули анъанавии таълиму тарбияи насли наврас ба манфиати давлат мебошад. Ин дар навбати худ нишон медиҳад, ки талаботи иҷтимоию тарбиявӣ ба дараҷаи тайёрии аъзоёни ҷамъият низ меафзояд. Дар асри технологияҳои иттилоотӣ инқилоби компютерҳо васеъ ҷорӣ намудани он дар назди маориф вазифаҳои нав мегузорад. Дар соҳаи иҷтимоии ҳаёт равандҳои динамикӣ ба амал меоянд. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки имрӯз ҳадафи ниҳоии таълим тарбияи инсони ҳамаҷониба рушдёфта аст. Ин ҳадаф ҳамчун зарурати рушди шахсият, давлат ва ҷомеа муайян шудааст.



Аз ин рӯ, барои аз ҳама ҷиҳат (бо назардошти таъсири ҳамаҷонибаи ҳаёти имрӯза ба ӯ) мукаммал тарбия намудани одами муосир саъй кардан лозим нест. Вале дар баробари ин, аз ин мақсади фаъолияти педагогӣ (кӯшиш кардан ба инкишофи ҳаматарафаи одам ҳамчун шахс) даст кашидан мумкин нест. Мафҳуми «шахси комили ҳаматарафа» ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти педагогӣ инҳоро дарбар мегирад: инкишофи зеҳнӣ, ташаккули ҷисмонӣ, камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ, якпорчагии бовару эътиқод, инкишофи қобилият, огоҳӣ аз дастовардҳои муосири илму техника, инсондустӣ, меҳру садоқат ба Ватан, меҳнатдӯстӣ, адолат, ватандӯстӣ ва ғайра. Акнун мақсадро аз ҷиҳати объект ва предмет, воситаҳо дида мебароем. Фаъолияти педагогӣ мисли дигар намудҳои фаъолияти инсонӣ бо хусусиятҳои худ: мақсад, объект, субъект ва воситаҳо фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, хусусияти мақсади педагогиро аниқ кардан лозим аст. Он аз инҳо иборат аст:

1. Мақсади педагогӣ тавассути фаъолияти педагогӣ амалӣ мегардад. Масалан, мақсади фаъолияти педагогиро ҷомеа муайян мекунад, яъне натиҷаи фаъолияти педагогӣ бо манфиатҳои ҷомеа алоқаманд аст. Фаъолияти ӯ ҳамаҷониба инкишоф додани шахсияти ҷавонон равона карда мешавад. Фаъолияти педагогӣ муттаҳидии (пайвандии) иҷтимоии наслро таъмин намуда, таҷрибаи як наслро ба насли дигар интиқол медиҳад, ҷавононро ба муносибатҳои иҷтимоӣ равона мекунад, имкониятҳои табиии шахсро барои ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ амалӣ менамояд.

2. Фаъолияти педагогӣ ҳамеша бо идоракунии фаъолияти шахс алоқаманд аст. Муҳим он аст, ки ҳадафи педагогӣ ҳадафи донишҷӯ гардад. Ба он ноил шудан осон нест. Муаллимро зарур аст, ки мақсади кори худ ва роҳҳои ба он расиданро равшан тасаввур кунад ва ба онҳо фаҳмонад, ки ноил шудан ба мақсад барои хонандагон низ муҳим аст. Чуноне ки Иоганн Гёте гуфтааст: «Бо итминон сухан гӯед ва ҳам сухан ва ҳам шунавандагон табиатан пайдо мешаванд».

3. Мақсади педагогӣ натиҷаи раванди педагогӣ мебошад. Идоракунии фаъолияти хонандагон дар раванди педагогӣ (таълим, тарбия) аз он сабаб мураккаб аст, ки мақсади педагог ҳамеша ба ояндаи донишҷӯ нигаронида шудааст. Ин мақсадро педагог нисбат ба донишҷӯ равшантар

тасаввур мекунад. Дар бисёр мавридҳо донишҷӯ аз набудани таҷрибаи зиндагӣ бо ташвишҳои имрӯза зиндагӣ мекунад ва ояндаро пурра тасаввур карда наметавонад. Яке аз педагогҳои эҷодкор Ш.А.Амонашвили ин номутобиқатиро «фоҷиаи асосӣ дар маориф» меномад. Инро дарк намуда, педагогҳои моҳир мантиқи фаъолияти худро мувофиқи талаботи хонандагон тартиб медиҳанд. Моҳияти педагогикаи кооперативӣ ҳамин аст. Ҳамин тариқ, ягонагии ҳадафи фаъолияти педагогӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки:

- вазифаҳои иҷтимоии ҷамъиятро пурра фаҳмида, онро ҳамчун шахси худ қабул кунад. Афзоиши мақсадҳои ҷамъият, ба нуқтаи назари педагогии он табдил ёфтан;
- ба амалу вазифаҳои муайян эҷодкорона муносибат намудан ва ғ.

Диққат додан ба шавқу ҳаваси талабагон, ба мақсади фаъолияти педагогӣ табдил додани онҳо ва диққат додан ба он ҳангоми ба роҳ мондани кору касбу ҳунар роҳнамоии талабагон шарти муҳимми фаъолияти педагогӣ мебошад.

Имрӯз мақсади асосӣ ва ниҳоии фаъолияти педагогӣ тарбия намудани одами ҳаматарафа мебошад. Омӯзгор дар шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодӣ имкониятҳои эҷодии худро пурра истифода барад, мақсад ва манфиати худро, ба манфиати давлат ва ҷамъият равона созад. Хусусияти дигари фаъолияти педагогӣ, чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, самти инсондӯстии он мебошад.

Самти инсонпарварии онро асоси идеологии фаъолияти педагогӣ гуфтан мумкин аст. Дар маорифи муосир принсипи инсондӯстӣ дар шакли тамоили гуманизатсияи таълим амалӣ мегардад. Гуманизм – ғоя ва дидгоҳҳоеро дар назар дорад, ки ба эътирофи арзише, ки инсон номида мешавад, ҳамчун шахсият, қадр кардани шаъну шарафи ӯ асос ёфтааст. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти ҷамъият гуманизм ҳамчун идеали иҷтимоӣ, системаи конкретии тамоюлот ва ақидаҳои пурарзиш аҳаммияти калон пайдо мекунад. Инсонро қуллаи тараққиёти ҷамъият, мақсади олӣ мешуморанд, ки бояд барои инсон тамоми шароит фароҳам оварда шавад, ки инсон тамоми неруи худро ҳамчун шахсият истифода барад. Дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии ҳаёт чун шахси беназир мутаносиб бошад.



Мафҳуми «Инсонпарвар» мафҳуми аввалиндараҷаи инсондӯстӣ буда, маънои ҳамеша омода будан, кумак ба дигарон ҳамчун як хислати арзишманди инсонӣ ва меҳрубонӣ нисбат ба дигарон мебошад.

Бо мақсади идоракунии дохилимактабӣ ташкилоти *иттифоқи касаба* нақши муҳимро мебозад. Иттифоқи касаба барои ёрирасонӣ ба донишҷӯён, беҳтар кардани шароити таълимӣ, маишӣ ва истироҳати онҳо чораҳои мушаххас меандешад.

Дар мактабҳои олӣ чунин вазифаҳо муқаррар карда шудааст: профессор, дотсент, муаллими калон, ассистент, мудири кабинет, лаборанти калон, устои таълимӣ, лаборант.

Ба шурои илмии мактаби олӣ ректор, проректорон, деканҳо, профессорон, дотсентҳо, ба ҳайси баранда намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва донишҷӯён шомил мешаванд.

Донишкада ва донишгоҳи омӯзгорӣ ҳуқуқ доранд, ки тартиби омӯзиши маводҳои барномавиро тағйир диҳанд, курсҳои махсус, семинарҳои махсус ва факултативҳо ташкил намоянд; метавонанд як ё ду имтиҳони давлатиро ***ба кори дипломӣ*** иваз кунанд.

Нақшаи таълимии ин мактабҳои олӣ се силсилаи фанҳоро фаро мегирад: илмҳои ҷамъиятӣ, илмҳои психологӣ – педагогӣ ва илмҳои махсус. Дар нақшаи таълимӣ таҷрибаи педагогӣ аз курсҳои 3-4-5 пешбинӣ карда шудааст.

Дар макотиби олӣ шакли асосии корҳои таълимиро - лексия, семинарҳо, машғулиятҳои амалии лабораторӣ, корҳои курсӣ, мушовара, коллоквиум, санҷиш, имтиҳонҳо ташкил медиҳад.

Чуноне ки маълум аст, дар макотиби олӣ шакли асосии ташкили корҳои таълимиро лексия ташкил мекунад. Лексия истилоҳи лотинӣ буда, маънояш хондан, қироат кардан мебошад. Дар лексия маводи таълимӣ, ягон масъала, мавзуъ, методҳои фан пай дар пай, системанок баён карда мешавад. Лексияи мактаби олӣ аз лексияи мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва лексияҳои оммавӣ фарқ мекунад. Барои лексияи мактабҳои олӣ 50-60% вақти таълимӣ ҷудо карда мешавад. Мавриди қироати лексия мазмуни асосии маводи таълимӣ тибқи нақша ва рӯйхати адабиёт ба донишҷӯён баррасӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, ба донишҷӯён лозим меояд, ки ба

ҳамаи лаҳзаҳои лексия иштирок намоянд. Албатта, дар рафти лексия вазифаи донишҷӯён аз он иборат аст, ки мазмуни онро бо диққат гӯш карда, оиди он фикр ронда, маводро шуурона фаҳмида, фикру мулоҳиза ва хулосаҳои лекторро дарк намоянд ва назари хешро низ нисбати масъалаи матраҳгардида иброз намоянд.

Ҳангоми қироати лексия омӯзгор аз воситаҳои аёнии таълим, ҳамчун усул аз методҳои эзоҳ (нақл), ҳикоя, суҳбат ва мавқеъ истифода мебарад. Мувофиқи талаботи мавзуъ ва мазмуни маводи таълимӣ муаллим аз методҳои таълими проблемавӣ истифода бурда, шавқмандии донишҷӯёнро меангезонад.

Лектор ҳар як лаҳзаи лексияро бо далелу иқтибосҳо ва мисолҳои ҳаётӣ асосонок намуда, моҳияти проблемаҳоро ифшо медиҳад. Дар хотима супоришҳо дода, хулосаҳои зарурӣ бароварда мешавад. Дар баробари ин, навишта гирифтани қоидаҳо, иқтибосҳо, мисолҳои зиндагӣ вазифаи донишҷӯ ба ҳисоб меравад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки агар лектор дар як дақиқа ҳамагӣ 70 калима талаффуз кунад, пас барои бо ин суръат навиштани лексия ба донишҷӯён лозим меояд, ки аз стенография (юн. услуби тез навиштани нутқ тавассути системаи аломатҳо ва ихтисори калимаю ибораҳо) истифода баранд. Лектор барои фарқ кардани қоидаҳо, иқтибосҳо ба интонатсия (пасту баландии оҳанги нутқ) бояд риоя кунад. Лексияро бо калимаҳои кӯтоҳкардашуда, аломатҳои махсус навишта гирифтан мумкин аст.

**Машғулиятҳои семинарӣ.** Семинар калимаи лотинӣ буда, маъноят манбаъ мебошад. Тибқи ин шакли ташкили раванди таълим донишҷӯён таҳти нишондоди омӯзгор мустақилона кор карда, реферат ё маъруза тайёр мекунанд. Дар семинар маводҳои назариявии омӯхташавандаро бо мақсади амиқтару васеътар азхудкунӣ истифода мебаранд. Муаллим мавзуъҳо, масъалаҳои семинарро муайян карда, ба шогирдон рӯйхати адабиёти заруриро тавсия медиҳад. Донишҷӯён тибқи адабиёти тавсияшуда мустақилона кор мекунанд. Бахри ҳаллу фасли масъала бештар ба маводҳои маҳаллӣ, афкори педагогии ниёгон, таҷрибаҳои омӯзгорони ҷумҳурӣ ва берун аз марзи он такя карда мешавад.



Ҳангоми навиштани маъруза ё реферат (калимаи лотинӣ буда, маъноят маъруза мекунам, хабар медиҳам аст) баёни мухтасари хаттӣ доир ба мазмуни кори илмӣ ва масъалаҳое, ки ба дигар маъхазҳо вобастагӣ доранд, ифшо медиҳад. Дар навиштани маъруза ва реферат истифодаи иқтибосҳо аҳаммияти калони исботкунӣ доранд.

Иқтибос – ба гуфтор ё матни худ аз ҷое далел овардан, аз дониши касе ва ё китобе баҳраманд шудан. Иқтибосҳо дар ҳовараќи матн ё китоб аз кадом маъхаз гирифта шуданашон нишон дода мешаванд. Маъруза ва реферат як намуди кори илмӣ – эҷодии донишҷӯён ҳисоб мешаванд.

Дар курсҳои болоӣ *семинари махсус* низ гузаронида мешавад, ки шакли мукаммали семинар аст.Дар рафти он донишҷӯён тарзу усули навиштани реферат, маърузаҳо, корҳои курсию дипломӣ, корҳои методӣ, илмию тадқиқотиро аз бар менамоянд. Ин семинар ба сухани хотимавии омӯзгор ҷамъбаст мегардад.

Машғулиятҳои амалии лабораторӣ ҳам яке аз шаклҳои таълимии мактаби олӣ ба шумор меравад. Лаборатория истилоҳи юнонӣ буда, маъноят меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф намуданро ифода мекунад. Ин шакли таълимӣ аз донишҷӯён бештар ташаббускорӣ, мушоҳидабарӣ ва мустақилиро талаб мекунад. Ба машғулиятҳои лабораторӣ 20-30% вақти маводи таълимӣ ҷудо карда мешавад. Онҳоро, одатан, баъди хондани лексияҳо мегузаронанд, зеро маводи назариявӣ барои гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ асос мегарданд. Аммо баъзан бо сабаби шароитҳои маҳаллӣ онҳоро қабл аз хондани лексияҳо низ мегузаронанд. Дар чунин ҳолат муаллим бояд лексияҳои муқаддимавӣ ё коллоквиум гузаронад ва маъхазҳои заруриро пешниҳод кунад.

*Кори курсӣ* – кори мустақилонаи илмӣ-методии донишҷӯёни донишгоҳи олӣ буда, тибқи нақшаи таълимӣ таҳти роҳбарии муаллими фанни махсус иҷро карда мешавад. Донишҷӯ баҳри амиқ омӯхтани ин ё он мавзуъ кори курсӣ менависад, ки ҳаҷмаш тахминан аз 20-25 саҳифа кам набошад. Муаллим – роҳбари кори курсӣ онро хонда мебарояд, тақриз менависад ва тахминан арзёбӣ мекунад. Корҳои курсӣ дар ҳузури аъзоёни комиссияи махсус ташкилшуда ҳимоя карда мешаванд.

*Кори дипломӣ* – кори ҷамъбастии хатмкунандаи мактаби олӣ, мактаби миёнаи махсус. Он характери таълимӣ – тадқиқотӣ дорад. Дар кори дипломӣ донишҷӯ нисбати мавзуи интихоб намудааш тадқиқот мебарад ва моҳияти мавзуъро дар 50-60 саҳифаи чопи компютерӣ бо далелҳои раднопазир ифшо медиҳад. Баъди ба анҷом расонидани кори дипломӣ роҳбар ва шахсони мутахассис онро хонда, ба ҳимоя пешниҳод мекунанд. Он дар ҳузури комиссияи имтиҳони давлатӣ ҳимоя карда мешавад.

Мавзуъҳои кори курсӣ ва кори дипломӣ дар кафедра баррасӣ гардида ва ба донишҷӯён пешниҳод мегарданд. Донишҷӯ доираи мавзуи интихоб намудаашро муайян карда, нақшаи пай дар пай равшан кардани масъалаҳоро пешакӣ аз назар мегузаронад, методҳои тадқиқотиро ба инобат мегирад, зимни озмуни педагогӣ иттилоотии муҳимро дастрас мекунад ва дар асоси хулосаҳо мавзуъро пайгирӣ мекунад.

Сохти тахминии кори курсӣ ва кори дипломӣ чунин шуда метавонад:

Муқаддима (сарсухан, пешгуфтор). Мавзуъ асоснок карда мешавад, фарзия тасбият меёбад.

Боби аввал. Таҳлили вазъи масъала дар корҳои назарӣ ба таҷрибаи мактаб зикр карда мешавад.

Боби дуюм. Мушоҳидаҳои шахсӣ, далелҳои ба даст даровардашуда, натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ таҳлил карда мешавад.

Хулоса. Хулосаҳои умумӣ зикр мегардад ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда.

Илова (замима). Тарҳ, саволнома, ҷадвалҳо ва дигар маводҳои мушаххас оварда мешавад.

Мушовара ба маънои аз ҷониби муаллим ба донишҷӯён маслиҳат додан, фаҳмидани ягон маводи таълимии дархост намудаи онҳоро ифода мекунад. Ин шакли умдаи ёрирасонӣ мебошад. Дар шакл онҳо ба гурӯҳӣ, умумӣ ва инфиродӣ, аз нигоҳи мазмун ба муқаддимавӣ, мавзуӣ ва пешазимтиҳонӣ тақсим мешаванд. Баъзан мушовара ба шакли мубоҳиса низ сурат мегирад. Дар деканат мушовара, одатан, дар семестрҳо ба нақша гирифта мешавад. Толибилмон ба ҳар як



мушкилоти таълимии хеш аз мушовара ҷавоб ёфта метавонанд.

Дар омӯзиш асоси пешрафти донишандӯзии толибилмонро фаъолияти мустақилонаи онҳо ташкил медиҳад. Донишҷӯ барои супоридани *имтиҳон* донишҳои худро ба система меорад, амиқ мекунад. Имтиҳон арзёбии дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошад. Имтиҳонҳо мувофиқи талаботи барномаи таълимӣ бо саволномаҳои тестӣ ва ё билет гузаронида мешаванд.

Донишҷӯёни мактаби олии омӯзгорӣ бояд ба *корҳои тадқиқотӣ* ҷалб карда шаванд, то ки дар оянда аснои фаъолияти омӯзгории худ аз он самарабахш истифода бурда тавонанд. Зеро фаъолияти муаллим монанди меҳнати олим аст. Барои он ки шогирдонашро муфидона омӯзонад ва тарбия кунад, ононро хуб донад, омӯзад, мушоҳида кунад, зеро зимни тадқиқотҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда мешаванд. Бахри дастрас кардани бурҳону далелҳои раднопазири илмӣ аз методҳои илмӣ-тадқиқотӣ мушоҳида, суҳбат, саволу ҷавоб (анкета), омӯхтани ҳуҷҷатҳои таҳририи талабагон ва ғайра аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тавр, донишҷӯ – омӯзгори оянда дар донишгоҳ бояд аз тадқиқотҳои педагогӣ комилан баҳраманд гашта, дар фаъолияти минбаъдаи хеш самаранок истифода бурда тавонад.

**4. Асосҳои физиологӣ – гигиении фаъолияти фикрии донишҷӯён**

Зикр кардан бамаврид аст, ки яке аз шартҳои муҳимми асосҳои физиологӣ-гигиении фаъолияти фикрии донишҷӯён муқаррар намудани тартиботи рӯз, мувофиқи қобилияти корӣ ва бо суръати муътадил кор кардан ба шумор меравад. Роҳандозӣ намудани фаъолияти зеҳнӣ тибқи меъёрҳои мушаххас донишҷӯёнро аз хасташавӣ бозмедорад, дар як муддати муайян қобилияти коршоямиашонро барқарор намуда, саломатиашонро муҳофизат мекунад.

Қобилияти кории шахс хусусияти инфиродӣ дорад. Чуноне ки тибқи тадқиқотҳои илмии соҳаи илми биоритмология (истилоҳи юнонӣ буда, суръати ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти кори одамонро меомӯзад) дар ташкили

меҳнати фикрӣ бояд мавқеи қобилияти кории одамон ба инобат гирифта шавад.

Аз ин рӯ, донишҷӯ ҳангоми тартиб додани нақшаи фаъолияти корӣ бояд ҳолати шахсии худро ба ҳисоб гирад. Мувофиқи қоидаҳои умумии биоритмология, аввал корҳои начандон душвор, сипас мураккаб ба нақша гирифта шавад ва як фаъолиятро бо фаъолияти дигар иваз кардан бамаврид аст, зеро дар натиҷаи чунин амал шахс фикран ва руҳан хаста намешавад.

Тазаккур мебояд, ки донишҷӯён мавриди иҷрои корҳои мустақилона бояд ба қоидаҳои зайл риоя кунанд: 1) дар ду мавриди самарабахшии қобилияти коршоямӣ худро мутобиқ созанд; 2) иҷрои супоришҳоро тавре ба нақша гиранд, ки меҳнати ақлӣ як хел тақсим гардад; 3) супоришҳоро ба тезӣ ва зӯрбазӯрӣ иҷро кардан нашояд.

Ҳангоми хастагӣ хоб рафта, қобилияти кориро барқарор бояд кард. Физиологҳо ба донишҷӯён 7-8 соат хоб рафтанро тавсия мекунанд.

Пеш аз хуфтан 30-40 дақиқа дар ҳавои тоза гаштан мувофиқи матлаб аст. Ҳамчунин тағйир дода истодани машғулиятҳо низ ҳолати мутаносиби ақлии шахсро таъмин мекунанд, чунончи, хонданро бо навиштан иваз кардан ва ғайра.

Дар фаъолияти ақлӣ ба тартиб овардани ҷои корӣ, риоя намудани регламенти корӣ низ аҳаммияти калон дорад. Дар аудитория, дар корҳои мустақилонаи фориғ аз донишгоҳ меъёри корӣ 6-7 соат, дар манзил 3-4 соат бояд бошад. Дар ҳар 45-50 дақиқа 5-10 дақиқа тафреҳ кардан лозим. Баъди 4-5 соати корӣ камаш 1 соат дам гирифтан шарт аст. Барои он ки вақт қадр карда шавад, ҳама чиз, аз ҷумла китобҳо ба қисматҳои муайян тақсим карда шуда бошанд, барои дастрас кардани китобҳо вақти зиёд сарф нагардад. Аснои кор дар назди донишҷӯ луғатҳо, дафтарчаи хотира бояд бошад.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Хусусияти инсонпарварона** - омӯзгор ба тарбияи инсон, азхудкунии дастовардҳои инсонӣ аз ҷониби кӯдак дар робита бо ташаккул ва рушди шахсият ва ба ин васила, таъмини идомаи насли башарӣ ва пайвастани наслҳо мебошад.

**Хусусияти коллективӣ** – ин фаъолияти педагогӣ маънои онро дорад, ки барои таълимгиранда на танҳо як муаллим,



балки коллективи омӯзгорон, инчунин падару модарон ва дигар сарчашмаҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

**Хусусияти эҷодӣ** - фаъолияти педагогӣ бо он муайян карда мешавад, ки ӯ барои ба даст овардани мақсади ба миён гузошташуда имкониятҳои худро ба меҳнат то ҷӣ андоза мувофиқ мекунад. Барои ҳамин ҳам, хусусияти эҷодии фаъолияти педагогӣ аҳаммияти калон дорад.

**Иттифоқи касаба** - барои ёрирасонии донишҷӯён, беҳтар кардани шароити таълимӣ, маишӣ ва истироҳати онҳо чораҳои мушаххас меандешад.

**Лексия** - истилоҳи лотинӣ буда, маънояш хондан, қироат кардан мебошад. Дар лексия маводи таълимӣ, ягон масъала, мавзуъ, методҳои фан пай дар пай, системанок баён карда мешавад.

**Семинар** - калимаи лотинӣ буда, маънояш манбаъ мебошад. Тибқи ин шакли ташкили раванди таълим донишҷӯён таҳти нишондоди омӯзгор мустақилона кор карда, реферат ё маъруза тайёр мекунанд. Дар семинар маводҳои назариявии омӯхташавандаро бо мақсади амиқтару васеътар азхудкунӣ истифода мебаранд.

**Реферат** - калимаи лотинӣ буда, маънояш маъруза мекунам, хабар медиҳам. Баёни мухтасари хаттӣ доир ба мазмуни кори илмӣ ва масъалаҳое, ки ба дигар маъхазҳо вобастагӣ доранд, ифшо медиҳад.

**Семинари махсус** - шакли мукаммали семинар буда, дар рафти он донишҷӯён тарзу усули навиштани реферат, маърузаҳо, корҳои курсию дипломӣ, корҳои методӣ, илмию тадқиқотиро азбар менамоянд. Ин семинар ба сухани хотимавии омӯзгор ҷамъбаст мегардад.

**Иқтибос** – ба гуфтор ё матни худ аз ҷое далел овардан, аз дониши касе ва ё китобе баҳраманд шудан. Иқтибосҳо дар повароқи матн ё китоб аз кадом маъхаз гирифта шуданашон нишон дода мешаванд.

**Лаборатория** - истилоҳи юнонӣ буда, маънояш меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф намуданро ифода мекунад. Ин шакли таълимӣ аз донишҷӯён бештар ташаббускорӣ, мушоҳидабарӣ ва мустақилиро талаб мекунад. Ба машғулиятҳои лабораторӣ 20-30% вақти маводи таълимӣ ҷудо карда мешавад.

**Кори курсӣ** – кори мустақилонаи илмӣ-методии донишҷӯёни донишгоҳи олӣ буда, тибқи нақшаи таълимӣ тахти роҳбарии муаллими фанни махсус иҷро карда мешавад. Донишҷӯ бахри амиқ омӯхтани ин ё он мавзуъ кори курсӣ менависад, ки ҳаҷмаш тахминан аз 20-25 саҳифа кам набошад.

**Кори дипломӣ** – кори ҷамъбастии хатмкунандаи мактаби олӣ, мактаби миёнаи махсус. Он характери таълимӣ – тадқиқотӣ дорад. Дар кори дипломӣ донишҷӯ нисбати мавзуи интихоб намудааш тадқиқот мебарад ва моҳияти мавзуъро дар 50-60 саҳифаи чопи компютерӣ бо далелҳои раднопазир ифшо медиҳад.

**Мушовара** - ба маънои аз ҷониби муаллим ба донишҷӯён маслиҳат додан, фаҳмидани ягон маводи таълимии дархост намудаи онҳоро ифода мекунад.

**Имтиҳон** - арзёбии дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошад. Имтиҳонҳо мувофиқи талаботи барномаи таълимӣ бо саволномаҳои тестӣ ва ё билет гузаронида мешаванд.

**Биоритмология** - истилоҳи юнонӣ буда, суръати ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти кори одамонро меомӯзад. Дар ташкили меҳнати фикрӣ бояд мавқеи қобилияти кории одамон ба инобат гирифта шавад.

**Савол ва супориш:**

1. Хусусиятҳои шахсияти омӯзгорро номбар намоед.
2. Нақши хусусияти эҷодкории омӯзгор дар ташаккули шахсият.
3. Мақсади фаъолияти педагогиро шарҳ диҳед.
4. Вазифаи мактаби олӣ дар омода намудани омӯзгорон аз чӣ иборат аст?
5. Барои рушди донишҳои касбии худ донишҷӯ дорои кадом ҳуқуқҳо мебошад?
6. Сохтор ва мазмуни кори донишгоҳи омӯзгориро шарҳ диҳед.
7. Шакл ва услубҳои асосии фаъолияти донишҷӯён дар мактаби олӣ аз чӣ иборат аст?
8. Мафҳуми маданияти меҳнати фикрӣ гуфта чиро дар назар доранд?



## МАВЗУИ 4. ОДОБИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ

**Нақша:**

1. Моҳият ва мазмуни этикаи педагогӣ
2. Нақши муошират дар фаъолияти педагогӣ
3. Муошırати педагогӣ – омили муҳимми фаъолияти педагогӣ

### 1. Моҳият ва мазмуни этикаи педагогӣ

Этикаи педагогӣ - илми ахлоқу одоби омӯзгорӣ аст. Ахлоқ як шакли шуури иҷтимоист, ки инкишофи ҷомеаро инъикос мекунад ва ба он фаъолона таъсир мерасонад.

Омӯзгор дар муносибат бо пайравони худ ва атрофиён шоистаи ибрат бояд бошад. Яке аз нишонаҳои ифодаёбии одоби педагогӣ ин нигоҳ доштани андоза дар истифодаи ҳар гуна роҳҳои таъсиррасонии педагогӣ (ҳавасмандкунӣ ва танбеҳдиҳӣ) мебошад. Риоя накардани одоби педагогӣ дар бисёр мавридҳо ба оқибатҳои бад оварда мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзгор чунин шахсе бояд бошад, ки дар ҳама маврид толибилмон тавонанд озодона ба ӯ рӯй оранд, ҳамкорӣ намоянд ва аз донишу маслиҳатҳои ӯ бархурдор гарданд.

Этика ҳамчун илм ахлоқро аз нуқтаи назари вобастагии он ба кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз нуқтаи назари сохт ва вазифаҳои дохилии он, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ зоҳир мегардад, таҳқиқ менамояд. Этика мазмуни назариявии ахлоқро дар фаҳмиши муосири худ асоснок карда, на танҳо барои дарк намудани моҳияти категорияҳои ахлоқӣ ёрӣ расондан, балки барои ба раванди ташаккули хислатҳои ахлоқии наврасон ва ҷавонон таъсири фаъолона расондани системаи тавсияҳо низ нигаронида шудааст.

Мақсади омӯзиши мавзуи «Этика ва одоби муошırати педагогӣ» чунин қисматҳоро дар бар мегирад:

- донишҷӯёнро бо дониш дар бораи этика ҳамчун илми ахлоқ муҷаҳҳаз созад;
- мазмуни бисёрҷанбаи мафҳуми «ахлоқ», категорияҳои ахлоқ, сохтори ахлоқ, асосиро пешниход намояд;
- мазмун ва маънои арзишҳои асосии ахлоқиро дар дурнамои фаъолияти педагогӣ ошкор намояд;
- мазмуни гуногуни меъёрии ахлоқро ҳамчун фалсафаи амалӣ нишон диҳад;

- таъкид кардан ва барои дарк намудани ҷанбаҳои мураккаби ахлоқии касби педагогӣ;

Инчунин ахлоқи ҷомеаи кунунӣ аз омӯзгор хислатҳои беҳтарини инсониро, аз қабили инсондӯстӣ, муносибати дуруст ба касбу кор, эҳтироми шахсияти шогирдон, волидайни онҳоро тақозо мекунад.

**2. Нақши муошират дар фаъолияти педагогӣ**

Муошират яке аз қисмҳои муҳимми илми педагогика ба шумор меравад. Масъалаҳои муошират мавқеи муайянро дар касби омӯзгорӣ ишғол менамояд. Агар муаммоҳои касби педагогиро аз нигоҳи муошират дида бароем, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои таълиму тарбия бо ин раванд зич вобаста мебошад.

Муошират педагогӣ дар ташаккулу такомули маҳорати педагогии омӯзгорон аҳаммияти калон дорад. Маҳорати муошират педагогӣ имкон медиҳад, ки омӯзгор хусусиятҳои педагогии хонандагонро ба инобат гирифта, мувофиқи равандҳои педагогӣ шароит фароҳам орад ва онҳоро ба иҷрои вазифаҳои муайян равона созад.

Муошират педагогӣ – барқарор намудани робита байни омӯзгор ва хонандагон мебошад. Онро ҳамчун ҳамкории касбии омӯзгор бо хонандагон муайян кардан мумкин аст, ки ба муқаррар намудани муносибатҳои эътимоднок нигаронида шудааст. Дар ин ҷо фарҳанги сухан, нафаскашии дуруст, танзими овоз нақш мебозад. Омӯзгор идора кардани овоз, чеҳра, таваққуф, мавқеъ, мимика, имову ишораро меомӯзад. Проблемаҳои муошират педагогӣ дар педагогикаи ҷаҳонӣ фаъолона омӯхта мешаванд.

Вобаста ба услуби муошират педагогӣ се намуди омӯзгорро ҷудо мекунанд: ташаббускор, таъсирбахш ва аз ҳад зиёд фаъол. Якум, ташаббускор дар ташкили муошират, робитаи худро бо хонандагон фардӣ мекунад, муносибаташ мувофиқи таҷриба тағйир меёбад. Дуюм дар муносибатҳои худ чандир аст, аммо ботинан заиф аст. Ӯ ҳадафҳои норавшан ва рафтори ошкоро дорад. Омӯзгори аз ҳад зиёд фаъол ба баҳодиҳии муболиғавии хонандагон ва барпо намудани муошират ғайривоқеӣ майл дорад. Аксар вақт ӯ аз



воситаҳои муошират ғайрисухан истифода мебарад: ҳолат, ифодаи чеҳра, имову ишора, нигоҳ.

**3. Муошират педагогӣ – омили муҳимми фаъолияти педагогӣ**

***Одоби муошират педагогӣ*** – аз тарафи муаллим риояи меъёри қоидаҳои одоби муомила нисбати шогирдон ва волидайни онҳо ва интихоби роҳи шоистаи муносибат бо онҳо дар мавридҳои гуногуни раванди таълиму тарбия мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар таҳти муошират педагогӣ одатан муошират касбии устоду шогирдон дар ҷараёни таълиму тарбия дар назар дошта мешавад, ки вазифаи муайяни педагогиро доро буда, ба пайдо намудани муҳити солими педагогӣ равона карда шудааст ва фаъолияти таълимиро беҳтар намуда, муносибати муаллим ва хонандаро низ хубтар менамояд (Леонтев А.А.).

Одоби муошират педагогӣ тақозо мекунад, ки ҳангоми муомила бо мусоҳиб бояд қабл аз баёни нуқсону камбудиҳо ҷиҳатҳои мусбати он шахс ҳатман зикр карда шавад, то ки беғаразии омӯзгор аз ҷониби тарафайн ҳис карда шавад.

Хусусан, ҳангоми муошират аз омӯзгор пуртоқатӣ, сабру таҳаммул тақозо мегардад.

Маданияти муошират педагогӣ аз омӯзгор тақозо менамояд, ки дар муошират аз маҷбуркунӣ, зӯроварӣ, манънамоӣ ва ҷазодиҳӣ, ки боиси аз ҳам дуршавии толибилм ва омӯзгор мегардад, барканор бошад.

Чуноне ки баъзе сабабҳои аз ҳам дуршавии хонандагон ва омӯзгорон дар муошират мушоҳида мешаванд, чунинанд:

- ҷиддияти аз ҳад беш дар муомилаю муошират ва тарзи рафтори дағал аз ҷониби омӯзгор;
- суханҳои таҳқиркунанда, аз қабили «Калон шудию ҳанӯз ҳам ақлат надаромадааст….»;
- оҳанги фармонфармоӣ доштани муроҷиати омӯзгор дар рафти дарс («Ҳама диққат диҳед!», «Онҳое, ки супоришро иҷро накардаанд, даст боло кунед!» ва ғайра);
- сухангӯии якҷонибаи омӯзгор;
- аз ҳад гузаштани таъкид ва нуқтагириҳо дар дарс («Гап назанед!», «Рост шинед!» ва ғайра»);
- бетаъсир баён кардани сухан дар раванди фаъолият;

- номутаносиб зоҳир гаштани рафтору гуфтори омӯзгор зимни муроҷиат ба шогирд;

- бенатиҷа мондани таъкиди омӯзгор;

- ҳар лаҳза ба ёд овардани иштибоҳи толибилмон;

- номунтазамӣ дар арзёбии кори хонандагон.

Чунин тарзи муошират муносибати омӯзгору хонандагонро дар ҷараёни дарс маҳдуд мекунад ва пешрафти толибилмонро таъмин намекунад.

Бояд зикр кард, ки мазмуни муоширати байниҳамии одамонро донишҳои илмӣ ва ҳаётӣ ташкил медиҳад. Муаллим дар рафти муошират хонандагонро бо донишу маҳорат ва маълумотҳои нав шинос менамояд.

Муошират педагогӣ яке аз қисмҳои муҳимми илми педагогика ба шумор меравад. Масъалаҳои муошират мавқеи муайянро дар касби омӯзгорӣ ишғол менамояд. Агар муаммоҳои касби педагогиро аз нигоҳи муошират дида бароем, он гоҳ гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи ҷанбаҳои таълиму тарбия бо ин раванд зич вобаста мебошад.

Муоширати педагогӣ дар ташаккулу такомули маҳорати педагогии омӯзгорон аҳаммияти калон дорад. Муоширати педагогӣ имкон медиҳад, ки омӯзгор хусусиятҳои педагогии хонандагонро ба инобат гирифта, мувофиқи равандҳои педагогӣ шароит фароҳам орад ва онҳоро ба иҷрои вазифаҳои муайян равона созад.

Тазаккур мебояд, ки дар муошират сабру таҳаммул мавқеи хосро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз омӯзгоре, ноили комёбиҳо мегардад, ки агар фаъолияти худро зимни нақшаи мушаххас мунтазам пеш барад. Зеро тарбия кори тулонӣ ва мушкил буда, аз омӯзгор пурсабрӣ ва моҳирона муомилакуниро талаб мекунад.

Набояд фаромӯш кард, ки эҳтироми шахсияти шогирд дар маркази фаъолияти педагогӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар фасли «Натиҷагирӣ аз консепсияи миллии маълумот» омадааст: *«Тарбия бо мазмуни таълим ҳамгирой ва пайвандии ногусастанӣ пайдо карда, гуманизм-дӯст доштани инсон, эҳтироми мақом ва муҳити моддию маънавии вай- ҳадафи асосии тарбия қарор мегардад»*(3:84).

Яке аз аломатҳое, ки ахлоқи шахсро муаяйн месозад, масъулият ба шумор меравад. Масъулияти муаллим, дар ҳолате ки мазмуни мафҳуми масъулиятро батамом нигоҳ



медорад, фаъолияти муаллим ва вазифаҳои аниқи ҷараёни таълим ва тарбияро низ фаро мегирад. Муаллим бояд ба хонанда маълумоти назари амиқ диҳад, ӯро ба ҳаёт ва меҳнат тайёр намояд. Дар баробари ин, лозим аст, ки хоҳиш ва қобилиятҳои бачаро ҳис намуда, бо муносибати фардӣ сифатҳои мусбати ахлоқии ӯро эҳтиёкорона такмил диҳад.

Муаллиме, ки соҳиби одоби педагогист, дар байни талабагон обрӯ пайдо мекунад. Омӯзгор ҳар қадар зиёд обрӯ пайдо намояд, таълим ва тарбия моҳиятан ба ҳамон андоза бомуваффақият сурат мегирад ва баръакс, обрӯи муаллим чӣ қадар паст бошад, таъсири он ба шогирдон ҳамон қадар кам ва ҷараёни ба воя расидани онон ҳам ҳамон қадар суст хоҳад буд.

Ҳамин тавр, омӯзгор ҳамон вақт ноили комёбиҳо ва сазовори обрӯи баланд мегардад, ки нисбати меъёри ахлоқ ва зуҳуроти онҳо эҷодкорона амал кунад.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Этикаи педагогӣ** – илм дар бораи ахлоқу одоби омӯзгор.

**Одоби муоширати педагогӣ** - риояти меъёри қоидаҳои одоби муомила нисбати шогирдон ва волидайни онҳо, интихоби роҳи шоистаи муносибат бо онҳо дар мавридҳои гуногуни раванди таълиму тарбия.

**Гуманизм**- инсондӯстӣ, дӯст доштани инсон, эҳтироми мақом ва муҳити моддию маънавии вай.

**Маданияти муоширати педагогӣ** - ҳангоми муомила бо мусоҳиб бояд қабл аз баёни нуқсону камбудиҳо ҷиҳатҳои мусбати шахс ҳатман зикр карда шавад, то ки беғаразии шахс аз ҷониби тарафайн ҳис карда шавад.

**Савол ва супориш:**

1. Муоширати касбӣ-педагогӣ чист?
2. Одоби муоширати педагогӣ чист?
3. Сабабҳои устувор набудани ҳамкории омӯзгорону толибилмон дар чист?
4. Этикаи педагогӣ чист?
5. Одоби муоширати педагогӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ чӣ нақш мебозад?

## МАВЗУИ 5. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАОРИФ»

**Нақша**

1. Мақсад ва вазифаҳои системаи маориф
2. Усул ва принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф
3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия, мақоми омӯзгор
4. Консепсияи миллии таҳсилоти (маълумоти) Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1. Мақсад ва вазифаҳои системаи маориф

Маориф-системаи иҷтимоие, ки раванди идораи таълим, тарбия, маълумот ва умуман, маърифати ҷомеаро ба низом медарорад.

Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ яке аз соҳаҳои умда, поягузору неруи ҷомеа ва мунтазам рушдёбанда, асоси рушду камолоти шахс, ҷомеа ва давлат ба шумор меравад. Қудрат, тавоноӣ ва устувории ҳар кишварро системаи маорифи пухта ва дақиқ андешида муайян мекунад.

Мақсади маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи давру замон қонеъ гардондани рушди мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсият, ифшо намудани қобилият ва истеъдодҳо, баланд бардоштани сифати кору ҳаёти худ ва дар ҳамин замина, афзун гардонидани мероси иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баҳри таъмини пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлати демократию ҳуқуқбунёд мебошад.

Вазифаи маориф зимни таълиму тарбия тайёр кардани шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои лаёқати эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва дорои донишҳои амиқ, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, ки онҳо ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои аз тарафи умум эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва қонунҳо фаро гирифта шуда бошанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф аз Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие,



ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993 тасдиқ шудааст.

Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» бо тағйироту иловаҳо 22 июли соли 2013 таҳти №1004 аз нав қабул гардид.

Қонуни мазкур аз 8 боб ва 69 модда иборат аст.

**Боби 1. Муқаррароти умумӣ**

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ
Моддаи 2. Қонунгузории ҶТ дар бораи маориф
Моддаи 3. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 4. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 5. Вазифаҳои қонуни мазкур
Моддаи 6. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил
Моддаи 7. Забони таҳсил
Моддаи 8. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ

**Боби 2. Низоми маорифи ҶТ**

Моддаи 9. Сохтори низоми маориф
Моддаи 10. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он
Моддаи 11. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ
Моддаи 12. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ
Моддаи 13. Муассиси муассисаи таълимӣ
Моддаи 14. Оиномаи муассисаи таълимӣ
Моддаи 15. Таълиму тарбияи томактабӣ
Моддаи 16. Таҳсилоти умумӣ
Моддаи 17. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ
Моддаи 18. Таҳсилоти миёнаи касбӣ
Моддаи 19. Таҳсилоти олии касбӣ
Моддаи 20. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ
Моддаи 21. Таҳсилоти иловагӣ
Моддаи 22. Таҳсилоти махсус
Моддаи 23. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот

Моддаи 24. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ
Моддаи 25. Ташкили раванди таълиму тарбия
**Боби 3. Танзими давлатӣ дар соҳаи маориф**
Моддаи 26. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 27. Идоракунии сифати таҳсилот
Моддаи 28. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 29. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ
Моддаи 30. Баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ
**Боби 4. Идоракунии соҳаи маориф**
Моддаи 31. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф
Моддаи 32. Салоҳияти ҲҶТ дар соҳаи маориф
Моддаи 33. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 34. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд
Моддаи 35. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
Моддаи 36. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф
Моддаи 37. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот
Моддаи 38. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ
Моддаи 39. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ
Моддаи 40. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ
Моддаи 41. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ
Моддаи 42. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф
**Боби 5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия. Мақоми омӯзгор.**
Моддаи 43. Субъектҳои раванди таълиму тарбия
Моддаи 44. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия
Моддаи 45. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ



Моддаи 46. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар соҳаи маориф
Моддаи 47. Мазмуни мақоми омӯзгор
Моддаи 48. Фаъолияти омӯзгорӣ
Моддаи 49. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ
Моддаи 50. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф
Моддаи 51. Уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф
Моддаи 52. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор
Моддаи 53. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф
Моддаи 54. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф
**Боби 6. Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ дар низоми маориф**
Моддаи 55. Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ
Моддаи 56. Андозбандӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 57. Ҳуқуқҳои молумулкии муассисаҳои таълимӣ
Моддаи 58. Фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимӣ
Моддаи 59. Ҷуброни зарари аз таҳсилоти бесифат расондашуда
Моддаи 60. Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ
Моддаи 61. Шартнома дар бораи тайёр намудани мутахассисон
Моддаи 62. Фондҳои соҳаи маориф
Моддаи 63. Эҳсонкорӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 64. Ҳифзи саломатӣ ва ташкили хӯроки умумӣ дар соҳаи маориф
**Боби 7. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи маориф**
Моддаи 65. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи маориф
Моддаи 66. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ
**Боби 8. Муқаррароти хотимавӣ**
Моддаи 67. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур
Моддаи 68. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»
Моддаи 69. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

**3. Усул ва принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф**

Усулҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф чунинанд:

1. Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани таълим дар муассисаҳои таълимии давлатӣ.

2. Ягонагии фазои фарҳангӣ ва маърифатӣ, робитаи таълим бо анъанаҳои миллию фарҳангии халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба мадди аввал гузошта шудани арзишҳои умумибашарӣ, ҳаёту саломатии инсон, инкишофи озодонаи шахс, тарбияи шаҳрвандӣ ва муҳаббат ба Ватан.

4. Ҳатмӣ будани маълумоти асосӣ, дастрас будани маълумоти миёна ё маълумоти касбии ибтидоӣ ва асоси озмуни дараҷаҳои минбаъдаи таълим.

5. Томияти системаи маориф ва идомати зинаҳои он дар муассисаҳои таълиму тарбияи давлатӣ ва хусусӣ.

6. Дастрас будани маълумот, ҳимояи шахс аз ҳама гуна маҳдудиятҳо дар соҳаи таълиму тарбия.

7. Ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идораи маориф. Новобаста будани муассисаҳои таълимии давлатӣ аз нишондодҳои идеологӣ ва қарорҳои ҳизбҳо, ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ.

8. Бепул будани маълумоти миёнаи ҳамагонӣ ва нахуст маълумоти касбии ҳамаи зинаҳо дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ё маҳаллӣ, дар ҳудуди меъёри дахлдори маълумот.

9. Мутобиқати маълумот бо стандарти давлатӣ.

**Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф чунинанд:**

- баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;
- қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ;
- ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
- дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;



- бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
- муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
- ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
- ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
- мустақилияти муассисаҳои таълимӣ;
- раванди муттасили таҳсил;
- мувофиқати соҳаи маориф ба талабот ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди соҳаи маориф бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;
- ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
- пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодии инкишофи маорифро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, сохтори системаи маориф, принсипҳои танзим, идоракунӣ, ваколату самтҳои фаъолияти мақомоти онро муқаррар менамояд ва барои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи маориф заминаи ҳуқуқӣ мебошад.

Баъзе аз нуктаҳои муҳимми қонуни мазкурро доир ба ихтисосҳои амалкунандаи низоми маориф барои дарки масъалаҳои мавриди назар иқтибос овардан ҷоиз шуморида шуд:

**Таълиму тарбияи томактабӣ** (моддаи 15)

1. Таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишофи қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин

омода намудани он ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои томактабӣ: ширхоргоҳ, ширхоргоҳ-кӯдакистон, кӯдакистон, мактаб-интернат, хонаи кӯдакон, маркази инкишофи кӯдакон, кӯдакистони оилавӣ ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ ва муассисаҳои ба онҳо баробаркардашудаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ амал менамоянд.

3. Барои дар оила ва муассисаҳои томактабӣ таълиму тарбия гирифтани фарзандон падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), баробар бо муассисаҳои томактабӣ масъул мебошанд ва барои таъмини инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнии давраи аввали кӯдакӣ ва минбаъд барои ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ омода намудани онҳо уҳдадоранд.

4. Муносибатҳои байни муассисаҳои томактабӣ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шартномаи тарафайн танзим карда мешавад.

5. Давлат муассисаҳои томактабиро аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ карда, дастрасии хизматрасонӣ, таълиму тарбияи томактабиро барои оилаҳои камбизоат таъмин менамояд.

6. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, танзим мегардад.

**Таҳсилоти умумӣ** (моддаи 16)

1. Таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти умумӣ дар бораи табиат, ҷамъият ва арзишҳои таърихию фарҳангии милливу умумибашарӣ ташкил карда мешавад.

2. Таҳсилоти умумӣ тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, мактабҳои (синфҳои) камнуфус ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина: ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад.



3. Синну сол ва мӯҳлати таҳсил дар ҳар зинаи таҳсилотро Қонуни мазкур ва Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ муайян мекунанд.

4. Ба синфи якуми зинаи аввали таҳсилот ҷалб кардани кӯдаконе, ки ба синни 7 расидаанд, ҳатмист.

5. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар шакли рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ, фарогир, оилавӣ ва экстернат ташкил карда мешавад, ки тартиби амалигардонии онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муайян мекунад.

6. Барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими умумии асосӣ (9-сола) ҳатмист.

7. Қабули хонандагон ба зинаи сеюми таҳсилот дар муассисаҳои таълимии таҳсилоту миёнаи умумӣ мувофиқи майлу хоҳиш ва қобилияту завқи онҳо сурат мегирад.

8. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ метавонад дар баробари таҳсили ройгон бо хоҳиши падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи) хонанда дар асосӣ шартномаи тарафайн пулакӣ бошад.

9. Таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бо аттестатсияи хатм ба анҷом мерасад Тартиб ва шакли аттестатсияи хатмро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф муқаррар мекунад.

10. Бо қарори мақоми идоракунии муассисаи таълимӣ ва дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии идоракунии маориф барои мунтазам содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ ва риоя накардани оинномаи муассисаи таълимӣ хонандае, ки ба синни 16 расидааст, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад.

11. Муассисаи таълимӣ ӯҳдадор аст, ки дар бораи хориҷ гардидани хонанда фавран ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

12. Қарори мазкур нисбат ба кӯдакони ятиму бепарастор дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ қабул карда мешавад.

13. Шаҳрвандон барои таҳсилоти динӣ гирифтан дар муассисаҳои таълимии динӣ ҳуқуқ доранд. Фаъолияти ин

муассисаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асосӣ иҷозатномае, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф медиҳад, амалӣ карда мешавад.

14. Гирифтани таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони то синни 18 танҳо бо ризоияти хаттии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) иҷозат дода мешавад.

**4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия, мақоми омӯзгор**

Баъзе аз нуктаҳои муҳими қонуни мазкурро доир ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои омӯзгор дар низоми маориф барои дарки масъалаҳои мавриди назар иқтибос овардан ҷоиз шуморида шуд:

***Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф (моддаи 46)***

Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқ доранд:

- барои фарзандони ноболиғашон муассисаҳои таълиму тарбия ва шакли таълимро интихоб намоянд;
- ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти худидоракун муассисаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон муроҷиат намоянд;
- манфиатҳои қонунии фарзандони худро вобаста ба таълиму тарбия дар мақомоти давлатӣ ва суд ҳифз намоянд;
- барои сифати пасти таълим ва мувофиқ набудани сатҳи таҳсили фарзандон стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, ҳангоми муқаррар намудани чун ин ҳолат аз тарафи комиссияи босалоҳият, маблағи барои таҳсил супурдаи худро аз муассисаи таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд.

Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ӯҳдадоранд:

- барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии фарзанд пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба муассисаи таълимӣ омода ва барои инкишофи қобилияти вай шароити зарурӣ муҳайё созанд;
- ҳуқуқ ва шаъну шарафи фарзандонро ҳифз намоянд;
- фарзандонро дар руҳияи инсондустӣ, ватанпарастӣ, накукорӣ, эҳтироми оила, забони модарӣ, анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии халқи худ ва халқҳои дигар, ҳуқуқу озодиҳои инсон шаҳрванд, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи тарзи ҳаёти солим тарбия намоянд;
- ба фарзандон барои гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таълими мусоидат намуда, дар хона шароити мусоид муҳайё созанд.

Падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагон ӯҳдадоранд, ки раванди таълиму тарбия, мазмуну давомоти таҳсилот ва сатҳи дониши фарзандонашон шинос шаванд.

Падару модаре (шахсони онҳоро ивазкунандае), ки ба таҳсили фарзандон монеа мекунанд, ба тарбияи онҳо беэътиборӣ зоҳир мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Мазмуни мақоми омӯзгор (моддаи 47)**

Мазмуни мақоми омӯзгор вобаста ба хусусиятҳои касбӣ маҷмуи омилҳои зеринро, мақоми омӯзгорро дар ҷамъият муайян менамоянд, дар бар мегирад:

- қадру қимати касби омӯзгорӣ;
- талабот ба меъёрҳои тайёрии касбӣ ва маҳсули меҳнати омӯзгор;
- дараҷаи эътироф ва дастгирии омӯзгор аз тарафи давлат;
- ҳурмату эҳтироми омӯзгор дар ҷамъият, муассисаи таълимӣ, оила ва байни таълимгирандагон.

**Фаъолияти омӯзгорӣ (моддаи 48)**

Ба фаъолияти омӯзгорӣ шахсоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва малакаи зарурии касбӣ доранд, машғул шуда метавонанд.

Омӯзгорон давра ба давра аз аттестатсия мегузаранд. Дар асоси натиҷаи аттестатсия дараҷаи ихтисоси касбии онҳо муайян карда мешавад.

Омӯзгороне, ки амали содирнамудаашон барои минбаъд давом додани фаъолияти омӯзгорӣ мухолифат мекунад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи омӯзгорӣ озод карда мешаванд.

Омӯзгороне, ки вазъи саломатиашон дар асоси хулосаи тиббӣ барои фаъолияти омӯзгорӣ мувофиқат намекунад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи омӯзгорӣ озод карда мешаванд.

**Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ (моддаи 49)**

Фаъолияти омӯзгорӣ бо усулҳои зерин амалӣ мегардад:
- муносибати маҷмуӣ ба таълим ва тарбия;
- хусусияти башардӯстонаи таълиму тарбия ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои таълимгирандагон;
- риояи принсипҳои умумибашарии ахлоқ ва арзишҳои маънавӣ;
- дар назар доштани аломатҳои ҷинсӣ, мансубияти этникӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва дигар хусусиятҳои шахсии таълимгирандагон;
- тарбияи таълимгирандагон дар руҳияи муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои милливу умумибашарӣ;
- муносибати эҷодӣ ба интихоби шакл ва усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ вобаста ба мақсаду вазифаҳои таълим;
- дар асоси дастовардҳои навтарини илм, техника, технология ва фарҳанг такмил додани дониши худ.

**Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф (моддаи 50)**

Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ҳуқуқ доранд:
- шаъну шарафи касбии худро ҳифз намоянд;
- фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшанд;
- барои мутолиа ва рушди маҳорати касбии худ шароит муҳайё намоянд;
- ташаббус ва таҷрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намоянд;
- барои такмили маҳорати касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рухсатии эҷодӣ истифода намоянд.

Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дорои дигар ҳуқуқҳое низ мебошанд, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

**Ӯҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф (моддаи 51)**

Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дар раванди таълиму тарбия ӯҳдадориҳои зеринро доранд:
- оинномa, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимиро риоя намоянд;
- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;



- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот таълимгирандагон талаб намоянд;

дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо машғулиятҳоеро, ки барномаҳои таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд, бесабаб аз фаъолияти омӯзгорӣ худро дар канор нагиранд;
- таълимгирандагонро аз амалҳои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла, оби ҷав), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд;
- аз доираи мавзуе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;
- дар вақти дарс аз телефони мобилӣ истифода набаранд;
- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарони (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;
- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузориро ба дониши хонандагон ва донишҷӯён дар раванди дарс риоя намоянд;
- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз курси такмили ихтисос гузаранд;
- меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;
- дар вақти дарс ва берун аз он аз алфози қабеҳ худдорӣ намоянд;
- вобаста ба қобилият китобҳои дарсӣ, методӣ, назариявӣ ва дастурҳои методӣ таҳия намоянд;
- барои инкишофи маҳорат ва малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намоянд;
- барои дар озмунҳои (олимпиадаҳои) ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намоянд;
- қобилияти зеҳнӣ, илмӣ, таҳқиқотӣ, ихтироъкории таълимгирандагонро муайян намуда нисбат ба онҳо ғамхорӣ кунанд;

- барои рушди камолоти таълимгирандагон шароит фароҳам оваранд;

- аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодаги онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намоянд, онҳоро ба хондани китобҳои илмӣ бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ намуда, барои рушди ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешанд;

- услуби коргузорӣ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсиониро омӯзанд ва таълимгирандагонро ба омӯзиши онҳо ташвиқ намоянд;

- санҷишу имтиҳонҳои қабул ва ҷориро аз рӯи меъёрҳои муайянгардида гузаронида, дар вақти баҳогузорӣ ба амалҳои субъективӣ роҳ надиҳанд; аттестатсияи хатм ва имтиҳонҳои хатмро дар доираи талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ташкил намуда, ба дониши таълимгирандагон баҳои воқеӣ гузоранд;

- рӯзномаи хонандагон ва дафтарҳои санҷишии донишҷӯёнро санҷида, баҳои дар журнал ва варақаи имтиҳонӣ қайдгардидаро ба онҳо гузаронанд;

- иштироки таълимгирандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва дигар маҳфилҳо таъмин намуда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намоянд;

- таълимгирандагонро дар руҳияи эҳтироми падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия кунанд;

- корҳои илмӣ, эҷодии адабӣ, ихтироъкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва дигар корҳои таълимгирандагонро роҳнамоӣ намуда, барои рушди қобилияти зеҳнии онҳо шароит муҳайё намоянд;

- нисбат ба хонандагон ва донишҷӯёне, ки тартиботи дохилии муассисаи таълимиро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва сарулибоси тавсиявиро намепӯшанд, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) -ро сари вақт тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намоянд;

- дафтарҳои фаннии таълимгирандагонро назорат намуда, маводи хаттиро аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида баҳогузорӣ намоянд.



Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф оид ба таълиму тарбия масъуланд:

- ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла, оби ҷав), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла, нос) ва маводи сахттаъсир дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳанд;

- ба хонандагон ва донишҷӯён маслиҳати методӣ ва илмӣ дода, дигар хизматрасонии таълимиро амалӣ намоянд;

- дар вақти корӣ ва раванди дарс бесабаб аз муассисаи таълимӣ берун нараванд;

- ба намуди зоҳирии худ диққат дода, дар муассисаи таълимӣ либоси тавсиявиро пӯшанд, таълимгирандагонро дар руҳияи зебопарастӣ тарбия кунанд;

- ҳуқуқҳои таълимгирандагонро риоя карда, қадру эътибори онҳоро паст назананд;

- одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намоянд.

Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф оид ба таълиму тарбия ӯҳдадорӣ ва масъулиятҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи муассисаи таълимӣ ва санадҳои дохилии он пешбинӣ намудаанд, ба зимма доранд.

**Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор (моддаи 52)**

Шаъну шарафи омӯзгор таҳти муҳофизати давлат қарор дорад.

Дахолати ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти омӯзгор манъ аст.

Санҷиши фаъолияти омӯзгор ва баҳогузорӣ ба кори ӯ танҳо ба мақомот ва шахсони ваколатдор, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян шудаанд, иҷозат дода мешавад.

Аз иҷрои вазифаи касбӣ бе асосҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дур кардани омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф манъ аст.

Назорати фаъолият ва аттестатсияи омӯзгорон тибқи низомномаҳое, ки мақомоти дахлдори давлатӣ тасдиқ намудаанд, амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти касбии омӯзгор танҳо дар доираи касбӣ, аз ҷониби шахсон ва мақомоти дахлдори давлатии соҳаи маориф баррасӣ карда мешавад. Ҳангоми ҷой доштани

камбудиҳо дар фаъолияти касбии омӯзгор шахсияти ӯ набояд таҳқир карда шавад ва ба фаъолияти воқеъбинона ва беғаразона бояд баҳо дода шавад.

Камбудиҳои содиркардаи омӯзгор танҳо пас аз санҷиши касбии мақомоти дахлдори давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Санҷиши фаъолияти омӯзгорро танҳо дар асоси мурочиати хаттӣ ё санади тартибдодаи мақоми (шахси) ваколатдор оғоз кардан мумкин аст.

Омӯзгор ҳуқуқ дорад дар хусуси баҳогузории нодуруст ба фаъолияташ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ё суд мурочиат кунад ва ҷуброни зарари моддӣ ва маънавии ба ӯ расондашударо талаб намояд.

**Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф (моддаи 53)**

Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дорои чунин имтиёзҳо мебошанд:

- мӯҳлати даъвати омӯзгорон ба хизмати ҳарбӣ ба таъхир гузошта шавад;

- ба рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат бароянд;

- ҳангоми беморӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доруворӣ ва табобати ройгон таъмин гарданд;

- аз хизматрасонии коммуналӣ ройгон ё имтиёзнок истифода баранд, ки тартиби онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

- барои дастовардҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас бо мукофотҳои соҳавӣ, давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ сарфароз гардонида шаванд;

- барои меҳнати шоиста ва дастовардҳои педагогию илмӣ ба ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ сарфароз гардонида шаванд;

- омӯзгороне, ки бори аввал аз фонди давлатӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд ё ба беҳтар намудани шароити манзилиашон эҳтиёҷ доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал бо хонаи истиқоматӣ ё қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд;



- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки бори аввал хонаи истиқоматӣ месозанд, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоби маблағи ғайрибуҷетӣ ё ташкилотҳои қарздиҳанда қарзҳои бефоиз ё имтиёзноки барои омӯзгор қобили қабул муқаррар карда мешаванд;

- барои омӯзгороне, ки дар хонаҳои истиқоматии фонди манзили давлатию ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунанд, дар сурати доштани собиқаи кории омӯзгории на камтар аз 15 сол манзили истиқоматиашон ройгон хусусӣ карда мешавад;

- бо пешниҳоди хулосаи тиббӣ роҳхатҳои ройгону имтиёзноки муассисаҳои табобатии истироҳатӣ, инчунин сайёҳию туристиро бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кунанд;

- омӯзгорони ҷавон дорои имтиёзҳои иловагӣ мебошанд, ки онҳоро тибқи қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи истифодаи рухсатии дарозкардашудаи пардохтшаванда истифода намоянд;

- омӯзгороне, ки собиқаи кории бефосилаи на камтар аз 25 сол доранд, бо хоҳиши худашон метавонанд ба нафақа бароянд ва дар асоси шартнома дар муассисаи таълимӣ ё дигар соҳа кор кунанд;

- омӯзгороне, ки бемории музмин доранд, баъди на камтар аз ҳар 10 соли кори муттасили омӯзгорӣ ба рухсатии дарозмуддати то яксолаи пардохтшаванда ҳуқуқ доранд. Номгӯи беморӣ, тартиб ва шарти пардохти музди рухсатии дарозмуддат аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

- барои омӯзгорони ҷавоне, ки дар деҳот фаъолият менамоянд, барои 3 сол иловапулӣ ба маош муқаррар карда мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- барои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, ки дар муассисаҳои таълимии низомаш махсус фаъолият менамоянд, иловапулӣ ба маош муқаррар карда мешавад, ки андоза ва тартиби пардохти онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ аз имтиёзҳое, ки барои омӯзгорон ва дигар

кормандони муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқи баробар истифода бурданро доранд.

**4. Консепсияи миллии таҳсилоти (маълумоти) Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Консепсия истилоҳи лотинӣ буда, маънои нуқтаи назар, система, бунёди назариявии ягон равандро ифода менамояд. Консепсияи миллии маълумот ҳуҷҷатест, ки дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад.

Ҷузъи таркибии мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷҷат мақом, мақсад ва вазифаҳои маълумот (таҳсилот)-ро дар марҳилаи нави таърихӣ муқаррар менамояд.

Консепсия тақозо менамояд, ки бо иштироки тамоми вазорату кумитаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ барномаҳои мухталифи давлатии рушди соҳаи маориф таҳия тасдиқ ва амалӣ гарданд.

Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳо 3 майи соли 2002 тасдиқ шуд.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ системаи ягонаи таълими муттасил амал мекунад, ки маълумоти ҳамагонӣ, касбӣ ва тайёрии махсуси шаҳрвандон, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳоро таъмин сохта, ба тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат мекунад.

**Сохтори зинаҳои таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муассисаҳои таълимӣ аз инҳо иборатанд:

- томактабӣ;
- маълумоти ҳамагонӣ;
- муассисаҳои махсуси таълиму тарбия;
- беруназмактабӣ;
- касбӣ (ибтидоӣ, миёнаи махсус, олӣ, комплексҳои таълимии истеҳсолӣ ва ғайра);
- муассисаҳои таълимии иловагӣ ва хадамоти таълимӣ.

2. Муассисаҳои таълимӣ чунин буда метавонанд:

- давлатӣ ва ғайридавлатӣ;
- пулакӣ ва бепул;
- тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ.

3. Муассисаҳои давлатии таълимӣ дорои ҳуқуқи мустақили шахси юридикӣ буда, мувофиқи тартиби



муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил меёбад.

4. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ аз лаҳзаи мувофиқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шуданаш ба ҳуқуқи шахси юридикӣ ҳисоб мешавад.

5. Асоси ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимии давлатиро низомномаҳои тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаҳое, ки дар асоси онҳо тартиб дода мешаванд, ташкил медиҳад.

6. Бо мақсади ба муассисаҳои таълимӣ додани мақоми муайян (гимназия, литсей, коллеҷ, донишкада, донишгоҳ, академия ва ғайра), инчунин санҷиши сифати кори онҳо мувофиқи Низомномае, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, аз ҷониби мақомоти маориф аттестатсияи давлатию ҷамъиятии онҳо гузаронида мешавад.

7. Давлат риояи ҳуқуқи муассисаҳои таълимиро кафолат медиҳад.

***Таълиму тарбияи томактабӣ***

Бо мақсади расонидани ёрӣ ба оилаҳо, муҳайё намудани шароити мусоид дар тарбияи кӯдакони хурдсол ва синни томактабӣ, бо назардошти майлу рағбат ва ниёзи волидайн (шахсони онҳоро ивазкунанда) ширхоргоҳу кӯдакистонҳо ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ ва кӯдакистонҳои типи интернати гуногунсоҳа ташкил карда мешаванд.

***Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ***

Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ қисми асосии системаи муттасили таълим буда, инкишофи шахсият, азхуд намудани донишҳои илмӣ, малакаҳои меҳнатӣ ва касбии ибтидоӣ, рушди қобилияти эҷодии инфиродӣ, сатҳи фарҳангӣ ва тарбияи ҷисмониро таъмин мекунад.

Тибқи Қонуни маориф ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти миёнаи ҳамагонӣ инҳо ва намудҳои гуногуни мактабҳо ташкил карда мешаванд, ки аз се зина – <u>*ибтидоӣ, асосӣ ва миёна*</u> иборатанд. Синну сол ва давомнокии таҳсил дар ҳар зинаи таълим мувофиқи Низомномаи мактаби маълумоти ҳамагонӣ муайян карда мешавад.

***Маълумоти миёнаи умумӣ (ёздаҳсола) ҳатмӣ мебошад.***

Қабули талабагон ба зинаи сеюми маълумот дар муассисаҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ дар асоси озмун сурат мегирад. Ҳангоми аз як синф ба синфи дигар гузаштан бо қарори идораи муассисаи таълимӣ мумкин аст имтиҳонот ҷорӣ карда шавад.

Бо қарори шӯрои мактаб талабагонеро, ки 15-сола шудаанд, аз муассисаи таълимии давлатӣ хориҷ кардан мумкин аст.

Аз - рӯи нишондоди тиббӣ ва дигар асосҳои пешбинишудаи Оинномаи муассисаи таълимӣ имтиҳонҳоро ба дигар шаклҳои санҷиш иваз кардан мумкин аст.

Муассисаҳои маълумоти ҳамагонӣ илова ба меъёри давлатӣ метавонанд шаклҳои зайли таълимиро низ ҷорӣ намоянд:

а) таълими тафриқавӣ;

б) курсҳои мувофиқи талаби хонандагон;

в) курсҳои омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ.

Барномаи ин курсҳоро мақомоти идораи муассисаҳои таълимоти умумӣ тасдиқ мекунанд.

Мувофиқи хоҳиши талабагон ва волидайни онҳо (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар сурати мавҷуд будани базаи зарурии моддӣ дар мактаби миёнаи маълумоти ҳамагонӣ тайёрии ибтидоии касбиро ҳам ташкил кардан мумкин аст.

Кӯдакону бачагони ятим ва наврасоне, ки аз сарпарастии волидайн маҳрум шудаанд, дар хонаи бачагон ва мактаб-интернатҳои маълумоти ҳамагонии гуногун, ки барои онҳо таъсис гардидаанд, тарбия меёбанд.

Барои бачагон ва наврасоне, ки ба табобати тулонӣ эҳтиёҷ доранд, мактабҳои маълумоти ҳамагонии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санаторию бачагона ташкил карда шудаанд.

Барои бачагон ва наврасони дорои иллати ҷисмонӣ ва ақлӣ, ки имкони дар мактабҳои маълумоти ҳамагонии муқаррарӣ таҳсил карданро надоранд, мактабҳои махсуси (ёрирасони) маълумоти миёнаи ҳамагонӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳое, ки таълиму тарбия ва табобати ин гуна бачагонро таъмин карда, онҳоро барои меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд, таъсис карда шудаанд.



Бачагон ва наврасоне, ки ба шароити махсуси тарбия муҳтоҷанд, дар мактабҳои махсус ё омӯзишгоҳҳои махсуси касбӣ, ки офияти иҷтимоии онҳоро таъмин менамоянд, таълим мегиранд.

***Тарбия ва таълими берунамактабӣ***

Таълиму тарбияи берунамактабӣ қисми таркибии системаи маориф буда, аз ташаккули қобилияту истеъдоди бачагону хонандагон, қонеъ гардонидани шавқу завқ ва талаботи маънавии онҳо нигаронида шудааст.

Кори берунамактабӣ якҷоя бо муассисаҳои таълиму тарбия, коллективҳои меҳнатӣ, кооперативҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои эҷодӣ, ширкатҳо, хазинаҳо, шаҳрвандон бепул ва (ё) дар асоси қарордод (пулакӣ ташкил карда мешавад) ва ба интихоби ихтиёрии навъи муассисаҳо ва майлу рағбати алоқамандон асос меёбад.

Ба муассисаҳои таълиму тарбияи берунамактабӣ қасрҳо, хонаҳо, стансияҳо, клубҳо ва марказҳои эҷодии бачагону наврасон, мактабҳои варзишии бачагону наврасон, мактабҳои ҳунарӣ, бадеӣ, студияҳои мусиқӣ, муассисаҳои солимгардонӣ ва дигарҳо тааллуқ доранд.

Мазмун ва шакли кори муассисаҳои берунамактабиро мутобиқи Низомномаи муассисаҳои берунамактабӣ шӯрои онҳо муайян мекунанд.

Тарбиягирандагон ва хонандагони онҳо ба истифодаи бепул ва имтиёзноки иншоотҳои варзишӣ, фарҳангӣ ҳуқуқ доранд. Тартиби истифодаи имтиёзоти мазкурро мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян мекунад.

***Маълумоти ибтидоии касбӣ***

Муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ (литсейҳои касбӣ - техникӣ, курсҳо, комбинатҳои таълимии курсӣ ва ғайра) ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки мувофиқи майлу рағбат ва қобилияташон дар заминаи маълумоти асосӣ, касбу ихтисосҳои коргарӣ гиранд, вобаста ба талаботи соҳаҳои хоҷагии халқ ва кадрҳои соҳибихтисос бозомӯзӣ намоянд ва ихтисосашонро такмил диҳанд.

Давлат ба шаҳрвандон бепул гирифтани касби аввалро дар ҳамаи шаклҳои маълумоти ибтидоии касбӣ кафолат медиҳад.

*Маълумоти миёнаи касбӣ*

Дар муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ (техникумҳо, коллеҷҳо, мактабҳои миёнаи махсус ва дигар муассисаҳои таълимии ба онҳо баробар) шаҳрвандон метавонанд бепул ва (ё) дар асоси қарордод (пулакӣ) дараҷаи баланди касби коргарӣ ё дар заминаи маълумоти ибтидоии касбӣ, асосӣ ва миёнаи пурра ихтисос гиранд, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос кунанд.

*Маълумоти олӣ* .

Маълумоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи маълумоти миёнаи ҳамагонии пурра ва касбӣ аз ҳисоби давлат ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ бепул ва (ё) дар асоси қарордод (пулакӣ) ба амал бароварда мешавад. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар асоси шартнома (пулакӣ) бори дуюм маълумоти олӣ гиранд.

Мактабҳои олӣ фаъолияташонро дар асоси Низомномаи мактабҳои олӣ ба амал мебароранд.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Маориф**-системаи иҷтимоие, ки раванди идораи таълим, тарбия, маълумот ва умуман, маърифати ҷомеаро ба низом медарорад.

**Мақсади маориф** – тибқи талаботи давру замон қонеъ гардонидани рушди мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсият, ифшо намудани қобилият ва истеъдодҳо, баланд бардоштани сифати кору ҳаёти худ ва дар ҳамин замина афзун гардонидани мероси иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баҳри таъмини пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлати демократию ҳуқуқбунёд мебошад.

**Вазифаи маориф** - зимни таълиму тарбия тайёр кардани шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои лаёқати эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва дорои донишҳои амиқ, маҳорат ва малакаҳои касбӣ мебошанд.

**Субъектҳои раванди таълиму тарбия** – шомил мешаванд: омӯзгорон, падару модарон, толибилмон, донишҷӯён.

**Муассисаи томактабӣ.-** ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад.

**Консепсия** - истилоҳи лотинӣ буда, маънои нуқтаи назар, система, бунёди назариявии ягон равандро ифода менамояд.



**Консепсияи миллии маълумот** - ҳуҷҷатест, ки дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад.

**Таҳсилот** – равандест, ки дараҷаи фарогирии дониш, малака, маҳорат ва ахлоқи инсонро муайян мекунад.

**Коллеҷ** – муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Бакалавр** – яке аз дараҷаҳои маълумоти олии касбӣ.

**Магистр** – дараҷаи илмие, ки пас аз супоридани имтиҳон ё ҳимояи рисолаи магистрӣ ба хатмкунандагони мактабҳои олии касбӣ медиҳанд.

**Менталитет** – сифати ақл, фаъолияти маънавӣ, тарзи тафаккур ва қобилияти фикрии инсон; маҷмуи сифатҳое, ки ба ин ё он халқияту миллат хос аст.

**Савол ва супориш:**

1. Маориф чист?
2. Мақсад ва вазифаҳои маориф аз чӣ иборат аст?
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз чанд боб ва модда иборат аст?
4. Усулҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро шарҳ диҳед.
5. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маорифро шарҳ диҳед.
6. Омӯзгорон дар соҳаи маориф дорои кадом имтиёзҳо мебошанд?
7. Омӯзгори муосир кадом масъулиятҳоро дар уҳда дорад?
8. Обрӯю-эътибори омӯзгор ба чӣ вобаста аст?
9. Моҳият ва мақсади Консепсияи миллии таҳсилотро шарҳ диҳед.
10. Мақсади таҳия ва қабули Консепсияи миллии таҳсилот аз чӣ иборат аст?

# МАВЗУИ 6. КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ТАРБИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Нақша:**

1. Зарурияти таҳия ва қабули Консепсия
2. Асоси методологӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия
3. Мақсад, вазифа ва заминаҳои тарбияи миллӣ
4. Унсурҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ.

## 1. Зарурияти таҳия ва қабули Консепсия

Консепсияи миллии тарбия (минбаъд Консепсия) сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас, муайян месозад. Он моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим оварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар руҳияи арзишҳои суннатию башарӣ яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа дониста, масъалаҳои демографӣ ва танзими оиларо ҳамчун омили асосии ҷомеаи солим ба миён гузоштааст, ки роҳу усулҳои самараноки амалӣ намудани онҳо дар Консепсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Консепсия бо дарназардошти анъанаву суннатҳои арзишманди миллати тоҷик ва халқияту миллатҳои дигари Тоҷикистон таҳия гардидааст. Он имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон, новобаста аз маҳаллу миллат ва нажод, роҳҳои гуногуни тарбияро барои инсони комил будан интихоб ва амалӣ намоянд.

Дар шароити имрӯза зарурияти таҳия ва қабули Консепсия аз инҳо иборат аст:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили тозаистиқлол дар марҳалаи аввали ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қарор дорад. Рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ дошта, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст.

2. Пас аз қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳуҷҷатҳои муҳим, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи мактаби миллӣ, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардидаанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо вобаста ба таълиму тарбия фикрҳои солим ва арзишнок гуфта шудаанд. Аммо илми педагогика собит менамояд, ки тарбия, аз рӯи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим муқаддамтару васеътар аст. Мутаассифона, ҳуҷҷате, ки дурнамои тарбияи миллӣ, ҳадаф, вазифа ва мазмуну мундариҷаи онро вобаста ба сиёсати давлати соҳибистиқлол ва арзишҳои миллию башарӣ муайян намояд, то ҳол таҳия нагардидааст. Консепсияи мазкур таҷрибаи нахустин буда, тарбияи миллии тамоми шаҳрвандони ҷумҳуриро дар назар дорад.

## 2. Асоси методологӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбия

Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад. Муҳтавои ин методология дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъкид ёфтааст.

Давлат дар сиёсати худ перомуни тарбияи миллии шаҳрвандон кафолат медиҳад, ки дар тарбияи миллӣ фазои ҳуқуқӣ фароҳам оварда, санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ қабул ва дар амал татбиқ карда шаванд. Муассисаҳои давлатии таълим ва тарбияро барои тарбияи шаҳрвандон таъсис дода, шароит муҳайё месозанд, ки:

- дар ҷомеа ба дигарақидагӣ, озодии сухан, виҷдон, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ дар доираи қонун касе халал нарасонад;

- тавассути адабиёти илмию оммавӣ, бадеӣ ва аз тариқи васоити ахбории умум маводи дорои мазмуни тарбияи миллӣ ба шаҳрвандон дастрас гардад.

Ҳукумати Тоҷикистон тамоми чораҳоро мебинад, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, - аз хурд то калон, - дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд. Намуна ва ибрати шоиста будани, пеш аз ҳама, рафтору гуфтори мансабдорони мақомоти давлатӣ, сарварони муассисаҳоро мутобиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ талаб карда, дарк ва ҳисси масъулиятшиносии падару модарон ва шахсони калонсолонро дар тарбияи насли наврас баланд мебардорад.

Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии анъанаю расму оинҳои мусбати миллии кишварро дар тарбияи мардум дастгирӣ карда, барои истифодаи осори пурарзиши илмӣ, адабӣ, таърихӣ, динӣ ва асару дастурҳои Сарвари давлат доир ба тарбияи шаҳрвандон тадбирҳо меандешад.

Тарбия ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон, наврасон, ҷавонон, кӯдакони ятиму бепарастор, нафақагирону пиронсолонро дар оила, кӯдакистонҳо, мактабҳо, хонаҳои бачагон ва калонсолону маъюбон таъмин карда, ба тарбияи ҷавонон, аз ҷумла баланд бардоштани



сатҳи маърифати духтарону занон барои тарзи ҳаёти солим, танзими оилаю оиладорӣ ва ба камол расонидани фарзандони солим мусоидат менамояд ва ҳифзи иҷтимоӣ ва иқтисодии муаллимону мураббияҳо ва парасторонро, ки ба тарбияи кӯдакон, наврасон ва калонсолон дар муассисаҳои гуногуни табобатию тарбиявӣ машғуланд, ҳимоя менамояд;

Рушд ва дастгирии муассисаҳои тарбиявию фароғатӣ, аз ҷумла истироҳатгоҳҳои фасли тобистонро ба ухда гирифта, наврасону ҷавонони боистеъдодро аз ҷиҳати моддиву маънавӣ дастгирӣ менамояд.

Саҳм, масъулият ва фаъолияти вазоратҳои маориф, фарҳанг, тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттифоқҳои эҷодиро дар тарбияи мардум, аз ҷумла насли наврас, баланд мебардорад ва ҳамоҳанг месозад.

Дар ҷумҳурӣ намудҳои гуногуни варзиши миллиро ривоҷ медиҳад. Ташаббуси сарпарастон ва дигар одамони саховатмандро дар бобати муҳайё намудани шароити корҳои тарбиявӣ дастгирӣ менамояд.

Ҳарчанд ки тарбия вазифаи умумӣ ба ҳисоб меравад, аммо масъулияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи он бештар мебошад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои зеринро амалӣ мегардонад:

- таҷдиди назар намудани нақшаю барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ бо мақсади пурқувват намудани самти амалию тарбиявии онҳо ва ноил шудан ба гуманнизатсияи мазмуни таълим;
- тарбияи маниши (характери) миллӣ ва тафаккури миллӣ;
- таҳияи талаботи умумӣ ва ягонаи тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои таълим, оила ва ҷойҳои ҷамъиятӣ;
- таҳияи системаи корҳои тарбиявӣ, ки тавассути онҳо падару модарон ҳамчун шарики доимии мактабу муаллим ҷалб карда мешаванд;

• ташкили вохӯриҳо ва суҳбатҳои мунтазами одамони машҳур, роҳбарони муассисаю вазоратҳо бо наврасону ҷавонон;

• пурзӯр намудани мавзуъҳои тарбиявии барномаҳои курсу семинарҳои такмили ихтисоси муаллимон, роҳбарони синфҳо;

• мавриди таҳлилу таҳқиқ ва мавзӯъҳои корҳои курсию дипломӣ қарор додани масъалаҳои тарбияи миллӣ, аз қабили тафаккури миллӣ, худшиносӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ;

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазоратҳои фарҳанг, адлия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, амният, мудофиа, даромадҳо ва пардохтҳои давлатӣ, корҳои дохилӣ, алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатиии сохтмон ва меъмории Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон, занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттиҳодияҳои эҷодӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва шахсони ҳуқуқиву воқеӣ тадбирҳои зеринро ба анҷом мерасонанд:

• барои амалӣ намудани талаботҳои Консепсияи мазкур нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро таъмин менамоянд;

• системаи ахборотию иттилоотии соҳаи тарбияи миллиро таъмин менамоянд;

• бо марказҳои ҷаҳонии тарбия ва таҳсилот робитаи педагогӣ барқарор менамоянд;

• дар таҳияи барномаҳо ба масъалаҳои тарбияи миллӣ, ки ба иззати нафси халқ, миллатҳои дигар намерасанд, бештар аҳаммият медиҳанд;

• оид ба забон, адабиёт ва таърихи халқи тоҷик, инчунин сарватҳои моддию маънавии тоҷикон бештар маводи илмию оммавӣ ба нашр мерасонанд;

• барои нозирони давлатии роҳ, андоз, гумрук, тамоми кормандони ҳифзи ҳуқуқ, тандурустӣ, савдо ва ғайра, ки кори ҳамарӯзаи онҳо аз муоширату муносибат ва одамон иборат мебошад, доир ба риояи одоби муошират, ҳусни гуфтор, ҳифзи саломатӣ, муҳит ва ғайра дастурҳо таҳия намуда, иҷрои онро таъмин мегардонанд;



• барои аз байн бурдани зӯроварӣ дар қисмҳои ҳарбӣ тавассути унсурҳои гуногуни тарбия тадбирҳои самарабахш меандешанд:

• барои тарбияи аскарону афсарони дорои сифатҳои беҳтарин шароит муҳайё месозанд;

• доир ба тарбияи маҳбусон дар муҳити маҳрумият аз озодӣ шароит муҳайё карда, барои ба тарзи ҳаёти солим баргардонидани онҳо тарзу усулҳои гуногуни тарбияи маънавӣ, хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, гуманистӣ, меҳнатӣ, зебопарастӣ ва ғайраро татбиқ менамоянд;

• марказҳои компютерӣ, Интернет, алоқаи электронӣ, ки бо ҷаҳони мутамаддин мепайванданд, ташкил мекунанд;

• ба бештар саҳм гирифтани оммаи васеи мардум, дар тадбирҳои муҳимми давлатию байналмилалӣ, аз ҷумла: гуфтугӯйи тамаддунҳо, даҳсолаи об барои ҳаёт, ҷашнҳои миллию давлатӣ, намоишгоҳҳо, ҳафтаи фарҳангу адабиёт, вохӯриҳо, бозӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ ва ғайра мусоидат менамоянд.

• ба тарзи миллӣ сохтану ороиш додани бино ва қасру майдонҳоро ба нақша мегиранд;

• ба номгузории миллию таърихии хиёбону кӯчаҳо, шаҳру ноҳияҳо ва деҳаҳо ҷиддӣ муносибат карда, номҳои шаклан ва мазмунан зебои асотирию миллиро эҳё менамоянд;

• чопи «Зиндагиномаи намояндагони машҳури миллат», нашри китобҳо бо нақшу нигори миллиро ба роҳ мемонанд;

• истеҳсоли маҳсулоти миллӣ, аз қабили: обҳои маъданӣ, нону шириниҳои гуногун, асбобҳои мусиқӣ, асбобҳои заргарӣ, кулолӣ, сӯзанӣ, қолину атлас, чойнику пиёла, аз гиёҳҳои ватанӣ омода намудани доруворихои гуногунро ривоҷ медиҳанд;

• фаъолияти Кумитаи Олимпии варзиш, дастаҳои футболи миллӣ, гӯштини миллӣ, бозиҳои миллӣ, чавгонбозиро пурзӯр менамоянд;

• дар баробари рамзҳои давлатӣ, барои эҷод ва ҷорӣ намудани рамзҳои дигари миллӣ озмунҳо мегузаронанд.

### 3. Мақсад, вазифа ва заминаҳои тарбияи миллӣ

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсаднoки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад.

Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

### 4. Унсурҳои таркибӣ ва мазмуни тарбияи миллӣ

Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Дар ин кишвар ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурӣ, қатъи назар аз миллат, нажод, эътиқод, ҷинс, забон, эътиқодҳои динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ баробар тарбия мегиранд. Ҳамаи шаҳрвандон метавонанд фарзандонро дар руҳи анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия намоянд, ба шарте ки он хилофи арзишҳои умумидавлатии Тоҷикистон ва манфиатҳои кишвар набошад.

Анъана, суннатҳои воло, арзишҳои миллии халқи тоҷик, ки дар давоми қарнҳо ба тарзи ҳаёти мо ворид шудаанд,



менталитет ё маҷмуи сифатҳои онро ташкил медиҳанд. Ҷавҳар, хосият ё маҷмуи сифатҳои тоҷикон аз илму донишомӯзӣ, заҳматписандию таҳаммул, сарукор бо замин, оштию сулҳпазирӣ, тадбирҷӯӣ, худшиносӣ, талоши фарҳангӣ, меҳмондорию меҳмоннавозӣ, устувориҷ оила, ифтихори ватандорӣ, шикастанафсӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, хушбинӣ (оптимистӣ), дӯстию рафоқат, иззату эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол, некӣ ва накукорӣ, адлу адолатҷӯӣ, дастгирии ятимону мухтоҷон, канораҷӯӣ аз ҳирсу ҳасад, кибру ғурур, кинаю адоват, хиёнат ва аҳдшиканӣ ва ғайра иборатанд.

Унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ аз инҳо иборатанд:

**Тарбияи ғоявӣ**. Тарбияи ғоявӣ категорияи ахлоқӣ буда, мақсади он дар шуури шаҳрванд ташаккул додани ғояи миллӣ мебошад. Вазифаи асосии ин мафҳум ҳимояи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бунёд ва таҳкими ҷомеаи демократӣ, эҳёи хусусиятҳои миллӣ, ҷавобгӯи манфиатҳои миллии халқҳои Тоҷикистон, ба давлати мутараққии ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Тарбияи миллӣ**. Тарбияи миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад.

**Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ**. Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Бахри иҷрои онҳо ҷиддӯ ҷахд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад.

Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар

бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад.

**Тарбияи ватанпарастӣ.** Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад.

«Фаромӯш набояд кард, ки, — таъкид мекунад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов,-танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад».

**Тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ.** Ин таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкору ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф, саховатманд ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлоқию маънавӣ доранд. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад.

Илму фарҳанг дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд. Забон, адабиёт, таърих манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, осори арзишманди динӣ, ёдгориҳои таърих, асарҳои санъат, барномаҳои радио, телевизион, маводи компютер, шабакаи «ИНТЕРНЕТ», васоити ахбори умум дар тарбияи ахлоқию маънавӣ олами маънавии инсон ғанӣ мегардад. Тарбияи миллии маънавии инсон нақши асосӣ дорад. Тарбияи маънавии инсон ба тарбияи ахлоқии шаҳрванд наздик аст. Ҳар ду аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар тарбияи шаҳрвандӣ вазифаҳои муштаракро анҷом медиҳанд.



**Тарбияи маърифатӣ.** Маърифати шахс аз дониш ба миён меояд. Он ба тарбияи маънавӣ робитаи зич дорад. Фарқи асосӣ он аст, ки дар тарбияи маънавӣ ҷанбаи ахлоқӣ бештар ба назар мерасад. Аз як сарчашма ғизо гирифтан онҳоро бо ҳам муттаҳид месозад. Вале дар таркиби маърифат бештар ҷанбаи донишу малака, касб маърифатнокии баланди миллат аз дар доираи илму фарҳанг ва сиёсату ҳуқуқ дар назар дошта мешавад. Маърифат сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии миллатро ташаккул медиҳад. Маънавиёт манбаи муҳимми тарбияи миллист. Аз ҷиҳати таркиб ва маънавият мафҳуми «шахси бомаърифат» аз мафҳуми «шахси бофарҳанг» ғанию васеътар мебошад.

**Тарбияи ҳуқуқӣ.** Тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули дарки ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷомеа мебошад. Таркиби он мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди дигари меъёрии ҳуқуқии кишвар чунин муайян гардидааст:

- ҳуқуқи зиндагӣ, ҳуқуқи таҳсил ва таълиму тарбия, ҳуқуқи пуштибонии ҷамъият, ҳуқуқи гирифтани иттилоот дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ҳуқуқи озодии сухан, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ, интихоб шудан ва интихоб кардан, ҳуқуқи муроҷиат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва истифода аз дастовардҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи иштирок дар идораи давлат, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоӣ, ҳуқуқи истироҳат, ҳуқуқи шаҳрвандии кишвар, ҳуқуқи мусофират ва баргаштан, ҳуқуқи кафолати ҳимояи судӣ, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи маҳрамияти мукотиба, ҳуқуқи дахлнопазирии шахс, ҳуқуқи дахлнопазирии моликият ва мерос гузоштан, ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқи ташкили оила, ҳуқуқи ақидаи шахсӣ, ҳуқуқи эътиқод.

Вазифаи тарбияи ҳуқуқӣ донистани ҳуқуқ ва вазифаҳои муқарраршуда ва риояи онҳо мебошад. Риояи конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намудан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он, ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, супоридани

андозҳо ва пардохтҳо ва ғайра сатҳи маърифат ва ахлоқи шаҳрвандро баланд намуда, мавқеи ҷамъиятии ӯро устувор мегардонанд.

Дар баробари ин, вазифаҳои сершумори дигари шаҳрвандон низ ҳастанд, ки ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда намешаванд. Ин меъёрҳо аслан аз вазифаю уҳдадориҳои ахлоқию маънавии шаҳрванд бармеоянд, ки онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста нестанд. Масалан, вазифаи шаҳрванд, дар назди Ватан, давлат, ҷомеа, миллат, дар назди оила, омӯзгорон, дар ҷои кор, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар назди башар. Аксари инҳо вазифаҳое мебошанд, ки ба меъёрҳои ахлоқи шаҳрванд дохил гардидаанд. Сарфи назар аз ин, ҳамаи онҳо вазифаҳои шаҳрвандро ташкил медиҳанд. Агар вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандонро қонунҳо танзим намоянд, пас меъёрҳои дигари вазифаҳои шаҳрвандӣ тавассути ахлоқ, маънавиёт ва афкори ҷомеа баҳо дода мешаванд.

Мақсади ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ӯ мебошад.

**Тарбияи гуманистӣ**. Зери ин мафҳум дар шаҳрванд ба вуҷуд овардани эҳсоси дӯст доштан, эҳтиром кардан ва раҳму шафқат фаҳмида мешавад. Тарбияи гуманистӣ аз ғояҳои синфият ва инсонбадбинӣ орӣ аст. Он ба шаҳрванди кишвар имконият медиҳад, ки худро яке аз ҷузъҳои таркибии ҷомеа, миллат ва аҳли башар эҳсос кунад.

Тарбияи гуманистӣ дар ду сатҳ ба амал бароварда мешавад: а) дар сатҳи эҳтироми хамсинфон, ҳамдарсон, хешу табор, ҳамватанон, ки дар байни онхо намояндагони халқияту миллатҳои дигар ҳастанд; б) муносибати хайрхоҳона доштан нисбат ба халқҳои мамлакатхои дигари ҷаҳон.

Низоъ, ҷанг, муқобилистии зидди ҳамдигар ва амсоли ин инсониятро дар тули ҳазорсолаҳо ҳамроҳӣ мекард ва имрӯз ҳам ин зуҳурот аз ҷумлаи мушкилоти миллӣ, минтақавӣ ва умумибашарӣ мебошад. Тарбияи шахси башардӯст аввал дар оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ идома меёбад. Башардӯст будани инсон ва шаҳрванд дар муносибат ба волидон, хешу



табор, ҳамдарсон, омӯзгорон, ёру дӯстон, ашхоси ношинос, намояндагони халқу миллатҳои ғайр зуҳур меёбад.

**Тарбияи зебоипарастӣ**. Зебоипарастӣ яке аз сифатҳои муҳимми инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳуроти эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меоварад.

Манбаи зебоӣ, табиат, ҳар гуна аксҳо, мусавварахо, ҳайкалу муҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, иншоотҳо, асарҳои саҳнавӣ, суруду мусиқӣ, сарулибос, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошанд, ки дар инсон эҳсоси зебопарастӣ ба вуҷуд меоранд. Шинохтани зебоӣ ба шахс илҳом мебахшад, ӯро руҳбаланд намуда, дар олами зебоӣ сайр мекунонад. Қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад.

**Тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ**. Меҳнат моҳияти ҷамъиятии инсон ва шаҳрвандро ташкил мекунад. Малакаҳои корӣ дар инсон ҳанӯз аз оила ва кӯдакистон оғоз ёфта, аз сода ба мураккаб ва аз каммаҳсул ба самаранок табдил меёбад.

Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб имконият фароҳам меоварад, ки шаҳрванд корро дӯст дорад, ошноӣ ва мушоҳида ба намудҳои зиёди шуғл инсонро водор месозад, ки аз байни онҳо барои худ беҳтаринашро интихоб намояд. Мақсади асосии тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб дӯст доштани кор ва аҳли он, инчунин интихоби шууронаи касб мебошад.

**Тарбияи иқтисодӣ**. Тарбияи иқтисодӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки дар низоми иқтисоди миллии кишвар ва иҷтимоии ҷомеа мақоми худро дошта бошад. Тарбияи иқтисодӣ аз оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои таълимӣ ва истеҳсолот давом меёбад.

**Тарбияи экологӣ**. Дар асри XX ва оғози асри XXI экология ва ҳифзи муҳити зист аз масъалаҳои муҳимии ҳаёти инсон гардид. Ба ифлосшавии муҳит на танҳо корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои хизмати маишӣ, нақлиёт ва ғайра, ки партовҳои зиёди истеҳсолии ба саломатии инсон ва табиат зарарнокро ба табиат мепартоянд, балки инсонҳои алоҳида

низ сабаб мешаванд, ки хошок, партовҳои зиндагиро ба ҳар ҷо мепартоянд, дарахтонро мебуранд, кабудизорҳоро нест мекунанд, ҳайвонотро шикор карда, ба камшавии саршумори онҳо сабаб мешаванд, гиёҳҳои шифобахшро решакан карда, мувозинати табиатро вайрон мекунанд. Ташкили тарбияи самараноки экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меоварад, ки инсон муҳити зист ва биосфераро ҳимоя кунад, тоза нигоҳ дорад, онро афзун гардонад ва худ дар он сиҳату саломат умр ба сар барад, муҳити аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад. Тарбияи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, пеш аз ҳама, ҳимояи генофонди миллатро дар назар дорад.

**Тарбияи сиёсӣ**. Тарбияи сиёсии шаҳрванд аз ҳуқуқу озодиҳои сиёсие сарчашма мегиранд, ки онҳо дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд.

Тарбияи сиёсӣ аз зарурати фаъолияти сиёсии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба миён меояд. Шаҳрванд дар фазои сиёсӣ ҳаёт ба сар бурда, бояд сохтор ва неруҳои сиёсии ҷомеаро донад. Аз ҳуқуқи худ барои иштирок дар идораи давлат истифода бурда тавонад. Узви ҳизби сиёсӣ бошад ва ё ба иттиҳодияи ҷамъиятии дигар дохил шуда, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ширкат варзад. Дар интихобот ба сифати интихобкунанда ва ё интихобшаванда иштирок намояд. Аз тариқи маҷлису гирдиҳамоиҳо ва намоишу роҳпаймоиҳои қонунӣ ақида ва ё андешаи дигари сиёсии худро иброз дорад. Аз ҳуқуқи озодии сухан ва дигарақидагӣ истифода барад.

Мақсади ниҳоии тарбияи сиёсии шаҳрванд аз он иборат аст, ки фарҳанги сиёсӣ ва майли фаъолияти сиёсии ӯ ташаккул дода шавад.

**Тарбияи ҷисмонӣ**. Ин намуди тарбия аз бардаму солим тарбия кардани миллат иборат буда, он тавассути машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, мактабҳои варзишии кӯдакону ҷавонон, сексияҳо ва ҷамъиятҳои варзишӣ, тавассути сайру тамошо дар муҳити табиат, истироҳати фаъолона ва амсоли ин иҷро карда мешавад. Шаҳрванди аз ҷиҳати ҷисмонӣ боқувват ба иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда қодир аст. Солимии ҷисмонии шаҳрванд



солимии оила, ҷомеа ва боигарии асосии давлат маҳсуб мешавад.

**Тарбияи тафаккури интиқодӣ**. Тарбияи тафаккури интиқодӣ омили асосии ошкор ва бартараф намудани камбудию норасоиҳо мебошад. Ташаккули тафаккури интиқодӣ дар амал ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки фикри худро дар ҷомеа ифода намояд ва дар рушду нумуи низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва таъминоти иҷтимоии миллат саҳм гузорад. Танқид гарчанде талх бошад ҳам, он муҳаррики ошкорбаёнӣ ва табодули назар аст. Ба ҳама зуҳурот аз назари танқид нигоҳ кардан худ омилест, ки касро аз хато зоҳир кардан пешгирӣ мекунад. Ҷомеа низ аз тафаккури танқидии шаҳрвандон фоида мебинад.

**Тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ**. Таҳаммул ва тоқатпазирӣ аз эҳтироми ақидаи дигарон ба миён меояд. Шахс бояд бо ҳамсуҳбат ва мунаққиди худ тоқатпазир бошад. Ба сухани дигарон, ки аз ақидаи ӯ фарқ мекунад, ботаҳаммул гӯш дода тавонад. Тоқатпазир будан яке аз сифатҳои мусбати муносибати башардӯстона доштан ба шаҳрванд ва омили асосии пешгирӣ кардани низоъҳои эҳтимолии дар байни шаҳрвандон баамалоянда мебошад.

Агар шаҳрванд тоқатпазир ва ботаҳаммул тарбия ёфта бошад, пас ҷомеа низ дар дигарақидагию бисёрақидагӣ нисбати ҳамдигар ва давлат нисбати шаҳрвандоне, ки онро танқид мекунанд, тоқатпазир аст. Тоқатпазир будан омили муҳимму самарабахши гуфтушунид, мулоқот, муколама ва музокирот мебошад. Тоқатпазирӣ нишонаи муҳимми фарҳанги баланди муколамаи байни одамон ва одамону давлат мебошад. Ҷомеаи демократӣ ба тоқатпазир ва ботаҳаммул будани шаҳрвандон эҳтиёҷи калон дорад ва онро яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеа меҳисобад.

**Тарбияи масъулиятшиносӣ**. Масъулиятшиносӣ аз ҷумлаи сифатҳои муҳимми шаҳрванд мебошад. Шахси масъулиятшинос вазифаҳои худро дар мактаб, оила, ҷойи кор ва маҳалли зист хуб иҷро карда, сабабгори пешрафти оромии муҳити зиндагӣ ва кор мешавад. Шаҳрванди масъулиятшинос фонди тиллоии ҳар як ҷомеаро ташкил менамояд. Ӯ дорои виҷдони пок, шаъну шараф, нангу номус

ва сифатҳои дигари миллист. Шаҳрванди масъулиятшинос вазифаю ӯҳдадориҳои худро дар сатҳи баланди сифатӣ ва касбӣ иҷро менамояд.

Тарбияи масъулиятшиносӣ аз оила ва кӯдакистону мактаб оғоз ёфта, он дар овони калонсолӣ ва фаъолияти меҳнатии шаҳрванд таҳким меёбад.

**Тарбияи ҳаёти солим.** Барои шаҳрванд имрӯз муҳим аст донад, ки истеъмоли маводи мухаддир, майпарастӣ, паҳншавии касалии СПИД барои ҷомеаи Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ хатарнок аст. Шаҳрванд дар муҳити зиндагии истеъмолкунандагони маводи мухаддиру майпарастон ва гирифторони касалии СПИД умр ба сар мебарад. Шаҳрванди пайрави зиндагии солим на танҳо аз зуҳуроти манфии ба саломатии ӯ зараровар канорагирӣ мекунад, балки ба солим гардонидани бадан ва зиндагии худ омилҳои зиёдро истифода мебарад. Ӯ аз истеъмоли маводи мухаддир, нӯшокии мадҳушкунанда канорагирӣ мекунад ва ба ин васила, дар солим нигоҳ доштани муҳити зист фаъолона иштирок менамояд ва ба зиндагии солим камар мебандад. Ҳаёти солим бо аҳли оила мунтазам сайри табиат рафтан, дар боғҳои фароғатӣ истироҳат кардан, барномаҳои сирк, театру дастаҳои мусиқию овозхонҳоро тамошо кардан, китобҳои бадеӣ хондан, ба тамошои мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ рафтан, ба корҳои эҷодӣ ва тарбияи бадан машғул буданро тақозо менамояд

**Марҳилаҳои тарбия**

Марҳилаи аввали тарбия аз оила оғоз меёбад. Фарзандон аз падару модари худ тарбия гирифта, муҳити зиндагиашонро меомӯзанд ва онҳоро ҳурмату эҳтиром мекунанд. Аз мафҳумҳои нахустини деҳа, шаҳр, ноҳия, Ватан, миллат ва ғайра бохабар мешаванд. Бо ҳамдигар ва ё хешу табор ва одамони дигар муомила карданро меомӯзанд. Волидон фарзандонро бо навозишу меҳрубонӣ ба тарбия фаро мегиранд. Кӯдакон аввалин донишҳоро дар бораи муҳити зиндагӣ, Ватан ва мактаб аз онҳо ба даст меоранд.

Марҳилаи дуввуми тарбия муассисаҳои томактабӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳким бахшидани сифатҳои аввалини



миллӣ бо истифода аз дастовардҳои педагогикаи миллӣ ҷидду ҷаҳд ба харҷ медиҳанд.

Марҳилаи сеюми тарбия дар муассисаҳои таълимӣ мегузарад. Тарбияи хонандагон аз рӯи маводи дар китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию манбаъҳо, аёнияти таълим сурат мегирад, ки он то як дараҷа низоми педагогӣ дорад. Дар ин муассисаҳо ба тарбияи миллӣ мутахассис –омӯзгору устодон машғуланд. Бо хатми мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ сифатҳои миллии насли наврас асосан ташаккул меёбанд ва онҳо қисман ба ақидаю ҷаҳонбинӣ мубаддал мегарданд.

Марҳилаи чаҳоруми тарбия ба тайёрии касбии ҷавонон дар мактабҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ вобаста мебошад. Дар ин марҳила донишу малакаи инсон боз ҳам васеъ мегардад, барои азхудкунии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ замина муҳайё мешавад.

Дар марҳилаҳои минбаъда тарбияи инсон дар муҳити корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки инсон ба фаъолияти касбию меҳнатӣ сару кор мегирад, сурат мегирад.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Консепсия** - истилоҳи лотинӣ буда, маънои нуқтаи назар, система, бунёди назариявии ягон равандро ифода менамояд.

**Консепсияи миллии тарбия** - ҳуҷҷатест, ки дурнамои сиёсати давлатро дар самти тарбия муайян мекунад.

**Гуманизм** - истилоҳи лотинии humanis буда, маънои инсондӯстӣ, одамият, инсонпарвариро дорад. Дар таҳти **мафҳуми гуманизм** қадру эҳтиром намудани шахсияти инсон фаҳмида мешавад.

**Менталитет** – сифати ақл, фаъолияти маънавӣ, тарзи тафаккур ва қобилияти фикрии инсон; маҷмуи сифатҳое, ки ба йин ё он халқияту миллат хос аст.

**Савол ва супориш:**

1. Консепсия чист?
2. Моҳият ва мақсади Консепсияи миллии тарбияро шарҳ диҳед.
3. Мақсади таҳия ва қабули Консепсияи миллии тарбия аз чӣ иборат аст?
4. Унсурҳои таркибии тарбияи миллӣ кадомҳоянд?
5. Марҳилаҳои тарбияи миллиро шарҳ диҳед.

## МАВЗУИ 7. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК»

Баъди аз ҳам пош хӯрдани ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва аз байн рафтани давлати абарқудрати Шуравӣ ҷумҳуриҳои мустақил дар ин қаламрав ба миён омаданд. Тоҷикистони азизи мо низ 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти хешро соҳиб шуд. Дар баробари ин, низоми таълиму тарбия дар мактаб тамоюли дигар пайдо намуд ва арзишҳои миллӣ дар таълиму тарбия ҷойгоҳи хос пайдо намуданд. Маҳз ба ҳамин сабаб, 2 августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд. Ин санади муҳимми давлатӣ, ки аз 6 боб ва 17 модда иборат аст, миёни ҷомеа ҳамовозӣ пайдо намуда, аз тарафи умум хуш пазируфта шуд.

14 декабри соли 2010 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониаш дар ҷаласаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»** чунин иброз дошт.

***Ҳамаи дастовардҳо ва корномаҳои мардонагиву қаҳрамонии фарзандони халқи тоҷик бешубҳа, натиҷа ва самараи заҳмати шабонарӯзии падару модарони азизи мо мебошад. Чунки ҳамчун инсони комил ба воя расонидани фарзанд ва тарбияи дурусти ӯ ҳеҷ гоҳ бе меҳру муҳаббат ва дастгириву садоқати падару модар имкон надорад.***

***Аз ин лиҳоз, падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебопарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар рухияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд парчами давлатамонро дилпурона ба сӯи уфуқҳои ояндаи ободу осуда баранд. Дар баробари ин, қадри заҳмати онҳо қарзи фарзандии ҳар як инсони бонангу номус мебошад.***



***Шахс дар сурате метавонад ба пирӯзиву комёбиҳо ноил гардад, ки агар дуои неки падару модарро гирад ва ба қадри ранҷу заҳмат ва дилсӯзиву ғамхориашон расад.***

***Аз ин рӯ, ҳар яки мову шумо – падару модарони азизро зарур аст, ки фарзандони худро ба роҳи дуруст, анҷоми амалҳои хайру савоб, омӯзиши илму ҳунар ва азхудкунии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон – Тоҷикистон, ки имрӯз ба як ҷавони нерӯманду зебои бистсола монанд аст, ҳидоят намоем. Ин вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандии ҳар яки мову шумо мебошад.***

9 марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар баён намуданд, ки «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардонидани онҳо усулу воситаҳои заруриро дар сохтори давлатӣ ташаккул дод. ... Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз ҷумлаи иқдомоти дар ин самт амалигардида мебошанд».

Вазъи тағйирёбандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба пешрафти ҷаҳони муосир имкон намедиҳад, ки қонунгузор ҳамаи нозукиҳои муносибатҳои ҷамъиятиро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври мукаммал, бидуни ихтилофоти меъёрӣ, расмиёти маъмурӣ ва намудҳои дигари осебпазир пешбинӣ намояд.

Аз ин рӯ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат ва асоснок тақозои замон мебошад. Зеро, муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, ҳаматарафа, мушаххас, сода ва фаҳмо ифода ёфтани меъёрҳои он кафолати таъмини қонуният мебошад ва низоми давлатдориро мустаҳкам мегардонад.

20 июни соли 2024 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» қабул гардида, он аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад.

Сабабу омилҳои дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз инҳо иборат аст:

— содаву оммафаҳм ва ба таври васею фарогир танзим намудани муносибатҳо оид ба таълиму тарбияи кӯдак бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда ва ҷавобгӯ ба талаботи замон дар доираи қонуни мазкур;

— мушаххасу мукаммал намудани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати идоракунии давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат, ҳамкории мақомоти давлатӣ, ҷомеаи кишвар ва татбиқи мушаххаси меъёрҳои қонуни мазкур;

— шарҳу тавзеҳи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз байн бурдани носаҳеҳӣ (духӯрагӣ) ва гуногунфаҳмии меъёрҳои ҳуқуқӣ доир ба муносибатҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ки дар қонуни қаблан амалкунанда мавҷуд буданд;

— танзими роҳу василаҳои нави таълиму тарбияи кӯдак, ба таври мукаммалу васеъ пешбинӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳое, ки ба таълиму тарбияи кӯдак машғуланд, бо дарназардошти баэътиборгирии омилҳои тағйирёбандаи таъсиррасон ба раванди таълиму тарбияи кӯдак, зуҳуршавии роҳу василаҳои падидаҳои нави манфӣ ва дигар равандҳои номатлуби ҷомеаи муосир, ки ба таълиму тарбияи кӯдак таъсиррасонанд;

— тақвияти масъулияти падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак;

— таҳкими фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, яъне кори дастаҷамъона ва фарогир будани таълиму тарбияи кӯдак ба ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ;



— тақвияти корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, пеш аз ҳама таваҷҷуҳ ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак, инчунин танзими муносибатҳои нав бобати андешидани чораҳои пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт;

— мутобиқ намудани сохтор ва мазмуни қонуни мазкур ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар пасманзари муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017;

— мутобиқ намудани истилоҳот ва мазмуни қонуни мазкур ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » ва ба талаботи нави Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тасдиқ гардидааст.

Барои боз ҳам ошноии бештар пайдо намудани хонандагону донишҷӯён шакли комили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»- ро дар зер овардан бамаврид аст:

Қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак бо мақсади таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ танзим намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) вақти шабона - аз 1 апрел то 30 сентябр - аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март - аз соати 20:00 то соати 06:00;

2) кӯдак - шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст;

3) марказҳои дилхушӣ - клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок;

4) масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак - уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак;

5) тарбия - раванди ҳадафмандонаи ба воя расондани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

6) таълим - фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, дониш омӯзӣ, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ;

7) шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд - васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, намояндагони дигари қонунии онҳо, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад.

**Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур**

Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли истиқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқӣ, новобаста ба шакли моликият, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигарро муқаррар накарда бошанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) эҳтироми кӯдак, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ;



2) таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

3) қонуният;

4) адолат;

5) инсондӯстӣ;

6) муносибати инфиродӣ ба таълиму тарбияи кӯдак, аз ҷумла кӯдаки дар вазъияти номусоиди иҷтимоӣ қарордошта;

7) пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдак;

8) иштироки аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи кӯдак;

9) ногузирии ҷавобгарӣ барои вайрон намудани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои кӯдак.

**Моддаи 5. Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

Сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборат мебошад:

1) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо;

2) таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯ;

3) ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак;

4) мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ;

5) таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокии кӯдак;

6) роҳ надодан ба табъизи кӯдак, новобаста ба мансубияти нажодӣ, миллӣ, ҷинсӣ, динӣ, забонӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ, ҳолати саломатӣ ва дигар аломатҳо;

7) дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳифз менамоянд.

**Моддаи 6. Ҷалби аҳли ҷомеа барои таълиму тарбияи кӯдак**

Мақомот ва ташкилоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, метавонанд иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, раисони маҳаллаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигарро дар амалишавии сиёсати

давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ҷалб намоянд.

## БОБИ 2. МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ, САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТИ ОНҲО ДАР САМТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 7. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд**

1. Мақомоте, ки барои таълиму тарбияи кӯдак масъуланд, мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ) ва мақомоти дигаре мебошанд, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд.

2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, аз ҷониби Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак анҷом дода мешавад.

**Моддаи 8. Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мансубанд:**

1) пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) тасдиқ ва назорати барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ;

4) тасдиқ намудани низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилоти дигари дахлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**



Мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилоти дигари дахлдор дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

4) таҳия ва пешниҳод намудани барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) таҳия ва пешниҳод намудани низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) дар доираи ваколатҳои худ амалӣ намудани назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

7) гузаронидани мониторинг дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

8.) ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

9) андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

10) ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва фаҳмондадиҳӣ;

11) дархости маълумот аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

12) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

**Моддаи 10. Мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд**

1. Ба мақомоти дигар, ки дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак иштирок мекунанд, дохил мешаванд:

1) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

2) мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

3) Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

2) таъмини амалисозии барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) андешидани тадбирҳо оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

4) таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

5) назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

6) амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

3. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) иштирок дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;



2) иштирок дар таъмини амалисозии барномаҳои давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак;

3) андешидани тадбирҳо оид ба таъмини риояи талаботи Қонуни мазкур;

4) назорати фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ;

5) амалӣ намудани ваколатҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

4. Ваколатҳои мақомоти дигар, ки дар банди 3) қисми 1 ҳамин модда номбар шудаанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 3. КОМИССИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ДАР САМТИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 11. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

1. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мақоми ҳамоҳангсози ҷамъиятӣ буда, дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешаванд.

2. Низомнома ва ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ тасдиқ карда мешаванд.

3. Шумораи умумии аъзои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак набояд аз 7 нафар кам бошад.

4. Ба ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бояд кормандони милитсия, ходимони иттиҳодияҳои динӣ ва аъзои шурои занон дохил карда шаванд.

**Моддаи 12. Вазифаҳои комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак**

1. Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ба амалисозии Қонуни мазкур мусоидат менамоянд.

2. Комиссияҳои ҷамъиятӣ риояи талаботи Қонуни мазкурро аз падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор ва шахсони дигар талаб намуда, ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

## БОБИ 4. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАР ВА ШАХСОНИ ОНҲОРО ИВАЗКУНАНДА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 13. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар**

Падару модаре, ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 14. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак**

Падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро доранд:

1) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳимоя намоянд;

2) муассисаҳои таълимиро интихоб намоянд;

3) дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишомӯзии кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ, иштирок ва мусоидат намоянд;

4) дар фаъолияти мақомоти худидоракунии муассисаи таълимӣ иштирок намоянд;

5) аз операторон ва провайдерони хизмати алоқаи барқӣ дар бораи аз тарафи кӯдак истифода шудани хизмати алоқаи барқӣ маълумоти дахлдорро ба таври ройгон гиранд;

6) ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи кӯдак ба муассисаи таълимӣ муроҷиат кунанд;

7) азхудкунии барномаҳои таълимиро назорат намоянд;

8.) ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки кӯдак дар он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд;



9) ба раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, давомот ва сатҳу сифати донишомӯзии кӯдак шинос шаванд;

10) бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома банданд;

11) нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми аз ҷониби онҳо монеа эҷод кардан ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор муроҷиат намоянд;

12) аз имтиёзҳои пешбинишуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд;

13) дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намоянд.

**Моддаи 15. Уҳдадориҳои падару модар дар таълими кӯдак**

Падару модар дар таълими кӯдак уҳдадориҳои зеринро доранд:

1) таълим гирифтани кӯдакро таъмин намоянд;

2) барои гирифтани таълиму тарбияи томактабии кӯдак тадбирҳо андешанд;

3) ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумии кӯдак монеъ нашаванд;

4) кӯдакро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароит муҳайё намоянд;

5) риояи пӯшидани либосҳои дахлдори муассисаи таълимиро аз ҷониби кӯдак дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат карда, ба шакли зоҳирӣ ва санитарию беҳдоштии ӯ диққат дода, бидуни зарурати тиббӣ ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирӣ, аз ҷумла холкӯбӣ, чораандешӣ намоянд;

6) ба кӯдаки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва руҳӣ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан шароит муҳайё намоянд;

7) донишомӯзӣ ва иштироки кӯдакро дар раванди таълим назорат карда, бо маъмурияти муассисаи таълимӣ, омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи маориф оид ба таълими кӯдак мунтазам ҳамкорӣ намоянд;

8) ба омӯзиши забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ мусоидат намоянд;

9) дар ҷаласаҳои падару модар ва чорабиниҳои дигари муассисаи таълимӣ фаъолона иштирок намоянд;

10) талаботи дахлдори қоидаву тартибот ва санадҳои дохилии муассисаи таълимиро, ки кӯдак дар он таълим мегирад, риоя намоянд;

11) дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯзи кормандони муассисаҳои таълимӣ пешниҳоди туҳфаҳои молию пулиро аз ҷониби кӯдак манъ намоянд;

12) ҳама гуна пардохти маблағро аз ҷониби кӯдак ба кормандони муассисаҳои таълимӣ иҷозат надиҳанд;

13) гирифтани таълими ғайриқонунӣ, аз ҷумла таълими ғайриқонунии диниро аз ҷониби кӯдак роҳ надиҳанд;

14) таълими динии кӯдакро дар хориҷи кишвар бе розигии хаттии мақоми ваколатдори давлатӣ иҷозат надиҳанд;

15) ухдадориҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таълими кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 16. Ухдадориҳои падару модар дар тарбияи кӯдак**

Падару модар дар тарбияи кӯдак ухдадориҳои зеринро доранд:

1) ба кӯдак тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;

2) пас аз таваллуд кӯдакро аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;

3) барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак шароит муҳайё намоянд;

4) кӯдакро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

5) кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва халқҳои дигар, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намоянд;

6) оид ба рушди маърифати ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги шаҳрнишинӣ ва муоширатро ба ӯ омӯзонанд;



7) кӯдакро дар руҳияи сарфаю сариштакорӣ ва муносибати эҳтиёткорона нисбат ба молу мулк ва арзишҳои дигар тарбия намоянд;

8.) дар раванди тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набаранд;

9) шаъну шарафи кӯдакро эҳтиром намоянд ва ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;

10) новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳии кӯдакон, нисбат ба онҳо муносибати баробар дошта бошанд;

11) дар сурати хабардор шудан аз ҳолати кӯдаке, ки дар тарбияи дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дорад, бо онҳо ҳамкорӣ намоянд;

12) ба марказҳои дилхушӣ рафтани кӯдакро манъ намоянд;

13) гаштугузори кӯдаки то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;

14) аз соати 18:00 то соати 08:00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтани кӯдаки худро иҷозат надиҳанд;

15) бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани кӯдаки то шонздаҳсоларо дар ҷойҳои хатарнок манъ намоянд;

16) кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромии ҷомеа, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯча, хиёбон, майдон, ҷойҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳ, манзили истиқоматӣ, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати харобкоронаи кӯдакро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;

17) ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахтаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истисноӣ асбобу ашёи таълимӣ, манъ намоянд, инчунин ба гирифта гаштани онҳо роҳ надиҳанд;

18) фарҳанги истифодаи телефони мобилиро омӯзонанд ва ҷиҳати дар вақти дарс истифода набурдани он чораандешӣ намоянд;

19) ба кӯдак тамошои филмҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгаройӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ, вахшатангезӣ, зӯроварӣ ва аксу наворҳои дигари манъшударо иҷозат надиҳанд;

20) аз тарафи кӯдак мақсаднок истифода шудани интернетро назорат намоянд;

21) ба кӯдак мутолаа ва пахн кардани сабту наворҳои электронӣ (аз ҷумла тавассути телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгаройӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ ва зӯровариро манъ намоянд;

22) иштироки кӯдакро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истиснои кӯдаконе, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои таълимии динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд;

23) ба кӯдак истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, маҳсулоти тамоку, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои мадҳушкунандаи дигарро манъ намоянд;

24) иштироки кӯдакро дар чорабиниҳои барои ӯ тавсиянашуда иҷозат надиҳанд;

25) ба кӯдак барои идора кардани воситаҳои нақлиёт бе шаҳодатномаи ронандагӣ, инчунин барои омадан ба муассисаи таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ иҷозат надиҳанд;

26) ба кӯдак ҷиҳати интихоби касбу кор мусоидат кунанд;

27) ба оворагардӣ ва рафторҳои зиддиахлоқии дигари кӯдак роҳ надиҳанд;

28) кӯдакро ба кори ғайриқонунӣ ҷалб насозанд;

29) ба зишту касиф ва хароб намудани бинoю иншоот, шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ насбшуда ва расондани зарари дигар ба онҳо аз тарафи кӯдак роҳ надиҳанд;



30) дастрасии кӯдакро ба маводи сӯзандаю тарканда ва силоҳ иҷозат надиҳанд;

31) истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвораи андозааш хурд барои духтарон)-ро аз тарафи кӯдак дар муассисаҳои таълимӣ манъ намоянд;

32) ӯҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон
вобаста ба тарбияи кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 17. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд**

Шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд, дорои ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳое мебошанд, ки дар моддаҳои 14, 15 ва 16 Қонуни мазкур нисбат ба падару модар пешбинӣ шудаанд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро муқаррар накарда бошад.

## БОБИ 5. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОМӮЗГОР

**Моддаи 18. Ҳуқуқҳои муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак**

Муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро дорад:

1) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳимоя намояд;

2) ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи кӯдак ба падару модар ва мақомоти давлатии дахлдор бо пешниҳод муроҷиат кунад;

3) бо падару модар ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак тибқи қонунгузорӣ шартнома бандад;

4) падару модарро ба ҷаласаҳо вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак даъват намояд;

5) иҷрои талаботи санадҳои дохилии муассисаи таълимиро аз ҷониби падару модар талаб намояд;

6) ҳангоми аз тарафи падар ё модар риоя накардани талаботи санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки тибқи Қонуни мазкур муқаррар шудаанд, ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд;

7) нисбат ба шахсони воқеӣ ва мансабдор ҳангоми монеа эҷод кардани онҳо ба таълиму тарбияи кӯдак ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд;

8.) ҳуқуқҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ намояд.

**Моддаи 19. Уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак**

Муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак уҳдадориҳои зерин дорад:

1) ба кӯдак таълиму тарбияи дуруст диҳад;

2) омодагии кӯдакро ба таҳсилоти умумӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд;

3) талаботи таълимии кӯдакро бо дар назар гирифтани хоҳишу қобилият қонеъ гардонад;

4) барои таълими кӯдак шароит фароҳам оварда, воситаҳои зарурии таълимиро таъмин намояд;

5) риояи пӯшидани либосҳои дахлдори муассисаи таълимиро аз ҷониби кӯдак таъмин ва назорат карда, ба шакли зоҳирӣ ва санитарию беҳдоштии ӯ диққат дода, ҷиҳати пешгирии тағйири сунъии намуди зоҳирӣ бидуни зарурати тиббӣ, аз ҷумла холкӯбӣ, чораандешӣ намояд;

6) ба кӯдаки дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ва руҳӣ барои таҳсил шароит муҳайё намояд;

7) донишомӯзӣ ва иштироки кӯдакро дар раванди таълим назорат карда, бо падару модар ҳамкорӣ намояд;

8.) бо тартиби муқарраршуда ҷаласаҳои падару модар ва чорабиниҳои дигари муассисаи таълимиро ташкил ва баргузор намояд;

9) ба кормандони муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби кӯдак пардохти ҳама гуна маблағро иҷозат надиҳад;

10) барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак тадбирҳо андешад;

11) кӯдакро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, волоияти қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтиром ба шахсияти худ ва атрофиён, оила, урфу одат, анъанаҳо, фарҳанги миллӣ ва таҳаммулгароӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намояд;



12) оид ба рушди маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, санитарӣ ва экологии кӯдак чораандешӣ карда, асосҳои гигиенаи шахсӣ, фарҳанги ҳамзистӣ дар ҷомеа ва муоширатро ба ӯ омӯзонад;

13) ба кӯдак ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахттаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву бурандаро, ба истисноӣ асбобу ашёи таълимӣ, роҳ надиҳад;

14) ба кӯдак барои ба муассисаи таълимӣ бо воситаҳои нақлиёти механикӣ омадан, истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёи қиматбаҳо (ба истисноӣ як ҷуфт гӯшвораи андозааш хурд барои духтарон) дар муассисаи таълимӣ роҳ надиҳад ва дар сурати вайрон кардани ин талабот чораҳои дахлдор андешад, аз ҷумла ба мақомоти давлатии дахлдор хабар диҳад;

15) уҳдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак муқаррар намудааст, иҷро намояд.

**Моддаи 20. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои омӯзгор**

Омӯзгор дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқу уҳдадориҳои зеринро дорад:

1) қоидаҳои одобу ахлоқи омӯзгориро риоя намояд;

2) дар муассисаи таълимӣ либоси дахлдор пӯшад;

3) аз қабули ҳар гуна маблағ, аз ҷумла дар ҷашну маросим ва таҷлили зодрӯз, аз гирифтани туҳфаҳои молию пулӣ аз таълимгирандагон худдорӣ намояд;

4) дар раванди таълиму тарбия нисбат ба кӯдак зӯроварӣ, аз ҷумла ҷазои ҷисмониро истифода набарад;

5) ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи кӯдакро риоя ва эҳтиром карда, ба муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ва пастзананда нисбат ба ӯ роҳ надиҳад;

6) фарҳанги истифодаи телефони мобилиро омӯзонад ва ҷиҳати дар вақти дарс истифода набурдани он чораандешӣ намояд;

7) азхудкунии барномаҳои таълимиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгиранда талаб намояд;

8.) новобаста ба нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, ҳолати саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар, нисбат ба кӯдакон муносибати баробар дошта бошад;

9) бо падару модар дар масъалаҳои давомот, дониш ва интизоми кӯдак ҳамкорӣ намояд;

10) бо тартиби муқарраршуда дарсҳои кушода ташкил карда, падару модарони таълимгирандагонро ба онҳо ҷалб намояд;

11) нисбат ба таълимгирандагоне, ки тартиботи дохилии муассисаи таълимиро халалдор менамоянд, ба дарсҳо бе тайёрӣ меоянд ва шакли зоҳириашон ба талабот ҷавобгӯ нест, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва падару модарро сари вақт хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

12) оид ба таълимгирандагоне, ки аз таҳсил саркашӣ карда, аз хондан дур мемонанд, падару модар ва роҳбарияти муассисаи таълимиро сари вақт хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

13) аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳама гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзуи дарс берунанд, худдорӣ намояд;

14) барои инкишофи маҳорат, малакаи хаттӣ ва нутқи шифоҳии таълимгирандагон кӯшиш намояд;

15) барои дар озмуну олимпиадаҳо ва чорабиниҳои монанди онҳо иштирок намудани таълимгирандагон саъю талош намояд;

16) аз таълимгирандагон ҳамроҳи худ овардани маводи таълимиро талаб карда, омодагии онҳоро ба дарс, машғулиятҳои таълимӣ назорат намояд, онҳоро ба хондани китобҳои илмию бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ташвиқ карда, барои васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо тадбирҳо андешад;

17) иштироки таълимгирандагонро дар маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, эҷодӣ ва маҳфилҳои дигар, ҳамчунин созмонҳои хонандагон таъмин карда, ба фаъолона ширкат варзиданашон мусоидат намояд;

18) таълимгирандагонро дар руҳияи ватандӯстӣ, зебоипарастӣ, риояи қонун, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, падару модар, ҳамсолон, насли калонсол,



арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ ва муқаддасоти миллӣ тарбия кунад;

19) ҳуқуқу ухдадориҳои дигарро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, амалӣ намояд.

## БОБИ 6. ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО ДАР САМТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК

**Моддаи 21. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак**

1. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, ухдадоранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи чораҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва тавонбахширо бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, дигар намояндагони қонунии онҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар, ки кӯдак воқеан тахти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, инчунин ҷиҳати бартараф кардани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунандаро амалӣ намоянд.

2. Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва содир шудани амали номатлуб нисбат ба кӯдак, инчунин дар мавриди муайян шудани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ухдадоранд, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ хабар диҳад.

**Моддаи 22. Чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак**

Чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак аз инҳо иборатанд:

1) гузарондани ташвиқот дар байни аҳолӣ ҷиҳати амалӣ шудани ухдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак;

2) баргузор намудани ҷаласаҳои падару модарон вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак;

3) ташкил намудани «Рӯзҳои падару модар» дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади расондани кумаки педагогӣ, равонӣ, методӣ ба падару модарон;

4) аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардондани падару модаре, ки ҳуқуқу ухдадориҳои худро дар таълиму тарбияи кӯдак муваффақона ичро менамоянд;

5) андешидани тадбирҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи кӯдакон;

6) доир намудани суҳбатҳои пешгирикунанда;

7) роҳандозии корҳои инфиродӣ бо падару модар;

8) бо тартиби муқарраргардида муваққатан гирифтани кӯдак аз падару модаре, ки ухдадориҳои худро ба таври дахлдор ичро намекунанд ё ҳангоми мавҷуд будани хатар ба ҳаёт ва саломатии кӯдак;

9) андешидани чораҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таълиму тарбияи кӯдак пешбинӣ кардааст.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 24. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011, №762 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; с. 2016, №3, мод. 147; с. 2018, №5, мод. 283; с. 2019, №4-5, мод. 222; с. 2022, №6, мод. 353, №12, қ. 2, мод. 778) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Шарҳи истилоҳот:**



**Тарбия** - раванди ҳадафмандонаи ба воя расондани кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

**Таълим** - фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, донишомӯзӣ, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ;

**Шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд** - васӣ, парастор, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, намояндагони дигари қонунии онҳо, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад.

**Савол ва супориш:**

1. Мақсад ва вазифаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз чӣ иборат аст?
2. Аҳаммияти илмӣ ва тарбиявии қонуни мазкур.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз чанд боб ва модда иборат аст?
4. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои волидайн дар таълиму тарбияи кӯдакро шарҳ диҳед.
5. Ухдадориҳои омӯзгорон дар таълиму тарбияи кӯдакро шарҳ диҳед.

# МАВЗУИ 8. МОҲИЯТИ ГУМАНИСТИИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

**Нақша**

1. Мафҳуми «гуманизм», шакл ва услубҳои он
2. Андешаҳои педагогон нисбати фаъолияти инсонпарваронаи педагогӣ
3. Мақсади тарбияи демократӣ

## 1. Мафҳуми «гуманизм», шакл ва услубҳои он

Банӣ-одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Саъдии Шерозӣ

Гуманизм истилоҳи лотинии «humanis» буда, маънои инсондӯстӣ, одамият, инсонпарвариро дорад. Дар таҳти мафҳуми гуманизм қадру эҳтиром намудани шахсияти инсон фаҳмида мешавад.

**Моҳияти инсондӯстонаи фаъолияти педагогӣ** пеш аз ҳама, дар тарбияи инсон, дар ташаккул ва камолоти ӯ ҳамчун шахсият, дар сатҳи азхудкунии дастовардҳои ҳосилнамудаи инсоният ва ба ин васила, дар таъмини давомот ва пайвастагии насли инсон зоҳир мегардад.

Моҳияти инсонпарваронаи фаъолияти педагогӣ дар фаҳмиши ҳамаҷонибаи шахсияти инсон, дарки инкишофи ҳамаҷонибаи қобилиятҳои ақлонӣ, маънавӣ ва ахлоқии ӯ ифода мeёбад. Фаъолияти педагогӣ аз нуқтаи назари инсондӯстӣ аз он иборат аст, ки ҳар як шахс субъекти комилҳуқуқи фаъолияти худ, соҳибмулк (устоди кори худ), яъне қобилияти инкишоф додани худ, барои воқеаҳои ҷомеа ҷавобгар аст. Инсонпарваронагии таълим ҳамчун принсипи муҳимми иҷтимоию педагогӣ ба ҳисоб меравад. Он тамоюлҳои иҷтимоии инкишофи системаи маорифи муосирро ифода мекунад. Мазмуни таълим ташаккули шахсият, баланд бардоштани неруи маърифатӣ, маънавӣ ва фаъолияти ӯ мебошад. Инсонпарваронагии таълимро метавон тавре тавсиф кард, ки ҳар як иштирокчии раванди таълим (муаллим, донишҷӯ, коллективи омӯзгорон, коллективи хонандагон, роҳбарият ва кормандон)



муносибатҳои худро дар асоси эҳтироми ҳамдигар бунёд намоянд.

Ду ҷанбаи инсонпарваронагии раванди таълимро метавон ҷудо кард:

– васеъ намудани доираи дониш дар бораи инсон, инсондӯстӣ, инсондӯстӣ дар мазмуни таълим, муайян намудани мавзуъҳои омӯзиш дар самти инсонпарварӣ;

- сифати таълими фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ беҳтар карда шавад. Дар ин ҷо ба инсонпарваронагии таълими фанҳои ғайригуманитарӣ ва иҷтимоӣ диққат додан яке аз вазифахои асосӣ мебошад. Ин вазифаро тавассути ташаккули қобилияти эҷодӣ, ҷаҳони маънавии онҳо, принсипҳои арзишманди инсондӯстӣ дар талабагон тавассути ҷудо намудани маҳз ҳамон ҷузъҳои фарҳанги умумибашарӣ дар ҳар як фанни таълимӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Татбиқи принсипи инсонпарварӣ дар таълим ифодаи арзишҳои умумибашариро дар назар дорад. Арзишҳои умумибашарӣ бояд бо ду роҳи алоқаманд баррасӣ карда шавад. Аввалан, ин арзишҳоест, ки на барои як гурӯҳи маҳдуди одамон, балки барои тамоми инсоният муҳимманд. Ҷанбаҳои мушаххаси ифодаи он ба хусусиятҳо ва анъанаҳои рушди фарҳангӣ-таърихии ин ё он кишвар вобаста аст. Дуюм, арзишҳои умумибашарӣ мафҳумҳое мебошанд, ки аз лиҳози таърихӣ ва иҷтимоӣ маҳдуд карда намешаванд. Онҳо идеал, намунаи рафтор барои тамоми инсоният, доимӣ ва тағйирнопазиранд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ба пайдоиши ақидаҳои гуманистӣ омилҳои зерин сабаб гардидаанд:

а) рушди неруҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ, илм, фарҳанг, афкори пешқадами фалсафӣ;

б) фаъолияти муштараки мардум, мубориза зидди истисмору нобаробарӣ ва беадолатӣ, ёриву дастгирии ҳамдигарӣ;

в) эхтиёҷоти озод шудан аз шиканҷаҳои замони мавҷуда;

г) мубориза алайҳи сохтори нобаробариҳои иҷтимоӣ.

Гуманистон дар ҳар давру замон ақоиди озодӣ, баробарӣ, бародарӣ, аз байн бардоштани ҷабру зулм ва

қонеъ гардонидани талаботи инсонро ҳуқуқи табиии ӯ дониста, дар назди қонун баробар будани онро пеш мегирифтанд, обрӯ ва шаъну шарафи инсониро новобаста ба баромади иҷтимоӣ ва мавқеи иҷтимоии он эътироф кардаанд.

Аз ин лиҳоз, ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз тасмим гирифтааст, ки наврасону ҷавононро дар руҳияи инсондӯстӣ, башардӯстӣ, арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбия намоянд.

Ҳамзамон ҳангоми муайян кардани мақсади таълим ҳар як ҷомеа ба ин ё он дараҷа арзишҳои суннатии худ равона мегард. Ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ ва миллии миллат муҳим аст. Принсипи инсондӯстиро бидуни дарки дурусти арзиши олии инсон дар раванди таълим амалӣ кардан ғайриимкон аст. Гуманизм ҳеҷ гоҳ индивидуализмро ҷонибдорӣ намекунад. Баръакс, вай ба идеяи индивидуализм мухолифат мекунад ва пайдоиши умумибашарии инсонро ҳамчун қадрият муайян мекунад. Он ба идеяи эътирофи шахсияти инсон ҳамчун арзиши бузург аз ҷониби дигар одамон, ҷомеа, ҳамбастагӣ бо дигарон ва дастгирии ҳамдигар асос ёфтааст. Дар рафти ба амал баровардани принсипҳои инсонпарварӣ аз вазифаи тарбия намудани одами мутахассиси баландихтисос чашм пӯшидан мумкин нест. Ин ҳолатро тавре шарҳ медиҳанд, ки насли наврасе, ки доираи танги донишу омӯзиш дорад, дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ метавонад дар оянда ҳатто зиндагии одиро ба даст орад. Имрӯз системаи маорифро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки бо роҳи пурзӯр намудани тарбияи умумии илмӣ ва гуманитарӣ имкони мустақилонаро таъмин намояд. Самти гуманистии тарбияро тавассути шаклҳои муносиби раванди таълим ба амал баровардан мумкин аст.

## 2. Андешаҳои педагогон нисбати фаъолияти инсонпарваронаи педагогӣ

Гуманизми мардуми мо аз замонҳои хеле қадим ибтидо гирифта, сипас он дар асарҳои Рӯдакию Фирдавсӣ, Ибни Синою Умари Хайём, Низомию Саъдӣ, Кайковусу Кошифӣ, Носири Хусраву Камоли Хуҷандӣ, Ҷомию Навоӣ ва дигарон пайваста ба ахлоқ бахри нест кардани зулму истибдод,



барҳам додани муносибатҳои мухолифи иҷтимоӣ ва низои одамон равона карда мешуд.

Сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фармудаанд:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!.*

Унсурулмаолии Кайковус дар асари панду ахлоқии худ «Қобуснома» дар боби «Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони одил» овардааст: «Агар хоҳӣ, ки қадри ту бар ҷой бошад, қадри мардумон бишинос», «Агар хоҳӣ, ки беҳтарини халқ бошӣ, аз халқ чизе дареғ мадор».

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи Муҳсинӣ» сирати одамиро дар ҷои аввал гузошта гуфтааст:

*Ҳар кӣ дар ӯ сирати наку бувад,*
*Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.*

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ шахси ба мардум нафърасонро аз қавми беҳтарин инсон дониста фармудааст:

*Эй ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?*
*Гӯям аз қавли беҳтарин касон.*
*Беҳтарин кас касе бувад, зи халқ,*
*Беш бошад ба халқ нафърасон.*

Педагоги муосири тоҷик Лутфуллозода М. дар боби охири китоби «Эҳёи педагогикаи Аҷам» ба гуманизми бузургони гузаштаи халқи тоҷик такя карда, дар хусуси гуманизм чунин овардаанд: «Гуманизм – «ҳуманус» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноящ одаму одамгарӣ, ки аз рӯи принсипҳои бародарию баробарии адлу адолат, инсофу шафқат, муомилаю муносибат, ҳуқуқи инсон барои рушду камоли ӯ, эҳтироми шаъну шараф, қадру қимат ва арзишҳои инсонӣ, инсон ҳамчун фард, имконияти зоҳир намудани қобилият, истеъдод, шарафу номус амал менамояд».

Имрӯз гуманизм ба ҷаҳонбиние табдил ёфтааст, ки асоси онро принсипҳои бародарӣ, баробарӣ, адолат, виҷдон, раҳму шафқат, муносибати инсонӣ, баробарҳуқуқии инсоният, худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳуқуқ барои таҳсил ва касбу ҳунар, эҳтироми шаъну шарафи одамӣ, арзишҳои судманди

фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, шахсияти инсон, ғамхорӣ дар ҳаққи истеъдоди ҷавон ва амсоли инро ташкил медиҳад.

Агар педагог хоҳад, ки бачаҳо хуб бошанд, ҳамеша воситаҳоеро истифода бурдан зарур аст, ки тарбиягирандагон ҳамин хел шаванд, онҳо аз рафтори хуби маънавӣ ҳаловат баранд.

Дар мавриди ҳалли вазифаҳои педагогӣ ду усул ё ду муносибат вуҷуд дорад: яке фармонфармоӣ, ки педагог масъалаҳоро худаш ҳал мекунад, шогирдонро маҷбур месозад, ки амали барои оияндаашон заруррро анҷом диҳанд: дигаре гуманизм, ки омӯзгор бо хонандагон ҳамкорӣ мекунад, мекӯшад, ки бачаҳоро ба ҳалли масъалаҳои педагогӣ ҷалб намояд.

Муҳимтарин вазифа аз он иборат аст, ки бача дар давраи таҳсил дар мактаб қадру эътибори худро донад, ба худ, ба дониши худ, ба қобилият ва имконияти худ боварӣ дошта бошад ва танҳо тавассути некӣ ба ин мақсад метавон ноил гардид, зеро некӣ тавлид месозад. Педагоги барҷаста А.В. Сухомлинский васият кардааст: «Бачаҳо сарчашмаи илҳоманд ва вазифаи ман аз он иборат аст, ки бачагии онҳоро равнақ диҳам, ҳифз намоям ва рафиқу дӯсти онҳо бошам».

### 3. Мақсади тарбияи демократӣ

Сохти демократии давлатдорӣ ғояҳои гуманистии пешқадами замонҳои гузаштаро идома дода, имкониятҳои талаботи моддӣ ва руҳии одам, идоракунии демократии ҷомеа аз тарафи ҳамаи одамон, тавлиди ормонҳои адолатхоҳӣ, муҳайё кардани шароит барои ҳуқуқи зистан, меҳнат, маълумот, таъминоти иҷтимоии инсон, баробарии миллӣ ва фарҳангӣ, муҳайё намудани шароит баҳри инкишофи мутаносиби одамро ба вуқуъ мепайвандад.

Ҳамин тавр, дар арзёбии гуманизми муосир ҳамаи он комёбиҳои беҳтарини афкори замонҳои гузашта ва ғояҳои асосии қадркунии инсон инъикоси худро ёфтааст. Гуманизми ҳақиқӣ истисмори одам аз тарафи одам, ҷабру зулми миллӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро намепарварад.

Принсипи гуманистӣ муносибати фардии раванди педагогиро ба назар гирифта, дар маркази раванди таълиму



тарбия на барномаю китоби дарсӣ, балки ба эътибор гирифтани шахсияти хонанда, талабот ва майлу рағбати ӯро яке аз шартҳои асосии худ медонад.

Маҳз давлат ва ҷомеа саъю талош мекунанд, то ин ки баҳри рушду такомулоти қобилияту истеъдоди наврасону ҷавонон имкониятҳо ва шароити мувофиқ муҳайё намоянд.

Тибқи қоидаҳои ахлоқи гуманистӣ ҳар фард дар ҷомеа бояд софдилона хидмат ва муносибат кунад, одамони арсаи меҳнатро эҳтиром намояд, ба давлату халқи худ содиқ бошад.

Тарбияи демократӣ методҳои тарбияи авторитарӣ (ҳукмравоӣ)-ро рад мекунад ва дар ҳамин радиф гуманизми ахлоқи бепарвоӣ, саҳлангорӣ, беинтизомиро намепазирад.

Тарбияи инсонгароӣ дар раванди таҳсилот баҳри ба воя расонидани шахсиятҳои дорои сифатҳои арзишманди инсонӣ мусоидат намуда, дар ниҳоди онҳо ҳисси башардӯстию маърифатпарвариро бедор мекунад.

Яке аз принсипҳои муҳимми тарбияи шаҳрвандон, аз ҷумла, наврасону ҷавонон, арзишҳои миллӣ ва гуманизм ё башардӯстӣ, инсондӯстӣ, инсонгароӣ мебошад.

Олимони муосири тоҷик - Каримова И.Х.: «Фарҳанг-сарчашмаи гуманизм», «Некӣ некӣ ба бор орад»; Нурзода А.: «Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи хонандагони хурдсол», «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон»; Латифов Д.: «Тарбияи донишҷӯён дар руҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ»; Лутфуллозода М. «Арзишҳои миллӣ дар китоби «Шарафномаи миллат», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия» ва дигарон масъалаи нақш ва мавқеи гуманизм ва арзишҳои миллию умумибашариро дар тарбияи мардум, хусусан насли наврас ба таври боварибахш инъикос намудаанд. Аз ҷумла оид ба гуманизм таъкид мекунанд, ки принсипи гуманистӣ муносибати фардии раванди педагогиро дар назар дорад, ки он гардиш ба сӯи кӯдак, эҳтироми шахсияти ӯ, боварӣ ба ӯ, талабот ва рағбати ӯ мебошад; муҳайё намудани шароити мувофиқ барои инкишофи қобилияти ӯ, рӯ овардани мактаб ба фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ, арзишҳои маънавии мардумро дар назар дорад.

Максад ва вазифаҳои ҷомеа, дўстӣ, арзишҳои миллию умумибашарӣ хелҳои нави тарбияро рӯи кор мсоранд, ки мо оид ба онҳо алоҳида-алоҳида таваққуф менамоем.

Гуманизм ё башардўстӣ консепсияи арзёбии инсон ҳамчун арзиши олӣ дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, шаъну шарафи шахсияти инсонро ҳимоя мекунад. Шинохти ҳуқуқу озодии инсон, инкишофи зуҳури қобилиятҳои ӯ, фароҳамсозии шароити мусоид маҷмуи вазифаҳои дигари консепсияи башарӣ маҳсуб меёбанд.

Педагогикаи башарӣ низоми назарияҳои илмӣ мебошад, ки тарбиягиронро зимни раванди таълиму тарбия ба иштирокчии фаъолу огоҳ, баробарҳуқуқ табдил медиҳад.

Гуманизатсияи таҳсилот дар ҷомеаи имрӯза ҷойгоҳи махсусро тақозо мекунад.

Усулҳои гуманизатсияи таълим ба тариқи зайл аст:

- дар раванди педагогӣ аз ҷониби хонанда шинохти дурусти воқеияти зиндагӣ;
- худро ҳамчун як инсон шинохтани хонанда;
- мутобиқати манфиатҳои хонанда бо манфиатҳои умумиинсонӣ;
- дар раванди педагогӣ иҷозат надодан ба воситаҳое, ки хонандаро ба зуҳуроти зиддиичтимоӣ тахрик месозанд;
- дар раванди педагогӣ барои хонанда фазои мусоид фароҳам овардан, то тавонад фардияти худро нишон диҳад.

Гуманизм рӯ ба инсон овардани мактаб, эҳтироми шахсият ва қадру эътибори ӯ, боварӣ кардан ба ӯ, қабули мақсадҳои шахсӣ, дархосту манфиатҳои ӯст. Ин муҳайё сохтани шароити мусоид аст, ҷиҳати рушди қобилияти ӯст, ин имкон медиҳад, ки мактаббачаро ба ҳаёти оянда омода созад ва ҳамзамон дар ҳар давраи синнусол: бачагӣ, наврасӣ,навҷавонӣ, ҷавонӣ, зиндагии боарзиши вайро таъмин намояд.

Дар маркази раванди гуманизм инсонро мегузорад. Маънии асосии раванди педагогӣ рушди инсон хоҳад буд. Гуманизм аз ҷумла тавассути ба роҳ мондани муносибати алоҳида дар раванди педагогӣ (ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии хонандагон ва шахсияти омӯзгор амалӣ мегардад).



Усул ва услубҳои тарбияи гуманистӣ тақозо мекунад, ки барои ташаккули сифатҳои шахсият ташкили ҳамкории коллективҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, маърифатии маънавӣ-этикӣ, барпо намудани вазъиятҳои ин ё он амалиёти гуманистӣ зоҳиркунанда, ҳамчунин намунаи ибрати шахсии худи муаллимон ва мураббиёнро бояд ба инобат гирифт.

Дар ташкил намудани ин навъи тарбия истифодаи шаклҳои зерини фаъолияти муфиди талабагон аҳамияти калони тарбиятии инсонпарварӣ доранд: таъсис намудани осорхонаи таърихӣ ва кор, ҷустуҷӯи қаҳрамонҳои дар ҷангҳо ба шаҳодатрасида, мукотиба бо авлодони қаҳрамонҳо, поси хотири гузаштагон ва ғайраҳо. Дар ҳамаи ин намудҳои фаъолият талабагон бо корнамоиҳои одамон, мардонагӣ, шуҷоату фидокорию ватандўстии одамон бармехўранд, ки ин эҳтироми ононро нисбати ғамхориҳои ин шахсиятҳо афзун мегардонад.

Ҳамин тавр, дар мактаб ба шахсият таъсир расонда, бахри ташаббускории ӯ шароит муҳайё кардан лозим аст. Толибилмон дар коллектив худро бояд озод ҳис намуда, дар он усули ҳаёти демократиро эҳсос намоянд.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Гуманизм** - истилоҳи лотинии humanis буда, маънои инсондўстӣ, одамият, инсонпарвариро дорад. Дар тахти **мафҳуми гуманизм** қадру эҳтиром намудани шахсияти инсон фаҳмида мешавад.

**Сохти демократии давлатдорӣ** - ғояҳои гуманистии пешқадами замонҳои гузаштаро идома дода, имкониятҳои талаботи моддӣ ва руҳии одам, идоракунии демократии ҷомеа аз тарафи ҳамаи одамон, тавлиди ормонҳои адолатхоҳӣ, муҳайё кардани шароит барои ҳуқуқи зистан, меҳнат, маълумот, таъминоти иҷтимоии инсон, баробарии миллӣ ва фарҳангӣ, муҳайё намудани шароит бахри инкишофи мутаносиби одамро тақозо мекунад.

**Принсипи гуманистӣ** - муносибати фардии раванди педагогиро ба назар гирифта, дар маркази раванди таълиму тарбия на барномаю китоби дарсӣ, балки шахсияти хонанда, талабот ва майлу рағбати ӯ гузошта мешавад.

**Тарбияи демократӣ** - методҳои тарбияи авторитарӣ (ҳукмравой)-ро рад мекунад ва дар ҳамин радиф гуманизми ахлоқӣ бепарвой, саҳлангорӣ, беинтизомиро намепазирад.

**Савол ва супориш:**

1. Принсипҳои тарбияи гуманистиро шарҳ диҳед.
2. Гуманизатсияи раванди таълиму тарбия гуфта чиро мефаҳмед?
3. Қоидаҳои асосии раванди гуманистии педагогиро маънидод кунед.
4. Вазифаҳои асосии омӯзгорро дар доираи талаботи гуманизм номбар намоед.
5. Бо мақсади дар руҳияи инсондӯстӣ тарбия кардани мактабиён кадом шаклҳои фаъолияти тарбиявӣ амал мекунад?
6. Мақсади тарбияи демократӣ ва татбиқи принсипҳои он дар таълимгоҳҳо.



## МАВЗУИ 9. САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОР ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Нақша:**

1. Мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”
2. Ақидаҳои олимон оид ба салоҳияти омӯзгор
3. Хусусият ва самтҳои муҳимтарини салоҳияти касбии омӯзгор

### 1. Мафҳуми “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ”

Дар ҷаҳони воқеии бениҳоят зудтағйирёбанда, рушди пуршиддати таълими ибтидоӣ, гуногунии барномаҳои алтернативӣ, тағйири куллӣ дар ҷанбаи мурофиавии таълим масъалаи тағйирёбии сифатии шахсияти омӯзгор, нақш ва фаъолияти ӯро дар раванди таълим ба миён мегузорад. Тағйироти ҷиддиро дар соҳаи маориф бидуни тағйироти куллӣ дар шуури касбии омӯзгор имконнопазир аст. Вай бояд худро доимо такмил диҳад, донишҳои навро ҷустуҷӯ кунад. Омӯзгор набояд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш бошад, балки шахсе бошад, ки муҳити таълимии хонандагон, синфро тарҳрезӣ карда тавонад. Ҳамчунин, ӯ бояд истифодабарандаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ бошад.

Бисёр донишҳои нав, мафҳумҳое пайдо шуданд, ки барои омӯзгори муосир заруранд. Истилоҳи «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» ба муомилоти илмӣ ва рӯзмарра фаъолона дохил карда шудааст, ки сатҳи дахлдори тахассуси касбии мутахассисро тавсиф мекунад.

**Салоҳият** – маҷмуи якҷояшудаи дониш, малака ва маҳоратро дарбар мегирад, дар натиҷаи таҷрибаи амалӣ ва фаъолият бо истифодаи ин донишҳо ба даст омадааст. Салоҳият натиҷаи таҳсил буда, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мешавад. Салоҳият вобаста ба муҳиммият ба салоҳиятҳои асосии умумитаҳсилотӣ, умумифаннӣ тақсим мешавад.

Боиси зикр аст, ки “салоҳият”-ро таълим намедиҳанд, он дар натиҷаи азхуд кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо ташаккул меёбад. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, маҳорат ва малака аст. Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан

мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб, қобилона ва боэътимодона иҷро карда метавонад.

Мафҳумҳои салоҳияту салоҳиятнокӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ нав нестанд, вале доираи истифодаи онҳо дар гузашта то андозае маҳдуд буд. Масалан, дар аҳди Шуро ба ҷойи ин вожаҳо мафҳумҳои «дониш», «маҳорат» ва «малака»-ро истифода мебурданд. Лекин ин се вожа мазмуни салоҳият ё салоҳиятнокиро пурра ифода карда наметавонад. Зеро дониш натиҷаи маҷмуи муайяни илмҳост, ки хонандагон дар муассисаи таълимӣ аз фанҳои гуногун меомӯзанд, маҳорату малакаҳо сифатҳоеанд, ки дар натиҷаи машқу тамрин ва фаъолиятҳои такрори доманадор ҳосил мегарданд. Доираи салоҳияту салоҳиятнокӣ нисбатан васеъ буда, чанд унсур ё компоненти дигарро фаро мегирад. Аз ҷумла:

- салоҳияту салоҳиятнокии касби омӯзгорӣ;
- маҳорати омӯзгорӣ;
- қобилияти омӯзгорӣ;
- технологияи таълими фан;
- фарҳанги омӯзгорӣ;
- маънавиёт ва ахлоқи (этикаи) омӯзгорӣ;
- сифатҳои касби омӯзгорӣ;
- малакаҳои касби омӯзгорӣ;
- иштироки фаъол ва шахсияти таълимгирандагон;
- аҳли ҷомеа, падару модарон;
- муҳити созгор;
- воситаҳои ахбори умум;
- назорат ва роҳбарии салоҳиятнокии хонандагон.

Ҳамаи вожаҳои салоҳияту салоҳиятнокӣ, салоҳиятдору салоҳиятдорӣ, босалоҳияту бесалоҳият аз решаи умумии компетент (компетентис)-и вожаи лотинӣ бармеоянд. Дар забони мо ҳамин маъно бо калимаю таркибу ибораҳои салоҳият, салоҳият доштан, соҳибихтиёрӣ, соҳибҳуқуқ, салоҳиятдор, ҳуқуқ, комилҳуқуқ, кордонӣ, қодир будан ба амал, салоҳдид, ихтиёр, ақидаи муътабар; шахси доною медонистагӣ, тасаввуроти пурра доштан, сазовор будан, лоиқи чизе, шоистаю шоистагӣ ифода меёбад, ки қисми зиёди ин маъноҳо мансубанд ба қобилият. Баъзеҳо «тавоноӣ», «тавонистан»-ро низ тавсия медиҳанд. Аммо, тавоноию



тавонистан ба маънои салоҳияту салоҳиятнок истифода шаванд ҳам, аз ҷиҳати доираи истифода ҳамарзиши салоҳияту салоҳиятнокӣ нестанд. Агар салоҳият маънои луғавии калимаро ифода намояд, салоҳиятнокӣ ё салоҳиятдорӣ ба сифати шахс ё идорае ишора менамояд.

Чӣ омӯзгорро водор менамояд, ки босалоҳият шавад?

1. Ҷаҳонбинӣ ва дониши касбӣ
2. Омӯхтани педагогика, психология ва методикаи таълими фан
3. Маҳорату қобилияти омӯзгорӣ
4. Технологияи таълими фан
5. Сифатҳои касбӣ ва фарҳанги омӯзгорӣ
6. Маънавиёти волои инсонӣ.

Аз ин шаш талабот се дархости умда (асосӣ) бармеояд, ки аз донишҷӯи муқаррарӣ омӯзгори босалоҳият, омӯзгори сазовори замон месозад:

1. Доираи назар, ҷаҳонбинӣ ва дониши мукаммали касбӣ
2. Омӯхтани педагогика, психология, методика ва технологияи таълим
3. Сифатҳои шахсӣ ва маънавиёти инсонӣ.

**2. Ақидаҳои олимон оид ба салоҳияти омӯзгор**

Доир ба баёни салоҳияти касбии омӯзгор гуногунии ақидаҳоро ҳатман ба назар гирифтан лозим аст:

Ақидаи М.И. Станкин: «Салоҳияти омӯзгорӣ донишу таҷрибаест, ки дар ҳалли босаводонаи масъалаҳои таълиму тарбия имкон фароҳам меоварад».

Ақидаи И.П. Подласий: «Соҳиб будан ба донишҳоест, ки имкони дар бораи чизе муҳокима ронданро фароҳам меоварад. Сохтор ва мазмуни салоҳияти касбӣ асосан бо махсусияти фаъолият ва мансубияти он муайян карда мешавад».

Ақидаи Н.В. Баздовская: «Салоҳияти омӯзгор соҳиб будан бо маҷмуи донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои касбӣ мебошад, ки фаъолият ва муоширату шахсияти педагогӣ ташаккул меёбанд».

И.Д. Фрумин: «Муносибати босалоҳият такмилдиҳандаи мазмуни таълим буда, ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ҷавоби воқеӣ мегӯяд».

Т.М. Ковалёва: «Муносибати босалоҳият ба дархости соҳаи истеҳсолот ҷавоб мегӯяд».

В.А. Болотов: «Муносибати босалоҳият ба вуҷуд овардани шароит барои ҷамъбасткунӣ ва хулосабарории қобилияти инсон аст, ки берун аз мазмун ва вазъияти таълимӣ самаранок амал карда метавонад».

Б.Д. Элконин: «Салоҳиятнокӣ воситаи азнавсозиро ба таври қатъӣ ифода менамояд».

В.В. Башев: «Салоҳиятнокӣ имкони рушди қобилиятҳоро дар шароити беҳтар ба вуҷуд меорад ва салоҳияти шаклгирифта ба сатҳи дигари салоҳият оварда мерасонад».

А.М. Аронов: «Салоҳиятнокӣ ҳамчун омодагии мутахассис ва ба фаъолияти муайян ворид шудан аст».

П.Г. Шедровский «Салоҳиятнокӣ ҳамчун омодагии махсус ба фаъолияти касбии оянда».

Ақидаи И.Ф. Исаев: «Салоҳияти касбӣ доираи ваколатҳои ягон мақомот ё шахси вазифадор, инчунин масъалаҳоест, ки касе хуб огоҳ аст».

Академик М.Лутфуллозода фарқияти байни салоҳиятҳои хонандаҳою омӯзгоронро чунин тавзеҳ додаанд: "Агар салоҳиятҳои хонандаҳо дар доираи ҷаббидаи дониш маҳорату малакаҳо маҳдуд шаванд, *салоҳиятҳои омӯзгор ҷаббидаи дониш, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиёт ва фарҳанги ӯст, ки дар мустақилият, иҷтимоӣ – коммуникативӣ, ахбор, тафаккури интиқодӣ, таҳқиқотӣ, тафаккури эҷодӣ, эҳсос, арҷгузорӣ ва ғайра ифода мегардад".* Омӯзгор дар фаъолияти амалии худ ба ин ва дигар салоҳиятҳо такя менамояд. Аз ин таърифот ду хулоса мебарорем:

Хулосаи якум. Салоҳиятро ба омӯзгор сазовор медонанд, салоҳиятнокиро худаш ба каф меорад. Вале ҳар ду ҳам бе заҳмату бе саъю кӯшиш муяссар намегардад.

Хулосаи дуюм. Дар ҳар ду таъриф унсурҳои муҳимми ҷараёни педагогӣ ҳузур доранд, ки ба фаъолияти самарабахши



омӯзгор мусоидат менамоянд. Ин унсурҳоро ба таври фишурда шарҳ медиҳем.

*Унсури 1. Ҷаҳонбинӣ ё доираи назари омӯзгор*

Омӯзгоре, ки дар мусовӣ бо хубу аъло омӯхтану донистани донишҳои касбӣ, педагогика, психология, методика ва технологияи таълим:

- доираи назар – ҷаҳонбинии васеи илмӣ-фалсафӣ дошта бошад;
- қонунҳои тараққиёти табиату ҷамъиятро донад, ба онҳо аз диди илмӣ баҳо дода тавонад;
- аз мазмуни қарору қонунҳо, консепсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, ки Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илму маориф қабул мекунанд, бохабар бошад;
- аз мазмуну муҳтавои фанҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт огоҳ бошад;
- аз навоварию навгониҳои илму техника, навиду иттилооти ҷаҳону кишвар бохабар бошад;
- дар тадбирҳои гуногуни сиёсиву ҷамъиятӣ, аз ҷумла озмунҳо, олимпиадаҳо, семинару конференсияҳо, ки марбут ба ихтисос мегузаранд, фаъолона иштирок намояд;
- дар курсу семинарҳои такмили ихтисос, ки мувофиқи нақша гузаронида мешаванд, иштирок намояд;
- байни ҷомеа, ҳамранги ҷомеа бошад.

Ҳамаи ин унсурҳо ҷаҳонбинии илмии омӯзгорро васъат бахшида, имконият медиҳанд, ки ӯ воқеаҳои иҷтимоӣ ва табииро ҳаққонӣ баҳо дода, мавқеи худро дар ҷомеа муайян намояд.

*Унсури 2. Омӯхтан ва донистани донишҳои касбӣ*

Салоҳияту салоҳиятнокии омӯзгор дар арсаи заҳмати пурмашаққати ақлии омӯхтан, дидан ва мушоҳида кардан муяссар мегардад.

Омӯхтан дар фаъолияти омӯзгорӣ ва барои омӯзгор доманадор аст ва маънои васеъ дорад.

1. Омӯхтани назария ва амалияи донишҳои касбӣ, ки дар фаъолияти омӯзгорӣ ба кор меоянд.

2. Худомӯзӣ ва бозомӯзӣ, ки яке аз шартҳои муҳимми пешравист

3. Омӯхтани раванди ҷомеа, зиндагӣ ва дархостҳои он

4. Омӯхтани асосҳои методологии маориф, матбуоти даврӣ

5. Омӯхтани таҷрибаи пешқадам

6. Омӯхтани хусусиятҳои психологию педагогии шогирдон, шароити хонавода ва муносибати калонсолон (падару модарон) нисбат ба ҳамдигар ва таҳсили фарзандон

7. Омӯхтани шароит ва муҳите, ки шогирдонро фаро гирифтааст

8. Омӯхтани дониш, маҳорат ва малакаҳои касбии худ ва баҳои сазовор додан ба он.

Аз мазмуну муҳтавои гуфтаҳои боло бармеояд, ки салоҳияти омӯзгорро мансуб ба маҷмуи донишу таҷриба ва малакаҳои касбӣ аст. Яъне, салоҳияту салоҳиятнокӣ дар пиндору (фикру андешаи мо) кирдору (амалу ҳаракати мо), фарҳанги гуфтори мо нуҳуфтаанд.

Шахси салоҳиятнок мисли ҳунарманд байни мардум азизу боэҳтиром аст.

**3. Хусусият ва самтҳои муҳимтарини салоҳияти касбии омӯзгор**

Салоҳият ин қобилияти омӯзгор дар вазъияти номуайянӣ мебошад. Чӣ қадаре ки номуайянӣ баланд бошад, ин қобилият ҳамон қадар зиёд мешавад.

Барои дар амалия бомуваффақият ҷорӣ намудани навигариҳои гуногун, барои иҷрои вазифаҳое, ки дар шароити нав ба миён гузошта шудаанд, омӯзгор бояд дараҷаи зарурии маҳорати касбӣ, хоҳиши ба даст овардани муваффақият дар фаъолияти худ дошта бошад.

Муҳимтарин хусусияти салоҳияти касбӣ «таваҷҷуҳ ба кӯдак» мебошад. Таваҷҷуҳи педагогии омӯзгор ба кӯдак ба он нигаронида шудааст, ки ҳавасмандии хонанда ба омӯзиш, омӯхтани олами атроф, одамон ва худи ӯ мебошад. Он ғамхорӣ нисбати кӯдак, таваҷҷуҳ ба ӯ, муҳаббат, мусоидат ба рушди шахсияти ӯ ва ҳадди аксар худидоракунии шахсияти ӯро дар бар мегирад.

Омӯзгореро, ки аз ҷиҳати касбӣ салоҳиятдор номида мешавад, метавон гуфт, ки фаъолияти педагогӣ, муошира



педагогиро дар сатҳи ба қадри кофӣ баланд анҷом медиҳад, дар таълим ба натиҷаҳои пайваста баланд ноил мегардад.

Салоҳиятҳо қобилияти омӯзгор барои риояи меъёрҳои муайяни рафтор, яъне, меъёрҳое, ки чӣ гуна кор, фаъолият бояд иҷро шавад. Салоҳиятҳо натиҷаи мураккаби фаъолиятро инъикос намуда, на танҳо дониш ва малака (салоҳият), балки хусусиятҳои фардии шахсро низ дар бар мегиранд.

Маҳорати касбии омӯзгорро салоҳиятҳои зерини омӯзгор таъмин мекунанд: салоҳияти умумии фарҳангӣ, салоҳияти худтакмилдиҳии шахсӣ, салоҳияти маърифатӣ ва эҷодӣ, самти арзишӣ-маъноии шахсият, салоҳияти коммуникатсионӣ, салоҳияти иттилоотӣ, салоҳияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ; салоҳияти касбии омӯзгор.

***Салоҳияти умумифарҳангӣ:***

- дониш дар соҳаи фарҳанги миллӣ, умумибашарӣ;
- қобилияти инъикоси системаи шахсӣ;
- таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарҳангҳои гуногуни этникӣ.

***Қобилияти такмили худидоракунии шахсӣ:***

- зарурати амалисозӣ ва татбиқи неруи шахс;
- қобилияти рушди худ.

***Қобилияти маърифатӣ ва эҷодӣ:***

- малакаи гузоштани мақсад, банақшагирӣ, инъикоси фаъолияти таълимию маърифатӣ;
- инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ;
- қобилияти мустақилона азхуд кардани донишҳои нав.

***Самти арзишӣ-мантиқӣ (семантикӣ)-и шахс:***

- огоҳӣ аз нақш ва ҳадафи худ;
- эҳтиёҷ ва қобилияти худшиносӣ;
- сохтмони пурҷӯшу хурӯши ҳаёт ва фаъолияти касбӣ.

***Салоҳияти коммуникатсионӣ:***

- доштани технологияҳои муошırати шифоҳӣ ва хаттӣ, аз ҷумла муошират тавассути интернет.

***Салоҳияти иттилоотӣ:***

- қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ, таҳлил ва интихоби иттилооти зарурӣ;
- таъмини меъёрию ҳуқуқии фаъолияти педагогӣ;

3. Омӯхтани раванди ҷомеа, зиндагӣ ва дархостҳои он

4. Омӯхтани асосҳои методологии маориф, матбуоти даврӣ

5. Омӯхтани таҷрибаи пешқадам

6. Омӯхтани хусусиятҳои психологию педагогии шогирдон, шароити хонавода ва муносибати калонсолон (падару модарон) нисбат ба ҳамдигар ва таҳсили фарзандон

7. Омӯхтани шароит ва муҳите, ки шогирдонро фаро гирифтааст

8. Омӯхтани дониш, маҳорат ва малакаҳои касбии худ ва баҳои сазовор додан ба он.

Аз мазмуну муҳтавои гуфтаҳои боло бармеояд, ки салоҳияти омӯзгорро мансуб ба маҷмуи донишу таҷриба ва малакаҳои касбӣ аст. Яъне, салоҳияту салоҳиятнокӣ дар пиндору (фикру андешаи мо) кирдору (амалу ҳаракати мо), фарҳанги гуфтори мо нуҳуфтаанд.

Шахси салоҳиятнок мисли ҳунарманд байни мардум азизу боэҳтиром аст.

**3. Хусусият ва самтҳои муҳимтарини салоҳияти касбии омӯзгор**

Салоҳият ин қобилияти омӯзгор дар вазъияти номуайянӣ мебошад. Чӣ қадаре ки номуайянӣ баланд бошад, ин қобилият ҳамон қадар зиёд мешавад.

Барои дар амалия бомуваффақият ҷорӣ намудани навигариҳои гуногун, барои иҷрои вазифаҳое, ки дар шароити нав ба миён гузошта шудаанд, омӯзгор бояд дараҷаи зарурии маҳорати касбӣ, хоҳиши ба даст овардани муваффақият дар фаъолияти худ дошта бошад.

Муҳимтарин хусусияти салоҳияти касбӣ «таваҷҷуҳ ба кӯдак» мебошад. Таваҷҷуҳи педагогии омӯзгор ба кӯдак ба он нигаронида шудааст, ки ҳавасмандии хонанда ба омӯзиш, омӯхтани олами атроф, одамон ва худи ӯ мебошад. Он ғамхорӣ нисбати кӯдак, таваҷҷуҳ ба ӯ, муҳаббат, мусоидат ба рушди шахсияти ӯ ва ҳадди аксар худидоракунии шахсияти ӯро дар бар мегирад.

Омӯзгореро, ки аз ҷиҳати касбӣ салоҳиятдор номида мешавад, метавон гуфт, ки фаъолияти педагогӣ, муоширати



педагогиро дар сатҳи ба қадри кофӣ баланд анҷом медиҳад, дар таълим ба натиҷаҳои пайваста баланд ноил мегардад.

Салоҳиятҳо қобилияти омӯзгор барои риояи меъёрҳои муайяни рафтор, яъне, меъёрҳое, ки чӣ гуна кор, фаъолият бояд иҷро шавад. Салоҳиятҳо натиҷаи мураккаби фаъолиятро инъикос намуда, на танҳо дониш ва малака (салоҳият), балки хусусиятҳои фардии шахсро низ дар бар мегиранд.

Маҳорати касбии омӯзгорро салоҳиятҳои зерини омӯзгор таъмин мекунанд: салоҳияти умумии фарҳангӣ, салоҳияти худтакмилдиҳии шахсӣ, салоҳияти маърифатӣ ва эҷодӣ, самти арзишӣ-маъноии шахсият, салоҳияти коммуникатсионӣ, салоҳияти иттилоотӣ, салоҳияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ; салоҳияти касбии омӯзгор.

***Салоҳияти умумифарҳангӣ:***

- дониш дар соҳаи фарҳанги миллӣ, умумибашарӣ;
- қобилияти инъикоси системаи шахсӣ;
- таҳаммулпазирӣ нисбат ба фарҳангҳои гуногуни этникӣ.

***Қобилияти такмили худидоракунии шахсӣ:***

- зарурати амалисозӣ ва татбиқи неруи шахс;
- қобилияти рушди худ.

***Қобилияти маърифатӣ ва эҷодӣ:***

- малакаи гузоштани мақсад, банақшагирӣ, инъикоси фаъолияти таълимию маърифатӣ;
- инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ;
- қобилияти мустақилона азхуд кардани донишҳои нав.

***Самти арзишӣ-мантиқӣ (семантикӣ)-и шахс:***

- огоҳӣ аз нақш ва ҳадафи худ;
- эҳтиёҷ ва қобилияти худшиносӣ;
- сохтмони пурҷӯшу хурӯши ҳаёт ва фаъолияти касбӣ.

***Салоҳияти коммуникатсионӣ:***

- доштани технологияҳои муошировати шифоҳӣ ва хаттӣ, аз ҷумла муошират тавассути интернет.

***Салоҳияти иттилоотӣ:***

- қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ, таҳлил ва интихоби иттилооти зарурӣ;
- таъмини меъёрию ҳуқуқии фаъолияти педагогӣ;

• доштани технологияҳои иттилоотӣ

***Салоҳияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ:***

• қобилияти ба ухда гирифтани масъулият;

• зуҳуроти ба ҳам пайвастани манфиатҳои шахсӣ бо талаботи ҷамъият;

• омодагӣ ба иҷрои мустақилонаи фаъолияти касбӣ.

***Салоҳияти касбии омӯзгор:***

• мавқеи фаъоли ҳаёт;

• дониш ва малакаи касбӣ;

• сифатҳои шахсии касбӣ;

• маҳорати эҷодӣ.

Салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ҳамчун мафҳуми дастаҷамъӣ ба ҳисоб меравад, ки хусусияти шахсияти омӯзгорро ҳамчун омӯзгор-тарбиягар ва равоншиноси кӯдакон муайян мекунад. Он ба дарки омӯзгор дар бораи қобилиятҳои педагогии худ, хусусиятхои гурӯҳи бачагон, дурнамои инкишофи он асос меёбад. Чунин огоҳӣ салоҳиятҳои касбии омӯзгорро дар интихоби технологияҳои педагогӣ, усулҳое муайян мекунад, ки барои бомуваффақият амалӣ намудани ҳадафи асосӣ – фароҳам овардани шароит барои инкишофи мусбати шахсияти хонандагони хурдсол имкон медиҳанд.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Салоҳият** – маҷмуи якҷояшудаи дониш, малака ва маҳоратро дарбар мегирад, дар натиҷаи таҷрибаи амалӣ ва фаъолият бо истифодаи ин донишҳо ба даст омадааст.

**Салоҳиятнокӣ** – ин ҳамчун омодагии мутахассис ва ба фаъолияти муайян ворид шудан аст.

**Салоҳияти омӯзгор** - соҳиб будан бо маҷмуи донишҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои касбӣ мебошад, ки фаъолият ва муошırату шахсияти педагогӣ ташаккул меёбанд.

**Муносибати босалоҳият** - ба вуҷуд овардани шароит барои ҷамъбасткунӣ ва хулосабарории қобилияти инсон аст, ки берун аз мазмун ва вазъияти таълимӣ самаранок амал карда метавонад.

**Салоҳияти касбӣ** - доираи ваколатҳои ягон мақомот ё шахси вазифадор, инчунин масъалаҳоест, ки касе хуб огоҳ аст.

**Савол ва супориш:**



1. Мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ"-ро шарҳ диҳед .
2. Чӣ омӯзгорро водор менамояд, ки босалоҳият шавад?
3. Кадом олимон доир ба салоҳияти омӯзгори касбӣ ибрози ақида намудаанд, баён намоед.

# МАВЗУИ 10. ШАХСИЯТИ КӮДАК ВА МУНОСИБАТИ ПЕДАГОГӢ БА ОН

**Нақша**

1. Мафҳуми «шахсият» ва омилҳои инкишофу ташаккули он
2. Омилҳои рушд ва ташаккули шахсият аз нигоҳи илмӣ
3. Марҳалаҳои рушди синнусолии талабагон

**1. Мафҳуми «шахсият» ва омилҳои инкишофу ташаккули он**

Омӯзгор ҷараёни аз ҳама мураккабтарин – инкишофи шахсиятро идора мекунад. Мураккабии ҷараён дар тағйирёбии олами маънавии наврасону ҷавонон мебошад. Дар фаъолияти меҳнатии омӯзгор амалӣ гаштани меъёрҳои муайян карда шуда, хело душвор аст. Чун дар урфият мегӯянд, дар назди мураккабии олами маънавии инсон мураккабии олам хеҷ аст. Ҳар як фард хусусиятҳои ба худ хосе дорад, ки такрорнашаванда аст.

Омӯзгор идоракунандаи таъсирҳои гуногуни мусбию манфӣ нисбат ба шахсияти насли наврас мебошад.

Дар таҳти мафҳуми «шахсият» - маҷмуи сифатҳои иҷтимоии дар ҷараёни зиндагӣ ҳосилкардаи инсон фаҳмида мешавад. Ба мафҳуми «шахсият» хусусият ва сифатҳои иҷтимоии инсон, аз қабили нутқ, шуур, одатҳои гуногуни иҷтимоӣ, оқилӣ, эҳсоси масъулият, фаъолияти иҷтимоӣ ва устуворӣ нисбати ақоид ва эътиқоди худ. ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонад, хос аст. Қобилияти фикр кардани рафтору кирдорҳои худ ва ба онҳо масъул будан яке аз аломатҳои умдаи шахсият ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ дар раванди фаъолияти зиндагии худ хусусият ва сифатҳои зиёди иҷтимоиро дарбар намуда, мавҷудоти ҷамъиятии худро таъмин намуда, ба шахсият табдил меёбад.

Дар баробари мафҳуми «шахсият» нисбати инсон мафҳуми «фард» низ истифода мешавад. Ҳар як одами солимақл фард шуда метавонад. Фард хусусиятҳои шабоҳатнадоштаи хоси инсонӣ буда, фарқияти як одам аз одами дигар, як шахсият аз шахсияти дигарро мефаҳмонад. Мафҳуми фард бо аломатҳои махсус – хусусият, мизоҷ



(чунончи, тамкинӣ, қавииродагӣ, сусткорӣ), фаъолияти гуногуни эҷодӣ ва қобилияти хосса фарқ мекунад.

Масъалаи муҳимме, ки нисбати рушди ташаккули шахсият дар илми педагогика ва дигар илмҳо баҳс мекунанд, ба инобат гирифтани омилҳои асосии рушд мебошад.

Зикр бояд намуд, ки тибқи таҷрибаҳои зиндагӣ ва тадқиқотҳои илмӣ дар рушд ва ташаккули шахсият омилҳои биологӣ - ирсият ва омилҳои иҷтимоӣ - муҳит ва тарбия хусусияти таъсирбахшиpo моликанд.

**2. Омилҳои рушд ва ташаккули шахсият аз нигоҳи илмӣ**

Омилҳои биологӣ. Ирсият - ин хусусият ва аломатҳои ҷисми зиндае, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл мегузарад. Аз ҷумла, ба ин сохти анатомию физиологии бадан, ранги пӯст, чашм, мӯй, абрӯ, хусусиятҳои системаи асаб, ҳамчунин аломатҳои нутқ, тафаккури одам ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба кӯдакон ҳолати саломатии руҳӣ ва тарзи зиндагии волидайн низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Чунончи, ба қобилияти ақлии кӯдак нашъамандӣ, майзадагии падар ва модар бениҳоят таъсири манфӣ меорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки инкишофи ақлу шуури инсон ба барномаи рушди пешрафти ҷомеа ва тарбия вобаста аст.

Омилҳои иҷтимоӣ. Муҳити иҷтимоӣ, шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ ба инкишофи шахсият таъсири мусбат ва ё манфӣ расонида метавонад, ба шарте, ки сохт ва идеологияи давлатдорӣ, системаи неруҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа ба рушди инсоният мусоидат кунад. Чуноне ки ба мо маълум аст, инсон аз муҳити иҷтимоӣ ҳарф задан, таҷрибаҳои зиндагӣ, рафтору муомила, мушоҳидакорӣ, тафаккуру ақидаронӣ ва ғайраҳоро меомӯзад. Хусусан, дар рушди шахсият воситаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва васоити ахбори умум яке аз омилҳои асосии ташаккули инсон маҳсуб меёбанд.

Дар баробари ин, муҳити номусоиди ҷомеа аз қабили дуздӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, қиморбозӣ метавонад ба рушди инсон таъсири манфӣ низ расонад.

***Тарбия.*** Таълиму тарбия дар баробари ирсият ва муҳити иҷтимоӣ ба рушд ва ташаккули шахсият таъсири зиёд мерасонад. Барои он ки инсон дар худ донишҳои зарурӣ, воситаҳои фаъолияти касбӣ ва сифатҳои муфиди маънавию эстетикиро фароҳам орад, бароящ таълиму тарбият лозим мебошад.

Дар шароити болоравии илму техника, бидуни таълиму тарбияи системанок ва махсус ташкил кардашуда ноили комёбиҳо гаштани инсоният имконнопазир аст. Аз ин лиҳоз, таълиму тарбия дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад намуда, барномаи рушди иҷтимоии шахсият ва рушди қобилияту хиради инсониро ба вуҷуд овард.

Тарбия таъсири ирсияту муҳитро саҳеҳ мегардонад. Баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам нақши тарбия меафзояд. Дар шароити кунунӣ будани таълиму тарбияи бардавом ва махсус дар зиндагӣ судманд иштирок намудани инсон мушкил аст. Махсусан, тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодии ӯ болу пар мекушояд.

Дар ташаккулёбии шахсият нақши тарбия аз ҳама асосӣ аст, зеро тарбия ин ҷараёни мақсадонок, муташаккилона таъсиррасонӣ аст. Ҳамаи имкониятҳои ирсият ва муҳитро ба як роҳи тараққиёту ташаккулёбии шахсият равона мекунад. Дар зери таъсири тарбия одам аз ҷиҳати фикрӣ, руҳӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ рушд карда, дар ӯ чунин сифатҳои баланди ахлоқӣ, аз ҷумла инсондӯстӣ, рафоқат, масъулиятнокӣ, ҷавобгарӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстию меҳнатдӯстӣ ташаккул меёбад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки то кунун таълиму тарбият ҳамчун омили пешбаранда амал намуда, баҳри ташаккули шахсият ва тайёр кардани он ба ҳаёту фаъолияти касбӣ ва сифатҳои зарурии ахлоқӣ баромад мекунад.

### 3. Марҳалаҳои рушди синнусолии талабагон

Мувофиқи назарияҳои илми педагогика ва равоншиносӣ рушди синнусолии инсон аз рӯзи таваллуд то



давраи гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ ба марҳалаҳои зайл: синни томактабӣ, синни хурди мактабӣ, синни миёнаи мактабӣ, синни калони мактабӣ ҷудо карда шудаанд.

Тазаккур мебояд, ки фаъолияти омӯзгорӣ дар равобит бо илми равоншиносӣ ва бо назардошти хусусиятҳои инкишофи физиологию анатомии кӯдакон, наврасону навҷавонон самараи дилхоҳ дода метавонад. Бидуни омӯзиши қонуниятҳои рушди кӯдакон, наврасону навҷавонон дар тарбия ва омӯзиши онҳо ба натиҷаҳои мусбат ноил шудан имконнопазир аст. Дар бобати масъалаи мазкур Я.А.Коменский чунин зикр намуда буд, ки омӯзгор мисли косиб, сифат, хусусиятҳои одамеро, ки ташаккул медиҳад, бояд донад. Ё худ К.Д.Ушинский чунин қайд намуда буд «Агар хоҳед, ки кӯдакро ҳамаҷониба тарбия намоед, бояд ӯро аз ҳар ҷиҳат омӯзед».

**1. Синни томактабӣ** – аз 3 то 6-7 – солагӣ. Дар ин давр инкишофи тасаввурот ба хаёлот, хотира, тафаккур ва нутқ дар маҷмуъ, ба ташаккули давраи фаҳмидагирии олам меоварад. Дар кӯдакони синни томактабӣ протсесҳои маърифатӣ бештар рушд меёбад, агар образҳои ашё ва воқеаҳои хисшавандаи пиромуни атроф дар вай ба як дараҷаи муайян ба система дароварда шуда бошад. Дар он ҳолат кӯдакон бархе аз ҳодиса ва ашёҳоро бо осонӣ ва озодона дар хотир нигоҳ дошта метавонанд.

Майлу рағбати кӯдакон нисбати донистани ҳодисаҳо, муҳити зист, ва ашёҳо имкониятҳое, мебошад, ки дар рушду камолоти кӯдакон падару модарон ба он такя карда метавонанд.

Кӯдакон дар ин давр чунин захираи маънавӣ мегиранд, ки он ҳама қариб нисфи захираи маънавиёти тамоми умри боқимондаро ташкил мекунад. Л.Н.Толстой тасдиқ мекунад, ки кӯдак аз рӯзи таваллуд то панҷсолагӣ аз олами фарогирифта барои худ нисбат баъди панҷсолагӣ, то охири умр чандин маротиба зиёд хирад, ҳис, ирода, хулқ мегирад.

Яке аз сабабҳои душвортаълиму душвортарбия будани хонандагон бетаваҷҷуҳ нисбати рушди маънавии онҳо дар хонавода мебошад.

Дар ин бобат, А.С.Макаренко падару модаронро таъкид карда гуфта буд: «Агар шумо то панҷсолагӣ мувофиқи талаб дуруст тарбият накунед, минбаъд аз нав

тарбият кардан лозим меояд». Аммо азнавтарбиякунӣ кори хеле душвор аст.

Ҳамин тавр, дар кӯдак хоҳиш ва омодагии шахсӣ нисбати системанок азхудкунии донишҳои илмӣ ба миён меояд ва он чунин нишондиҳандаҳои омодагиро тақозо мекунад: майлу рағбат ба донистани олам, устуворӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, андешаҳои мантиқӣ, талабот ба дониш. Дар шароити имрӯзаи мо кӯдакон дар ҳафтсолагӣ ба чунин омодагӣ молик мегарданд.

**2. Синни хурди мактабӣ** – 7-11 – сола. Дар ин давр сифатҳои ҷисмонӣ ва руҳии синни томактабӣ мушоҳида карда мешавад. Омӯзгор тибқи барномаи таълимӣ системаи донишҳо ва кори тарбияро ба роҳ монда, ба ташаккули шахсияти хонандагон таъсир мерасонад. Ин таъсиррасонӣ хусусияти объективӣ гирифта, кӯдак ба ҳайси объекти тарбия дониста мешавад.

Омӯзгор бо дарназардошти протсесҳои маърифатии кӯдакон раванди омӯзишро тавре ташкил мекунад, ки ба имкониятҳои фаҳмидагирии онҳо мувофиқ гардонида шудааст. Рушди кӯдакони ин син ҳанӯз ба охир намерасад, барои ҳамин мавриди дарс дуру дароз диққат карда наметавонад, зуд монда мешавад. Бинобар ин барои ба дарсҳо ҷалб кардани таваҷҷуҳи хонандагон истифодаи аёният, гузаронидани дақиқаҳои варзишӣ, бозиҳои гуногуни дидактикӣ гузаронида, майлу рағбати онҳоро бедор кардан аҳаммияти калон дорад.

Дар ин давра кӯдакон таклидкунанда мешаванд. Аз ин рӯ, дар фаъолияти таълимии онҳо либоспӯшӣ, услуб, тарзи фаҳмондан ва рафтори муаллим намунаи ибрат мегардад.

Омӯзгори ботаҷриба дар рафти машғулиятҳо хасташавии шогирдонро пай бурда, кӯшиш мекунад, ки як фаъолиятро бо фаъолияти дигар, аз он ҷумла, гузаронидани дақиқаҳои варзишӣ, сайругашт ба табиати маҳал, саёҳат бартараф кунад.

Ҳамин тавр, асоси ташаккули шахсияти синни хурди мактабиро рушди сифатҳои тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ ташкил медиҳад.

Фаромӯш накунед, ки хонандагони синни хурди мактабӣ ниёз ба таъриф, дастгирӣ ва ғамхорӣ доранд.



***Синни наврасӣ*** – 12-16 – сола. Ин марҳалаи инкишофро давраи гузариш ҳам меноманд, зеро дар ин синну сол ҳам аломатҳои кӯдакӣ, ҳам хислатҳои ҷавонӣ мушоҳида мешавад.

Дар рушди ҷисмонии наврасон номутаносибӣ мушоҳида карда мешавад, яъне дасту по дароз, инкишофи тан қафо мемонад. Чунин номутаносибӣ баъзан наврасро ба хашмгинӣ, ҳардамхаёлӣ, гоҳо ба парешонхотирӣ, суст гардидани қобилияти корӣ меорад.

Дар рушди ҷисмонӣ, ахлоқӣ, ақлӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ ва ташаккули шахсияти наврасон тағйиротҳои сифатӣ рӯй медиҳад. Ин тағйирот баъзан ба нохушиҳо меорад. Аз ҳамин сабаб, ин давраро синни душвори тарбия низ меноманд. Аксари мушкилиҳо бо хонандагони ҳамин синну сол ба вуҷуд меоянд. Хонандаи ором боодоби синну соли хурди мактабӣ якбора ба навраси идоранашаванда табдил меёбаду ҳамеша ба тезию тундӣ ва дағалӣ намудан тайёр аст. Дар ин давра дар наврас аломатҳои қаҳрамонии сохта, баландпарвозӣ дида мешавад.

Чӣ тавр хонандаи ба ҳаяҷон омадаро ором намуда, ӯро ба мувозинат биорем? Чи тавр дар муносибат бо ӯ низоъро пешгирӣ намоем?

Маълум аст, ки ба ғайр аз талаботи худсобиткунӣ, дар наврасон талабот ба муошират вуҷуд дорад. Онҳо ниҳоят зиёд бо якдигар ҳарф мезананд ва мавзуи гуфтугӯи онҳо одатан «Ман» - и худ мебошад: чӣ тавр ман нисбати касе муносибат дорам, чӣ тавр ман зӯр ё чолок менамоям ва ғайра. Ҳамин тавр, тавлиди шахсияти наврас ба вуҷуд меояд.

Наврасро ба худпарастӣ набояд айбдор намуд. Ба омӯзгорон лозим меояд, ки ба гузаштани роҳи душвори худшиносӣ ба наврас мадад расонанд. Агар волидайн, муаллимон, вазъияти ӯро, майлу хоҳиш, талаботи онҳоро ба назар нагиранд, хусусан талаботи худро ба вай бо зӯрӣ бор кунанд, албатта, дар байнашон низоъ сар мезанад. Одатан низоъ то замоне, ки калонсол нисбати наврас муносибати худро тағйир надиҳанд, давом мекунад.

Шароити муҳимми таъсири тарбият ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки тарбиятгар фикр, таассурот ва ҳиссиёти наврасро ба инобат гирад. Наврас худаш аз болои худ кор мекунад, сифатҳои шахсияташро такмил медиҳад, бо

розигии калонсолон, агар вазифаҳои гузоштаи онҳо дуруст ва иҷрошаванда бошад, амал мекунад.

Вазифаҳои муҳимми таълимӣ ва корҳои беруназсинфии наврасон аз ташаккули самти иҷтимоии шахсият ва мавқеи фаъоли ҳаётии ӯ иборат аст. Дар ин марҳала наврасон ба ихтисосҳои одамон ва ташаккул додани соҳаи муайяни дониши илмӣ, майли бадеию эстетикӣ рағбат пайдо мекунад.

Тазаккур мебояд дод, ки фаъолияти писандида, майлу рағбат, талаботи зиндагӣ ва саъю кӯшиши шахсӣ дар наврас мухолифатҳоро бартараф месозад. Ҳамин тавр, наврас аз атрофиён майли баробарҳуқуқиро нисбати шахсияти худ талаб менамояд.

**Синни бармаҳали ҷавонӣ** – 16-18 – сола. Марҳалаи навҷавонӣ ин давраи камолоти рӯҳию ҷисмонӣ, ҳусну камолоти инсон, давраи интихоби касб аст.

Дар ин давра дар навҷавон ақидаҳои ватандӯстӣ, ғояҳои сиёсӣ-ахлоқӣ ва мавқеи муносибати ҳаётии ӯ нисбат ба меҳнат муайян мегардад. Хусусан, дар байни ҳамсолон дӯстию рафоқат ривоҷ ёфта, баъзан дӯстии онҳо ба ишқ табдил меёбад ва ниҳоят, майл ба оилаву оиладорӣ низ пайдо мешавад. Омӯзгорон ва падару модарон мувазафанд, ки аз ин эҳсосоти навҷавонон муфидона истифода бурда, дар онҳо хислатҳои мардонагӣ, вафодорӣ, қавиродагӣ, ростқавлиро тарбия намоянд.

Бояд қайд кард, ки дар ин марҳала навҷавонон майли мустақилият, ташаббускорӣ, бо хоҳиши худ амалкуниро доранд. Агар дар онҳо сифатҳои қавиродагӣ, назария ва эътиқоди шахсият ташаккул наёфта бошад, навҷавон ё ҷавондухтар метавонад ба таъсири ҳаёти носолими иддаи ҳамсолону калонсолони қиморбоз, майзада, нашъаманд, тамокукаш гирифтор шаванд. Барои ин коллективи синф, созмони ҷавонон, муаллимон, кумитаи волидайн – ҳамаи узвҳои тарбиявӣ бояд ба по хезад, ҳаёти инсонро аз чунин ҳолати нангину сангин раҳо диҳанд. Агар дар синни наврасӣ кӯдак бештар мутобиқи майли шахсии «ман» («ман худам») рафтор кунад, дар синни навҷавонӣ вай ба маслиҳатҳои дӯстон ва муаллимон гӯш мекардагӣ мешавад.

Синни навҷавонӣ–айёми худтарбиякунӣ, худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ мебошад. Ҷамъбасти тарбият дар ин давр



ташаккули сифатҳои мардонагӣ, ватанпарварӣ, мубориз будан баҳри мақсадҳои олӣ – демократия мебошад.

Бавижа, ҳар фард дар ҷодаи инкишофи худ марҳалаҳои синну солро паси сар мекунад. Муаллими эҷодкор роҳи инкишофи ҳаётии ҳар талабаро тасаввур мекунад, барои ҳамаҷониба солим қад бардоштани навниҳолони боғи кишвар тамоми чорабиниҳоро истифода мебарад, то ки ин навниҳолон ба мардум бор оваранд.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Шахсият** - маҷмуи сифатҳои иҷтимоии дар ҷараёни зиндагӣ ҳосилкардаи инсон фаҳмида мешавад. **Ба мафҳуми «шахсият»** хусусият ва сифатҳои иҷтимоии инсон, аз қабили, нутқ, шуур, одатҳои гуногуни иҷтимоӣ, оқилӣ, эҳсоси масъулият, фаъолияти иҷтимоӣ ва устуворӣ нисбати ақоид ва эътиқодӣ худ. ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонад, хос аст.

**Фард** - хусусиятҳои шабоҳатнадоштаи хоси инсонӣ буда, фарқияти як одам аз одами дигар, як шахсият аз шахсияти дигарро мефаҳмонад.

**Мафҳуми фард** бо аломатҳои махсус – хусусият, мизоҷ (чунончи, ботамкинӣ, қавиродагӣ, сусткорӣ), фаъолияти гуногуни эҷодӣ ва қобилияти хосса фарқ мекунад.

**Ирсият** - ин хусусият ва аломатҳои ҷисми зиндае, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл мегузарад. Аз ҷумла, ба ин сохти анатомию физиологии бадан, ранги пӯст, чашм, мӯй, абрӯ, хусусиятҳои системаи асаб, ҳамчунин аломатҳои нутқ, тафаккури одам ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**Синни наврасӣ** (12-16 сола). Ин марҳалаи инкишофро давраи гузариш ҳам меноманд, зеро дар ин синну сол ҳам аломатҳои кӯдакӣ, ҳам хислатҳои ҷавонӣ мушоҳида мешавад.

**Синни бармаҳали ҷавонӣ** (16-18 сола). Марҳалаи навҷавонӣ ин давраи камолоти рӯҳию ҷисмонӣ, ҳусну камолоти инсон, давраи интихоби касб аст.

**Савол ва супориш:**

1. Мафҳуми шахсият ва фардро шарҳ диҳед.
2. Оиди омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ маълумот диҳед.
3. Хусусиятҳои психологии мактабиёнро шарҳ диҳед.
4. Тавсифи психологӣ ва педагогии олимон дар бобати таълиму тарбияи хонандагон.

# МАВЗУИ 11. БАРНОМАИ ФАРДИИ ТАКМИЛДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

**Нақша**

1. Зарурати барномаи фардӣ дар худтарбиякунии омӯзгор
2. Худтарбиякунӣ ва усулҳои он
3. Нақши ирода ва рафтор дар худтарбиякунии шахсияти омӯзгор

## 1. Зарурати барномаи фардӣ дар худтарбиякунии омӯзгор

Идеяи «инсони комил» ҳадаф ё худ шиори кулли башар маҳсуб меёбад, аз он ҷумла дар замонҳои қадим ифодагари орзуву ормонҳои мардум ба шумор мерафт. Чуноне ки сардафтари адабиёти форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фармуда буд:

Чаҳор чиз мар-озодаро зи ғам бих(в)арад,
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки эзидаш ин чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд човидону ғам нах(в)арад.

Албатта, ногуфта намонад, ки ин гуна инсон натиҷаи тавлиди заҳмату меҳнати омӯзгор аст. Ҷомеаи идеалӣ омӯзгори идеалро тақозо менамояд. Маҳз чунин рисолати бузург ҷомеаи инсониро ободу бофароҳтар месозад. Ба ин минвол, Л.Н.Толстой навишта буд, ки «Барои одами муносиби замони оянда тарбия кардан, ӯро ҳамчун одами комили идеалӣ тарбия бояд кард, он вақт тарбиягиранда аъзои сазовори ҳамаи аҳли насабе, ки дар он зиндагӣ хоҳад кард, шуда метавонад». Омӯзгор дар тарбия ва роҳнамоии ворисони хеш баҳри камолоти маънавӣ, сафои ботин, покизагии амалу рафтори онҳо мекӯшад. Лозим ба ёдварист, ки омӯзгор бояд аз дониши хеш ҳаргиз қаноатманд набошад. Зеро созандаи гузаштавуояндаи дурахшон дар ҳама замонҳо омӯзгор буд ва хоҳад монд. Дар ин бобат асосгузори мактаби халқи рус К.Д.Ушинский зикр намуда буд: «Муаллим то даме зиндааст, ки вай мутолиа мекунад, ҳамин ки ӯ мутолиаро қатъ кард, дар он симои муаллимӣ мемирад».

Идеализатсия кардани шахсияти омӯзгор воқеан дар ҷомеаи нави инсонӣ бамаврид аст. Дар шароити болоравии



илму технологияи муосир мақому нақши омӯзгорро нодида гирифтан хатои маҳз аст.

Аз ин лиҳоз, омӯзгорро мебояд, ки дар самтҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ ва маданию фарҳангии ҷомеа пешқадаму дастболо бошад. Иқтидори шахсияти омӯзгор ва рисолати пешаи омӯзгорӣ низ дар ҳамин аст.

## 2. Худтарбиякунӣ ва усулҳои он

Тазаккур бояд кард, ки фаъолияти омӯзгорӣ пайваста бо худтарбиякунӣ такмил хоҳад ёфт. Худтарбиякунӣ неруи бузурге мебошад, ки ҳар як инсонро аз нодориву заифӣ ба тавоноиву бузургӣ мерасонад. Чуноне ки лаҳзаҳои ибратбахш аз ҳаёти донишмандон намунаи ибратбахшест барои инсоният. Аз он ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон ба мушкилиҳои давру замон, кашмакашиҳои сиёсатмадорон нигоҳ накарда, аз худ мероси бою рангинро гузоштаанд. Ё худ ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоию педагогии педагогҳои ғарб - Я.А.Коменский, Ж.Ж.Руссо, Ч.Локк, И.Г.Песталотси, А.Дистервег, Р.Оуэн ва педагогҳои халқи рус К.Д.Ушинский, Л.Н.Толстой, А.С. Макаренко, Н.К. Крупская ва дигаронро ба назар гирем, метавон гуфт, ки онҳо дар шароитҳои хеле бад зиндагӣ намуда бошанд ҳам, вале ба худтарбиякуниву худомӯзӣ машғул гашта, дар хазинаи маънавии ҷаҳон осори хешро боқӣ гузоштаанд. Албатта, на танҳо аз мероси гаронмояи онҳо илҳоми маънавӣ мегирем, балки иродаи қавӣ, саъю талош, ҷуръат, устувории онҳо эътимод ба нафси наслҳои минбаъдаро пойдор намуда, сармашқи зиндагии тамоми инсоният қарор гирифтааст.

Унсурмаолии Кайковус барҳақ фармудааст:

*Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дарнеҳ, ки битвонӣ,*
*В-агар гӯӣ, ки натвонам, бирав, биншин, ки натвонӣ.*

Худомӯзию худтарбиякунӣ бидуни устуворӣ ва саъю талош имконнопазир аст. Донишманди бузурги Шарқ Ибни Сино дар ҷавонӣ барои омӯхтани илмҳои мантиқ, табиийт ва риёзиёт ба мутолиаи китоби файласуфи Юнони Қадим Арасту «Мо баъд-ут-табиа» (Метафизика) шуруъ мекунад, онро чиҳил маротиба мутолиа намояд ҳам, мазмунашро фаҳмида натавонистааст. Ниҳоят, рӯзе китоби Абунасри

Форобӣ «Фӣ аърози «Мо баъд – ут – табиат» (доир ба мақсадҳои «Мо баъд – ут – табиат»)-ро мехарад ва мутолиа мекунад ва ба фаҳмидани андешаҳои китоби Арасту муваффақ мегардад(30:15).

Худомӯзӣ ва ё худ худтарбиякунӣ бо мақсади муайян ва тибқи барномаи мушаххаси амалиётҳо иҷро мешавад.

Олими физики замин Отто Юлевич Шмидт дар ҷавонӣ ба мақсади омӯхтани тамоми донишҳои башарият кӯшиш карда, барои худ барнома тартиб медиҳад. Вақте ки донистани онҳоро ҳисоб мекунад, ҳазор сол лозим будааст. Вай аз нав барнома тартиб дода, фақат масъалаҳои муҳимро ба нақша мегирад, ки барои донистани онҳо 150 сол лозим будааст. Шмидт О.Ю. (1891-1956) ҳамагӣ 65 сол умр дид ва тибқи барномаи охиринаш амал карда, ба дараҷаи академикӣ расид.

Бо мақсади амалӣ намудани барномаи фардӣ вақт ва арзиши он омили муҳим маҳсуб меёбад. Зеро беҳуда нагуфтаанд:

Вақтро медон ғанимат ҳар нафас,
З-он, ки вақти рафта н-ояд бозпас.

Чуноне ки К.Д.Ушинский, барои пурсамар истифода бурдани вақт ва ба худомӯзию худтарбиякунӣ машғул шудан, барномаи фардии хешро тартиб дода, тибқи он ҳаёти худро ба роҳ монда буд: «Комилан осудаҳолӣ, ҳадди ақал дар намуди зоҳирӣ. Софдилӣ дар сухан ва кирдор. Боандешагӣ дар амалиёт. Боҷуръатӣ. Дар бораи худ безарурат ягон калима сухан нагуфтан. Вақтро бешуурона нагузаронидан: он чизеро, ки мехоҳӣ, иҷро кун, на он чизеро, ки рӯй медиҳад. Ягон бор дар бораи он чизе, ки буд, он чизе, ки ҳаст, он чизе, ки мешавад, таъриф накардан».

Худуҳдадорӣ дар навбати худ худназораткуниро талаб мекунад. Худназораткунӣ усули муҳим буда, он таҳти назорат гирифтани фаъолияти худро ифода мекунад. Шахс мунтазам иҷрои вазифаҳои ҳаррӯзаи худ ва дақиқию возеҳии онҳоро ба инобат мегирад, алайҳи мамониатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, аз қабили беҷуръатӣ, камҳавсалагӣ мубориза мебарад. Абулқосим Лоҳутӣ фармуда:

*Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ!*



Усули дигари худтарбиякунӣ, худмушоҳидакунӣ ва худбаҳодиҳӣ мебошад. Худмушоҳидакунӣ ин андешаҳои фаъолияту ҳиссиёти шахсӣ буда, тавассути эҳсосоти олами ботинӣ зуҳур меёбад. Бидуни худмушоҳидакунӣ худтарбиякунӣ маънӣ надорад. «Шахсе, ки қобилияти худмушоҳидакунӣ надорад, ба ҳаракат ва рафтори худ ҷавоб дода наметавонад, - мегӯяд равоншиноси маъруф Б.М.Теплов. – Бидуни худмушоҳидакунӣ худназораткунӣ ва худтарбиякунӣ имконнопазир аст».

Воқеан, агар шахс дар айни замон нисбати рафторҳои баду неки худ андеша накунад, чӣ ҷои худтарбиякунии ӯст. Ҳар як шахс бояд пайваста рафтору муносибатҳои худро холисона таҳлилу арзёбӣ намояд ва дарислоҳи сифатҳои номақбули хеш шавад.

**3. Нақши ирода ва рафтор дар худтарбиякунии шахсияти омӯзгор**

Ногуфта намонад, ки дар худтарбиякунии инсон пеша аз ҳама, ирода нақши муҳимро мебозад. Аввало лозим аст, ки иродаи инсон устувор гардад, пас аз он ба худтарбиякунӣ бипардозад. Бидуни иродаи қавӣ худтарбиякунӣ имконнопазир аст. Чуноне ки донишмандони олам ба шароитҳои сахти замони худ нигоҳ накарда, тавонистанд бо иродаи қавӣ бо мушкилиҳои зиндагӣ мубориза бурда, худомӯзию худтарбиякуниро пешаи зиндагӣ интихоб намоянд ва ба ин минвол хушбахтии худро низ дар он дарёфтаанд.

Пас, қайд кардан бамаврид аст, ки инсон танҳо дар натиҷаи ба мушкиливу мамониатҳо рӯ ба рӯ гаштан иродаи худро обутоб дода, устувор менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд шароиту имкониятҳои хуб фароҳам бошад, инсон ҳамон қадар заифу беҳадаф мегардад. Фалсафаи ҳастии инсон ин аст, ки ҳар чи зудтар худро аз минтақаи бароҳат раҳо кардан ва ба худомӯзиву кашфи олам, саъю талош баҳри анҷоми корҳои неку созанда рӯ овардан мебошад. Ирода, ин бо қатъият ва шуурона бартараф намудани мамониатҳо мебошад, ки дар иҷрои фаъолияти муайян устувориву ҷуръатмандии шахс ташаккул меёбад. Иродаи инсон асосан дар натиҷаи аз амалҳои хурд ба амалҳои мураккаб гузаштан устувору қавӣ мегардад. Дар

анҷоми ҳар як амал шахс ба мамониатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ дучор меояд ва онҳоро рафъ месозад. Дар баробари бартараф кардани мушкилот дар ӯ сифатҳои муҳимми иродавӣ: ҷуръатмандӣ, худнигаҳдорӣ, суботкорӣ, устуворӣ, тобоварӣ, принсипнокӣ ва ғайра ташаккул меёбанд.

Барои тарбияи ирода ва худтарбиякунӣ воситаи худфармондиҳӣ ва худилқодиҳӣ аҳаммияти калон дорад. Дар иҷрои амали хеш набояд шак кард, вагарна инсон дар таҳти чунин ҳолат эътимодро нисбати худ аз даст хоҳад дод ва кӯшиши ба даст овардани ҳадафҳои зиндагияш намегардад.

Дар шароити пешрафту рушди илму технологияи муосир такмилу тарбияи ҳофиза, хирад ва қобилияти фикрии омӯзгор ва такомулоти он дар худсозӣ басо муҳим аст. Ҳофиза ва хирадро бо роҳи системанок, мантиқан омӯхтани асосҳои дониш устувор гардонидан мумкин аст. Ҳамин тавр, бо роҳи худтарбиякунӣ ва худомӯзӣ омӯзгор рисолати бузурги худро дар ҷомеа устувор хоҳад кард.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Худсозӣ** – тағйир додани шахсияти худ.

**Худназораткунӣ** - усули муҳим буда, он таҳти назорат гирифтани фаъолияти худро ифода мекунад. Шахс мунтазам иҷрои вазифаҳои ҳаррӯзаи худ ва дақиқию возеҳии онҳоро ба инобат мегирад, алайҳи мамониатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, аз қабили беҷуръатӣ, камҳавсалагӣ мубориза мебарад.

**Худмушоҳидакунӣ** - ин андешаҳои фаъолияту ҳиссиёти шахсӣ буда, тавассути эҳсосоти олами ботинӣ зуҳур меёбад.

**Ирода** - ин бо қатъият ва шуурона бартараф намудани мамониатҳо мебошад, ки дар иҷрои фаъолияти муайян устувориву ҷуръатмандии шахс ташаккул меёбад.

**Савол ва супориш:**

1. Аз ҳаёти олимон, шоирон, нависандагон оиди худтарбиякунӣ мисолҳо оред.
2. Худтарбиякунӣ дар густариш ва ташаккули шахсият чӣ нақш мебозад?
3. Омӯзгор ирода ва хислатҳои инсонии худро бо кадом роҳҳо метавонад рушд ва ташаккул диҳад?
4. Роҳу усулҳои худтарбиякунии омӯзгорро номбар намоед.



## МАВЗУИ 12. ТАҶРИБАИ ПЕДАГОГӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ ТАЙЁР КАРДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА

**Нақша:**

1. Таҷрибаи омӯзгорӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули шахсияти таҷрибаомӯзон
2. Хусусиятҳои муҳтавои таҷрибаи педагогӣ
3. Намудҳои таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ
4. Роҳандозӣ намудани корҳои тарбиявӣ дар раванди таҷрибаи педагогӣ

### 1. Таҷрибаи омӯзгорӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули шахсияти таҷрибаомӯзон

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

***Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

Таҷрибаи педагогӣ яке аз шаклҳои асосии ташкили мактаби олӣ ба шумор меравад. Мувофиқи талаботи замони муосир нисбати таҷрибаи педагогии донишҷӯён сол аз сол талабот афзоиш меёбад. Дар шароити кунунӣ таҷрибаи педагогӣ дар нақшаи таълимии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад ва қисми асосии системаи тайёрии омӯзгорони оянда мебошад.

Таҷрибаи педагогӣ вижагиҳои таълимӣ дорад. Кори донишҷӯён аз кори муаллимон фарқ мекунад. Омӯзгор ҳар рӯз, ҳар соат мунтазам ба раванди яклухти таълимию тарбиявӣ шуғл варзад, мақсад ва вазифаҳои фаъолияти вай ташаккул додани шахсияти хонандагон аст. Мақсад ва вазифаҳои донишҷӯ бошад, пеш аз ҳама ташаккул додани худ, азхудкунӣ ва уҳдабарой нисбати барпо кардани раванди мураккаби яклухти таълимию тарбиявӣ мебошад.

Таҷрибаи омӯзгорӣ яке аз марҳилаҳои асоситарини тайёрии донишҷӯ ба касби оянда аст. Зеро донишҷӯ донишҳои назариявии дар ҷараёни таълими фанҳои ихтисосӣ, педагогӣ ва психологии ҳосил кардаашро дар муассисаи таҳсилоти касбӣ дар ҳамин давра, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар зимни муносибат бо онҳо дар амал татбиқ менамояд.

Дар давраи тачрибаи омӯзгорӣ донишҷӯ на танҳо ба кори мустақилона тайёр мешавад, балки барои инкишофи имкониятҳои эҷодии шахсияти ӯ чун омӯзгори оянда шароит фароҳам мегардад.

Таҷрибаи омӯзгорӣ чун зинаи асосии системаи таҳсилоти касбӣ хусусияти таълимиву тарбиявӣ дорад. Он тайёрии назариявии донишҷӯро бой ва ғанӣ гардонида, барои истифодаи ин донишҳо дар ҳалли вазифаҳои амалӣ шароит мусоидат менамояд. Ташаккули маҳорату малакаҳои касбӣ ҳам дар ҳамин давра ҷараён мегирад.

Тазаккур бояд кард, ки омӯзиши назарияи фанҳои ҷамъиятӣ, педагогика, равоншиносӣ ва илмҳои махсуси донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ бо фаъолияти раванди таҷрибаи педагогии донишҷӯён робитаи ногусастанӣ дорад. Дар курсҳои назарӣ мантиқ ва моҳияти илмии таълиму тарбият ифшо мегарданд. Усул ва услубҳои таълиму тарбият мунтазам тавассути фанҳои таълимии равоншиносию педагогӣ омӯзонида мешаванд.

Дар натиҷаи донишҳои илмӣ раванди таълиму тарбият, моҳият, қонунмандӣ, омилҳо ва шароити инкишофи фаъолият ташаккул дода мешавад. Аммо азхудкунии донишҳои назарӣ барои донишро дар амал истифодабарӣ кафолат намедиҳанд. Чунин кафолатро маҳз таҷрибаи мунтазами педагогӣ пайваста бо донишҳои назарӣ дода метавонад.

Махсусан, дар ин самт принсипи равобити назария ва амалия, ки яке аз усулҳои муҳими омӯзиши мактаби олӣ мебошад, риояи талаботҳои асосиро нисбати ташкили раванди таълим тақозо менамояд.

Бинобар ин, аз таҷрибаомӯзон талаб карда мешавад, ки ҳанӯз аз бахшҳои аввали донишҷӯӣ ба дарки моҳият ва зарурияти донишҳои назариявие, ки тавассути фанҳои педагогию психологӣ ва тахассусӣ аз бар менамоянд, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Зеро бидуни донишҳои фанҳои мазкур дарки воқеии раванди таълиму тарбия ва идора кардани онҳо ғайриимкон аст.

Вазифаи муҳимми таҷрибаомӯзон дар таҷрибаи педагогӣ – омӯхтани мушоҳидаи раванди таълиму тарбия, фаъолияти муаллимон ва талабагон, дарки моҳият, муносибат ва мантиқи ҳамкории онҳо, тарзу равиши фаъолияти педагогӣ мебошад.



Бо мақсади омӯзиши моҳияти фаъолияти омӯзгорӣ пеш аз ҳама, таҷрибаомӯзон зимни методи мушоҳидаи педагогӣ раванди воқеии таълим ва тарбия, фаъолияту муносибати хонандагон ва омӯзгоронро назорат мекунанд.

Набояд фаромӯш кард, ки минбаъд фаъолияти таҷрибаомӯз бо толибилмон сурат мегирад. Дар ин маврид хонанда на танҳо объекти фаъол, балки субъект низ мебошад. Ҳамкорӣ дар раванди таълим ва тарбия танҳо роҳест ба муваффақият дар ҷодаи фаъолияти педагогӣ. Бо ин мақсад омӯзгорро зарур аст, ки хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандаро омӯзад. Илми равоншиносӣ методҳои умумӣ, раҳёфтҳои омӯзиши руҳии шахсро аснои раванди таълиму тарбият ошкор мекунад. Ҳар хонанда аз омӯзгор муносибати хосро тақозо мекунад. Шахсияти фард дар фаъолият зоҳир мегардад ва ташаккул меёбад. Бинобар ин, хонанда ба чӣ ва кадом фаъолият майл дорад, ба инобат гирифтан лозим аст.

Ҳамин тавр, донишҷӯён дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ бо дарназардошти донишҳои назарии улуми равоншиносию педагогӣ ва тахассусӣ таҷрибаҳо ва маҳорати педагогиро ҳосил менамоянд.

Донишҷӯён аз рӯзҳои аввали коромӯзӣ нақшаҳои тақвимии таълимии фаннии ба худ мансуб буда, нақшаи корҳои таълимӣ ва тарбиявии роҳбари синфи таъиншудаашонро ёддошт менамоянд. Тибқи ин нақшаҳо дарсҳоро мушоҳида мекунанд ва ба ҳайси роҳбари синф корҳои тарбиявӣ баргузор менамоянд. Ҳар дарс ва чорабиниҳои тарбиявӣ дар ҷамъомади таҷрибаомӯзон ба таври муфассал баррасӣ карда мешавад ва ҳамаи ин бояд дар рӯзномаи шахсии ҳар кадом инъикос ёбад.

Таҷрибаомӯз дар асоси нақшаи тарбиявии роҳбари синфи таъиншудааш ба ҳайси роҳбари синф фаъолият мекунад. Таҷрибаомӯзони синфҳои ибтидоӣ бо корҳои созмони "Ахтарон", бо кумитаи худидоракунии хонандагон нисбати амиқ омӯхтани асосҳои фан ва интизоми бошуурона шуғл меварзанд. Барои фаъол гардонидани коллективҳои хонандагон чораҳо меандешанд:

–Нақшаи фардии донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ
–Рӯзномаи корӣ
–Нақшаи тақвимии дарсҳо
–Нақшаи корҳои тарбиявӣ
–Нақша – матни дарсҳои алоҳида
–Нақша – матни чорабиниҳои тарбиявӣ
–Дафтари таҳлили машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ
–Тавсифномаи хонандаи алоҳида ва коллективи синф
–Нақшаи худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ
–Ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолияти таҷрибаомӯз.

Мавриди таҳия намудани ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзӣ зоҳир намудани мустақилии ҳар як таҷрибаомӯз барои тайёрӣ ба касби ояндаи омӯзгорӣ заминаи амалӣ мегузорад. Донишҷӯ дар ҳуҷҷатгузорӣ на танҳо таҷрибаи педагогии худ, ҳамчунин фаъолияти иҷтимоӣ педагогии умумиро низ азхуд ва таҳлил мекунад.

Ҳамаи талаботи зикрёфта нисбати таҷрибаи педагогӣ дар айни замон хеле муҳимманд, вале эҷодкорона ва муфидона бо кашфиётҳои нав такмил додани онҳо ба қобилияти минбаъдаи омӯзгорони оянда вобаста аст, зеро ҳар касбу пеша зинаҳои тараққиёти худро дорад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ вазифаи ташаккулёбии омӯзгори оянда нисбати пайдо кардани маҳорати педагогӣ, пойдор намудани донишҳои назарии илми равоншиносию педагогӣ ва донишҳои махсус, инчунин истифодабарии онҳо дар ҷараёни таълиму тарбия ҳалли худро мееёбанд. Ба замми ин, таҷрибаомӯзон дар муҳити воқеии касби омӯзгорӣ бо таҷрибаҳои пешқадами педагогии замон мусаллаҳ мегарданд.

## 2. Хусусиятҳои муҳтавои таҷрибаи педагогӣ

Таҷрибаи педагогӣ хусусиятҳои таълимӣ дорад. Фаъолияти омӯзгор аз кори донишҷӯён бо он тафовут дорад, ки муаллим мунтазам ба раванди яклухти таълимию тарбиявӣ машғул мегардад. Мақсади фаъолияти омӯзгор ба ташаккул додани шахсияти хонандагон нигаронида мешавад. Мақсади кори донишҷӯ бошад, пеш аз ҳама ташаккул додани



худ ва ҳосил намудани маҳорат ва уҳдабарой нисбати ташкили раванди мураккаби яклухти таълиму тарбия мебошад.

Донишҷӯён таҳти мушоҳидаҳои методистон ва муаллимони мактаб ба сифати омӯзгор ва роҳбари синф мустақилона кор мебаранд. Донишҷӯён тибқи нишондод ва дастурҳои пешниҳодшудаи донишгоҳ амал намуда, чунин вазифаҳоро ба сомон мерасонанд:

1. Азхуд кардани маҳорат ва муносибати педагогӣ бо хонандагон
2. Азхуд кардани маҳорати омӯхтани ҳар як хонанда
3. Азхуд кардани равишҳои корҳои ташкилии беруназсинфии ҳаёти хонандагон
4. Азхуд кардани маҳорати ҳамкорӣ ва робита бо волидайни хонандагон.

Ҳангоми ба синфҳо вобаста гардидани донишҷӯён ба ҳайси роҳбари синф, аз рӯзҳои аввали таҷрибаомӯзӣ нақшаҳои тақвимии таълимии фаннӣ, нақшаи корҳои таълимӣ ва тарбиявии роҳбари синфи таъиншудаашонро тартиб медиҳанд. Тибқи ин нақшаҳо дарсҳоро мушоҳида мекунанд ва ба ҳайси роҳбари синф тартиби гузаронидани системаи корҳои тарбиявиро муайян намуда, ташкил менамоянд. Дарс ва чорабиниҳои тарбиявӣ дар ҷамъомади таҷрибаомӯзон ба таври муфассал баррасӣ карда мешавад. Фаъолият ва корҳои ҳаррӯзаи донишҷӯён дар рӯзномаи шахсии ҳар кадом инъикос меёбад.

**Таҷрибаи педагогӣ якчанд хусусиятҳоро дорост:** Дар нақшаи таълимии донишгоҳи омӯзгорӣ таҷрибаи педагогии истеҳсолии бефосила дар бахшҳои сеюм, чорум ва панҷум пешбинӣ шудааст. Махсусан, муттасилии таҷрибаи омӯзгорӣ ба таҷрибаомӯзон имконият медиҳад, ки ба системаи корҳои таълимӣ ва тарбиявии мактаб чун омӯзгори оянда амиқтар шинос шаванд ва амал кунанд.

Таҷрибаомӯзон дар рафти корҳои таълиму тарбия ба муаммоҳои педагогӣ ва мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки ҳалли онҳо ба зудӣ ба даст намеояд. Бинобар ин, донишҷӯён дар давоми таҷрибаи педагогии мутассил, яъне дар бахшҳои минбаъда роҳи ҳалли баъзе муаммоҳои педагогиро кашф менамоянд. Мушкилиҳо на танҳо дар ҷараёни таълим,

ҳамчунин дар раванди тарбият низ фавран ошкор намегарданд. Чуноне ки омӯзгор вобаста ба тарбияи ахлоқии хонанда соати тарбиявӣ ташкил карда, вазифаҳои тарбияи озодаву покизакориро дуруст ба миён мегузорад. Ё ин ки ба тарзи суҳбат ва ё мубоҳиса сурат мегирад. Омӯзгор нисбати покизакорӣ хеле таъсирбахш, бо обуранг нақл мекунад. Суҳбат шавқовар ва ба ҳама писанд меояд. Дар симои хонандагон майли покизакору боинтизом шудан ҳувайдо мегардад.

Аммо масъалае, ки дирӯз хеле возеҳ ҳалли худро ёфта буд, дар воқеъ баръакси он буд, зеро яке ба мактаб бо либоси касиф, дигаре бекитоб, сеюмин бо мӯйи сари парешон омаданд. Фаҳмонидан равише мебошад, ки танҳо оғози корро ифода мекунад. Амалу рафторе, ки бояд дар шогирдон ба одат табдил ёбад, бо як маротиба фаҳмондан, нақл, суҳбат ва мубоҳиса шакл намегирад. Хонанда бояд моҳияти меъёри ахлоқро амиқ фаҳмад, зарурати онро дарк кунад, то ки он ба вай дар талаботи минбаъда ба одат табдил ёбад.

Дар баробари ин, таҷрибаомӯзон дар давоми таҷрибаи педагогӣ бо гурӯҳи талабагон на дар як намуд, балки бо дигарон дар самтҳои гуногун низ кор мебаранд.

Хусусияти бефосилагии таҷрибаи педагогӣ боз аз он иборат аст, ки вазифаҳо дар ҳар давраи нав такрор мешаванд. Дар давраи минбаъда он талаботҳое, ки қаблан ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, дар ин давра фавран дарк карда мешаванд ва ҳалли худро меёбанд.

Бояд зикр кард, ки таҷрибаи педагогӣ бо хусусияти комплексиаш фарқ мекунад. Дар рафти он ба ҳам пайвастагии тамоми амалиёт –дониши талаба, муаллим, раванди таълиму тарбияте, ки дар ҳар давр ва бахшҳои гуногун гирифташуда ҳамгиро ва таҳлил мешаванд. Донишҷӯ мазмуни тамоми фанни ихтисоси худро дар силсилаи фанҳои махсус, қонунҳои омӯзиш ва тарбиятро дар асоси улуми равоншиносию педагогӣ ва бевосита тарзи корбарӣ бо талабагонро меомӯзад. Зеро бидуни мазмуни фан, маҳорати педагогӣ ва бидуни истифодаи услубҳои марбута кор бурда наметавонад.

Ба муносибати вусъатёбӣ ва амиқгардии доираи донишҳои касбӣ раванди таълиму тарбият дар мактаб



бештар дақиқу фаҳмо мегардад ва хусусияти яклухтӣ мегирад. Комплекси таҷрибаи педагогӣ банақшагирӣ, ташкилкунӣ, мазмун, системаи назорат ва арзёбиро дар бар мегирад. Дар баҳогузории умумии донишҷӯ ҳамаи самтҳои амалии фаъолияташ инъикос меёбад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ зимни роҳбарии муаллимон ба омӯзгорони оянда системаи маҳорати донишҳои педагогӣ ташаккул дода мешавад. Агарчи тамоми фаъолияти таҷрибаи педагогӣ коллективона гузаронида шавад ҳам, вале азхудкунии системаи маҳорат дар ҳар донишҷӯ хусусияти фардӣ мегирад. Ҳар қадаре, ки донишҷӯ ин хусусиятҳоро дарк кунад, дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ амалиётҳои коллективонаро омӯзад, ҳамон қадар омодагии касбии вай афзун мегардад.

### 3. Намудҳои таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ

Мавқеи муҳимми оғози таҷрибаи педагогӣ аввало дар мустақилона амалкунӣ бо хонандагон мебошад. Агарчи донишҷӯ ба худ боварӣ дошта бошад ҳам, вай бояд бо хонандагон аз рӯзҳои аввал чӣ кор кардан, амалан бо онҳо чӣ тавр муомила намуданро дақиқ донад. Чунки вай дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо хонандагони синну соли гуногун, хусусиятҳои гуногун ва сатҳи донишу фаҳмишашон гуногун сарукор мебарад.

Дар амалиёти донишҷӯ ҳамаи ин масъалаҳо мувофиқи талаботи давру замон сурат мегирад: бо сустхонҳо, беинтизомон, дар гурӯҳҳои рӯзи шуғлашон бардавом ва ғайра фаъолият мекунад.

Дар давоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ намудҳои зерини таҷрибаомӯзии педагогӣ пешбинӣ шудааст:

- таҷрибаомӯзии таълимӣ
- таҷрибаомӯзии педагогӣ
- таҷрибаомӯзии педагогии пешаздипломӣ.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар солҳои таҳсили III, IV ва V дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ гузаронида мешавад. Дар ин давра донишҷӯ вазифаҳои сарварони коллективҳои ворисони Сомониён, ёрдамчии роҳбари синф, мураббӣ,

роҳбари маҳфилро иҷро мекунад, инчунин бо хонандагони алоҳида кор мебарад.

Таҷрибаи ҷамъиятию педагогӣ пайваста бо омӯзиши фанҳои сикли психологӣ – педагогӣ (муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ, физиологияи синнусолӣ ва гигиенаи мактаб, психологияи одам, психологияи синнусолӣ ва педагогӣ, назарияҳои педагогӣ ва системаҳои технологӣ) гузаронида мешавад.

Дар машғулиятҳои амалию корҳои мустақилонаи фанҳои сикли психологию педагогӣ ба донишҷӯён супоришҳои амалии педагогӣ дода мешавад, ки онҳо дар муассисаҳои таълимию тарбиявие, ки донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ вобаста шудаанд, иҷро карда мешавад.

Муттаҳидии омӯзиши фанҳои психологию педагогӣ бо таҷрибаомӯзии ҷамъиятию педагогӣ дараҷаи илмии онро баланд мебардорад, донишҳои психологию педагогии донишҷӯёнро ҳосил менамояд.

Таҷрибаомӯзии тобистона асосан дар урдугоҳҳои гуногуншакл ва дар муассисаҳои таълимию тарбиявии доимӣ ва муваққатӣ гузаронида мешавад.

Тазаккур бояд кард, ки талаботи зикргардида заминаи устуворест, баҳри эҷодкорона ва муфидона такмил додани қобилияти минбаъдаи омӯзгорони оянда мебошад.

Ҳамин тавр, дар шароити муосир таҷрибаи педагогӣ яке аз самтҳои асосии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад. Дарки моҳият ва аҳаммияти он дар омода намудани омӯзгорони оянда дар рушди давлат ва ҷомеа нақши назаррасро дорост.

### 4. Роҳандозӣ намудани корҳои тарбиявӣ дар раванди таҷрибаи педагогӣ

Талаботи ҷомеаи демократӣ тақозо менамояд, ки стратегияҳои муҳимми пешгирифтаи соҳаи маориф дар ташаккули шахсиятҳои озодандеш, эҷодкор ва созанда равона карда шавад. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди масъалаи мақсаду вазифаҳои тарбияи насли наврас дар «Консепсияи миллии тарбия» чунин омадааст: «Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси



миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад». (с.10)

Тазаккур бояд кард, ки тарбияи ин гуна шахсиятҳо танҳо дар заминаи муносибатҳои инсонгароёна ва хайрхоҳонаи раванди таълиму тарбия шакл хоҳад гирифт. Бо ҳамин мақсад, татбиқи фазои демократӣ дар раванди омӯзишу тарбия ба рушду ташаккули мустақилияти тафаккури эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

Нақши омӯзгор дар ин самт аз он иборат аст, ки дар раванди омӯзиш ва тарбия муҳити солими ҳамкориро бо шогирдон фароҳам орад. Аз ин рӯ, фаъолияти омӯзгор дар асоси усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ бояд ташкил ёбад, ки чунинанд:

- фароҳам овардани фазои демократӣ дар раванди таълиму тарбия;
- дар дарсҳо истифода бурдани услубҳои арзёбии амалиёт, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ;
- даст кашидани омӯзгор аз усули авторитарии(фишору зӯроварӣ) идоракунӣ;
- тарбияи эҷодкоронаи коллектив, шароити зеҳнии синф, эҷодкорона худидоракунӣ, эҷодкорӣ дар меҳнати истеҳсолӣ;
- ҳамкории воқеии байни омӯзгорону хонандагон ва волидон.

Ҳамчунин омӯзгор кӯшиш мекунад, ки дар симои ҳар як шогирдаш шахсиятро бинад ва дар ҳалли ҳама гуна мушкилоти онҳо, аз он ҷумла рафтору кирдор, шеваи гуфтор, хирад ва фаросат, манбаи тақлиду омӯзиш ва эътимод ба қобилиятуояндаи онҳо бошад.

Дар мактаб омӯзгорон одатан дар муносибат бо толибилмон аз мавқеи педагогикаи ҳамкорӣ амал накарда, асосан ба усулҳои фармонфармоӣ такя мекунанд ва ҳамкории онҳо бидуни робитаи ҳақиқӣ, дар заминаи тарсу ҳарос сурат мегирад.

Воқеан, донистану ба мавқеъ риоя намудани хусусиятҳои раванди ҳамкорӣ, саривақт камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, таъсиррасонии тарбиятгар дар раванди тарбия дақиқ гашта, тағйиротҳои назаррасро ба миён меорад.

## МУНОСИБАТ ВА РАФТОРИ ИНФИРОДӢ БО НАЗАРДОШТИ ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛӢ ВА ФАРДИИ ТАРБИЯГИРАНДАГОН: СИННИ ХУРД, МИЁНА ВА КАЛОНИ МАКТАБӢ

Махсусан, дар ташкили раванди тарбия муносибат ва рафтори инфиродии тарбиятгарро нисбати тарбиятгирандагон тақозо менамояд. Бо ин мақсад, дар ҳалли муаммоҳои педагогӣ хусусиятҳои инкишофи синнусолӣ ва фардии тарбиягирандагонро бояд ба инобат гирифт.

### 1. Синни хурди мактабӣ

Давраи шаклгирии системаи донишҳои пароканда, рушди ахлоқу рафтори бошуурона, махсусан ворид ба дунёи илму маърифат ва дарки олами воқеӣ тавассути фаъолияти таълимӣ. Тибқи тадқиқотҳои равоншиносҳо неруи муҳаррики рушди синну соли хурди мактабӣ аз мухолифатҳои мунтазам рушдёбандаи талаботи таълимӣ, муаллим, коллектив ба шахсияти кӯдак, ба таваҷҷуҳ, хотира, тафаккур, сатҳи дараҷаи инкишофи руҳии ӯ иборатанд. Дар ин синну сол асосҳои рафтори ахлоқӣ ташаккул меёбад, азхудкунии меъёр ва қоидаҳои рафтор, майли ташаккули шахсияти иҷтимоӣ тадриҷан рушд мекунад.

Ҳарчанд аз ҷониби омӯзгорону мактаб талаботи ягона гузошта шавад ҳам, вале онҳо дар омӯзиш хусусиятҳои худро зоҳир менамоянд, инкишофу ташаккули шахсияташон гуногун мешавад, зеро таъсири чорабиниҳои тарбиявӣ ба ҳама якранг нест, шавқу рағбати бачагон низ гуногун мешавад. Бинобар ин, мактаб вазифадор аст, ки дар шогирдон талаботи муносибату таҳсил карданро мувофиқи қоидаҳои хонандагон пайдо кунонад.

Агар дар хонандагони хурдсол сифатҳои неки ахлоқию иродавӣ – меҳнатдӯстӣ, завқи баланди хониш, ҳисси масъулиятшиносӣ ба вуҷуд оварда шаванд, душворию камбудиҳо осонтар бартараф карда мешавад.

Бинобар ин, дар шогирдон малакаи худназоратӣ ва худсозиро ташаккул додан басо муҳим аст.

Ба хонандаи хурдсол кунҷкобӣ ва серҳаракатӣ хос аст. Вай нисбати муҳити атроф бисёр чизҳоро донистану фаҳмидан мехоҳад. Чуноне ки бо таъсири бевоситаи ангеза,



бо далелҳои ногаҳонӣ майли амалиёти фаврӣ ва худсаронагӣ мекунанд (сабабаш – сустии танзими идораи рафтори синнусолӣ). Баъзан дар рафтор худдорӣ карда натавонистан, ягон корро карда пушаймон шуданашро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар мактабхони хурдсол, умуман, нокифоягии ирода дида мешавад, вай ба мақсади гузошташуда дуру дароз таъқибкорӣ карда, душворӣ ва монеаҳоро суботкорона бартараф карда наметавонад.

Аз ин лиҳоз, омӯзгорро лозим аст, ки бароиислоҳашон аз бозиҳои шавқовар, меҳнати якҷоя, варзиш, экскурсия ва дигар воситаҳо моҳирона истифода барад, зеро на фақат ирода, муташаккилӣ, зиракӣ, ташаббускорӣ, ҳамчунин барои минбаъда ташкил кардани коллективи солим, ҳисси эҷодкорӣ, маҳорати роҳбарикуниро низ тарбия мекунанд.

### 3. Синни наврасӣ

Наврасӣ давраи гузариш аз кӯдакӣ ба калонсолӣ мебошад. Чуноне ки дар натиҷаи рушди ҷисмонии наврас тағйироту дигаргуниҳо дар инкишофи руҳии наврас ба назар мерасад. Дар рушди минбаъдаи шахсияти наврас муносибати самимӣ ва эҳтироми ҳуқуқҳои наврас талаботи муҳим буда, аз омӯзгорону волидон дархост мегардад, ки дар муносибат бо онҳо баробарҳуқуқиро таъмин намоянд.

Равоншиносҳо воқеан, ишора мекунанд, ки муносибати байни наврасу калонсолон, аз он ҷумла, муаллимон бӯҳрони асосии синни наврасӣ ба шумор меравад. Махсусан нерӯи муҳаррики рушди руҳии ин синну сол зоҳиргардӣ ва бартарафкунии мухолифатҳои нави диалектикӣ аз ҷумла, талаботҳои нави онҳоро қонеъкунанда, имкониятҳои байни рушдёбии ҷисмонӣ, зеҳнию ахлоқии наврас ва шакли пештар ба миёномадаи ҳамкории ӯ бо атрофиён; байни афзоиши талабот нисбати наврас аз тарафи ҷомеа, калонсолон, коллектив ва шаклҳои рафтори мавҷудаи наврас иборат мебошад. Дар ташкил кардани корҳои тарбиявӣ роҳбари синф вижагиҳои наврасонро бояд ба назар гирад, зеро рушди минбаъдаи сифатҳои ахлоқии наврас воқеан, дар ҳамин давра шакл мегирад. Махсусан, инкишофи худидоракунӣ дар наврас аз баҳодиҳӣ ба рафтори худ оғоз ёфта, сипас ба сифатҳои ахлоқиаш, хулқ ва қобилияташ таваҷҷуҳ зоҳир

менамояд. Аз ин лиҳоз, тарбиятгар мувazzаф аст, то ин ки дар коллектив афкори солим ва муносибатҳои солимро ба роҳ монад. Албатта, пеш аз ҳама, агар дар коллектив талаботи педагогӣ бо дарназардошти афкори умум ба миён гузошта шавад, дар он ҳолат муносибатҳои самимии омӯзгорону наврасонро ба вуҷуд овардан мумкин аст.

Тазаккур бояд кард, ки наврасон завқи бо рафиқон, бо коллектив барқарории робитаро доранд, мехоҳанд, ки дар коллектив мавқеи хешро пайдо намоянд. Баҳои иҷтимоии коллективи синф аксар вақт барои наврас нисбат аз фикрҳои волидон ва муаллимон аҳаммияти зиёд дорад. Бинобар ин, хеле хуб мешуд, агар муаллим ба онҳо талаботро тавассути коллектив пешбинӣ намояд.

**4. Синни калони мактабӣ**

Давраи устувор гаштани худидоракунии ҷавонон ва дарк кардану баҳо додан ба хислатҳои маънавию руҳии шахсияти худ мувофиқи ҳадафҳои мушаххаси зиндагӣ.

Аз ҷумла, навҷавонон дар ин давра дар марҳилаи интихоби касб қарор доранд. Омӯзгорон дар ин самт вазифадоранд, ки тавассути фанҳои таълимӣ, соатҳои тарбиявӣ, шаклҳои касбинтихобкунӣ: касбогоҳии маърифатӣ, мусоҳибаи касбогоҳӣ, хоста гирифтани касб ба хатмкунандагон оиди моҳият ва аҳаммияти касбу пешаҳо бо дарназардошти майлу рағбати навҷавонон тавсияҳои педагогии худро пешкаш намоянд.

**Шарҳи истилоҳот:**

**Таҷриба** – ин маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаи амалан бадастомада аст.

**Таҷрибаи ҳаётӣ** – натиҷаи таъсири ҳамдигарии фаъол ва амалӣ бо олами беруна ва ҷомеа аст.

**Вазифаи таҷрибаомӯзон** - дар таҷрибаи педагогӣ – омӯхтани мушоҳидаи раванди таълиму тарбия, фаъолияти муаллимон ва талабагон, дарки моҳият, муносибат ва мантиқи ҳамкории онҳо, тарзу равиши фаъолияти педагогӣ мебошад.

**Илми равоншиносӣ** - методҳои умумӣ, раҳёфтҳои омӯзиши руҳии шахсро асноӣ раванди таълиму тарбият ошкор мекунад.



**Мақсади кори донишҷӯ** - ташаккул додани худ ва ҳосил намудани маҳорат ва уҳдабароӣ нисбати ташкили раванди мураккаби яклухти таълиму тарбия мебошад.

**Хусусияти бефосилагии таҷрибаи педагогӣ** - вазифаҳо дар ҳар давраи нав такрор мешаванд. Дар давраи минбаъда он талаботҳое, ки қаблан ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, дар ин давра фавран дарк карда мешаванд ва ҳалли худро меёбанд.

**Хусусияти комплексии таҷрибаи педагогӣ** - дар рафти он ба ҳам пайвастагии тамоми амалиёт –дониши талаба, муаллим, раванди таълиму тарбияте, ки дар ҳар давр ва бахшҳои гуногун гирифташуда ҳамгиро ва таҳлил мешаванд.

**Комплексии таҷрибаи педагогӣ** - банақшагирӣ, ташкилкунӣ, мазмун, системаи назорат ва арзёбиро дар бар мегирад. Дар баҳогузории умумии донишҷӯ ҳамаи самтҳои амалии фаъолияташ инъикос меёбад.

**Консепсияи миллии тарбия** – сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии насли наврас муайян мекунад.

**Фазои демократӣ** – омӯзгор дар асоси усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ раванди таълиму тарбияро ташкил карда, ба рушду ташаккули мустақилияти тафаккури эҷодии хонандагон мусоидат менамояд.

**Усули авторитарӣ** – фишору зӯроварӣ, тарбияи ҳукмравоӣ.

**Синни хурди мактабӣ** - давраи шаклгирии системаи донишҳои пароканда, рушди ахлоқу рафтори бошуурона, махсусан ворид ба дунёи илму маърифат ва дарки олами воқеӣ тавассути фаъолияти таълимӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Аҳаммияти таҷрибаи омӯзгорӣ дар ташаккули шахсияти таҷрибаомӯзон аз чӣ иборат аст?

2. Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзонро шарҳ диҳед.

3. Дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ кадом сифатҳои касбӣ дар таҷрибаомӯзон ташаккул дода мешавад?

4. Хусусиятҳои таҷрибаи омӯзгориро шарҳ диҳед.

5. Намудҳои таҷрибаомӯзиро номбар кунед ва шарҳ диҳед.

6. Таҷрибаи омӯзгорӣ кадом малакаҳои донишҷӯёнро тақвият медиҳанд?

7. Таҷрибаомӯзон дар ташкили корҳои тарбиявӣ кадом вазифаҳоро ба уҳда доранд?

8. Муносибатҳои байни таҷрибаомӯзону тарбиягирандагон дар асоси кадом усули тарбия ба роҳ монда мешавад?

9. Таҷрибаомӯзон дар муносибат бо мактабиён чӣ гуна рафтор намоянд?



## ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТИ ПЕДАГОГӢ:

**Адабиёти таълимӣ** – асарҳои хаттӣ ва чопӣ, ки ҳамчун воситаи таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҳсилоти иловагӣ интишор меёбанд.

**Аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ**– муайян кардани мақоми муассисаи таълимӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот.

**Аспирант** – шахси дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо мақсади таҳияи рисола ва дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илм дар аспирантура таҳсил менамояд.

**Аттестатсияи хатм** – тартиби муқаррар намудани мутобиқати мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот.

**Аттестатсияи давлатии муассисаи таълимӣ** – муайян кардани мутобиқати заминаи моддию техникӣ ва кадрии муассисаи таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва мутобиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда.

**Баҳогузории маҷмуӣ ба фаъолият** – иҷозатномадиҳии такрорӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии навбатии муассисаи таълимӣ дар шакли муттаҳидшудаи ин амалиёт дар як муҳлат.

**Бакалавр** – дараҷаи аввали академӣ дар низоми бисёрзинагии таҳсилоти олии касбӣ, ки баъд аз таҳсили чаҳорсола ва бомуваффақият супоридани имтиҳон ва ҳимояи рисолаи хатмкунӣ ба даст меояд.

**Барномаи таълимӣ** – ҳуҷҷате, ки дар он мазмун фанни таълимӣ, мақсаду вазифаҳо, тарзи ташкили раванди таълим, талабот ба сатҳи донишу маҳорат ва малакаи таълимгиранда ифода ёфтаанд.

**Вазифаи таҷрибаомӯзон** - дар таҷрибаи педагогӣ омӯхтани мушоҳидаи раванди таълиму тарбия, фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон, дарки моҳият, муносибат ва мантиқи ҳамкории онҳо, тарзу равиши фаъолияти педагогӣ мебошад.

**Гуманизатсияи (инсонгароии) таълим** – паҳншавии ғояҳои башардӯстона (гуманизм) дар мазмун, шакл ва усулҳои таълиму тарбия; таъмини раванди таълим бо инкишофи ҳамоҳангии ҳамаҷонибаи қувваҳои табиӣ ва қобилиятҳои инсонӣ.

**Гуманизм** – усули ҷаҳонбинӣ, ки асоси онро ба расмият шинохтани имконоти беҳудуди инсон дар роҳи камолот ташкил медиҳад. Ҳамчунин таъйини манфиати инсон ҳамчун меъёри арзёбии сатҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки яке аз усулҳои асосии педагогикаи муосир маҳсуб мешавад.

**Дониши касбӣ** – донистани фанни педагогика, психология, фанни тадрисӣ ва услуби он.

**Донишҷӯ** – шахсе, ки дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ (бакалавриат, магистратура ва мутахассис) таҳсил менамояд.

**Илми биоритмология** - истилоҳи юнонӣ буда, суръати ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти кори одамонро меомӯзад. Дар ташкили меҳнати фикрӣ бояд мавкеи қобилияти кории одамон ба инобат гирифта шавад.

**Ихтисос** - соҳаи мушаххаси меҳнат дар чаҳорчӯби касби муайян, ки дониш, маҳорату малакаи махсусро талаб мекунад.

**Имтиҳон** - арзёбии дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошад. Имтиҳонҳо мувофиқи талаботи барномаи таълимӣ бо саволномаҳои тестӣ ва ё билет гузаронида мешаванд.

**Инкишоф** – раванди ташаккулёбии фард, ки тавассути таъсири омилҳои зоҳирӣ ва ботинии идорашаванда ва табиӣ рух медиҳад.

**Иқтибос** – ба гуфтор ё матни худ аз ҷое далел овардан, аз дониши касе ва ё китобе баҳраманд шудан. Иқтибосҳо дар варақи матн ё китоб, аз кадом маъхаз гирифта шуданашон нишон дода мешаванд.

**Ирода** - ин бо қатъият ва шуурона бартараф намудани мамониатҳо мебошад, ки дар иҷрои фаъолияти муайян устувориву ҷуръатмандии шахс ташаккул меёбад.

**Ирсият** - ин хусусият ва аломатҳои ҷисми зиндае, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл мегузарад. Аз ҷумла, ба ин сохти анатомию физиологии бадан, ранги пӯст, чашм, мӯй, абрӯ, хусусиятҳои системаи асаб, ҳамчунин аломатҳои нутқ, тафаккури одам ва ғайраҳо дохил мешаванд.



**Касб** - намуди собити фаъолияти меҳнатӣ, ки омодагии муайяни касбиро тақозо мекунад.

**Китоби дарсӣ** – воситаи таълимие, ки тибқи барномаи таълимӣ асосҳои соҳаи муайяни илмро пайдарҳам ифода менамояд.

**Коллеҷ** – муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**Консепсия** - истилоҳи лотинӣ буда, маънои нуқтаи назар, система, бунёди назариявии ягон равандро ифода менамояд.

**Консепсияи миллии маълумот** - ҳуҷҷатест, ки дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян мекунад.

**Консепсияи миллии тарбия** ҳуҷҷатест, ки сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии насли наврас муайян мекунад.

**Кори курсӣ** – кори мустақилонаи илмӣ-методии донишҷӯёни донишгоҳи олӣ буда, тибқи нақшаи таълимӣ тахти роҳбарии омӯзгори фанни махсус иҷро карда мешавад. Донишҷӯ бахри амиқ омӯхтани ин ё он мавзӯъ кори курсӣ менависад, ки ҳаҷмаш тахминан аз 20-25 саҳифа кам набошад.

**Қобилияти педагогӣ** – нишондиҳандаи дараҷаи мустақилияти тафаккур ва сифатҳои иродавию эмотсионалии шахсияти омӯзгор буда, дар ҳамбастагӣ як ҷузъи томро ташкил медиҳад.

**Қобилияти дидактикӣ** - дар шакли фаҳмо ва дастрас ба шогирдон пешниҳод кардани маводи омӯзиш ва бедор намудани рағбати маърифатӣ.

**Қобилияти академикӣ** - омӯзгор фанни худро на танҳо дар доираи барномаи таълим, балки васеъ ва ҳаматарафа донад ва доимо аз дастовардҳои соҳаю фанни мазкур огоҳ бошад.

**Қобилияти идрокнамоӣ (персептивӣ)** - бо мақсади ташаккулдиҳии шахсияти хонанда омӯзгор зоҳиршавии аломатҳои ҳолати ботинии хонанда ва авзои руҳии ӯро муайян мекунад ва бахри самаранок гаштани раванди омӯзиш ба онҳо таъсир мерасонад.

**Қобилияти коммуникативӣ** – маҳорати муомила карда тавонистан бо хонанда, барқарор кардани муносибати мақсаднок ва риояи маданияти муошırати педагогиро ифода менамояд.

**Лаборатория** - истилоҳи юнонӣ буда, маънояш меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф намуданро ифода мекунад. Ин шакли таълимӣ аз донишҷӯён бештар ташаббускорӣ, мушоҳидабарӣ ва мустақилиро талаб мекунад. Ба машғулиятҳои лабораторӣ 20-30% вақти маводи таълимӣ ҷудо карда мешавад.

**Лексия** - истилоҳи лотинӣ буда, маънояш хондан, қироат кардан мебошад. Дар лексия маводи таълимӣ, ягон масъала, мавзуъ, методҳои фан пай дар пай, системанок баён карда мешавад.

**Логопедия** – кӯдакони дар нутқ нуқсдор – лакнатзабон (тутилаҳо) – ро меомӯзонад.

**Мазмуни таълим** – сохтор, мундариҷа ва ҳаҷми барномаи таълимие, ки азхудкунии он имкони гирифтани дараҷаи таҳсилот ва ихтисоси муайянро медиҳад.

**Мавзуъ (таълимӣ)** - қисмати тартибии курси таълимӣ. Мавзуи дарс ё машғулият маъмулан мутобиқи барнома ва нақшаи таълимӣ муайян карда мешавад.

**Магистр** – дараҷаи илмие, ки пас аз супоридани имтиҳон ё ҳимояи рисолаи дипломӣ ба хатмкунандагони мактабҳои олии касбӣ медиҳанд.

**Маълумот** – раванд ва натиҷаи азхудкунии системаи донишҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои маърифатӣ ва дар асоси онҳо ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва дигар сифатҳои шахсият, инкишофи қудрату кобилияти эҷодии хонандагон.

**Машғулияти инфиродӣ** - шакли таълим бо истифодаи тарзҳои гуногуни таълими инфиродӣ, ки ба хонанда ё донишҷӯ дониши иловагӣ медиҳад.

**Маҳорати педагогӣ** - ба дараҷаи баланд таъмин намудани худташкилдиҳии маҷмуи фаъолияти касбӣ.

**Маданияти муошırати педагогӣ** - ҳангоми муомила бо мусоҳиб бояд қабл аз баёни нуқсону камбудиҳо ҷиҳатҳои



мусбати шахс ҳатман зикр карда шавад, то ки беғаразии шахс аз ҷониби тарафайн ҳис карда шавад.

**Мақсади таҳсили донишҷӯ** - ташаккул додани дониш ва ҳосил намудани маҳорату малака нисбати ташкили раванди мураккаби яклухту томи таълиму тарбия мебошад.

**Машварат** - ба маънои аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯён маслиҳат додан, фаҳмидани ягон маводи таълимии дархост намудаи онҳоро ифода мекунад.

**Менталитет** – сифати ақл, фаъолияти маънавӣ, тарзи тафаккур ва қобилияти фикрии инсон; маҷмуи сифатҳое, ки ба ин ё он халқияту миллат хос аст.

**Методикаҳои омӯзиш** - хусусиятҳои умумӣ ва қонуниятҳои
омӯзиши фанҳои гуногуни таълимӣ, чунончи, забони модарӣ, таърих, математика, кимиё, физика ва ғайраҳоро фаро мегирад.

**Муассисаи таълимӣ** - ташкилоти таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки раванди муттасили таълиму тарбияро ба роҳ монда, як ё якчанд барномаҳои таълимиро амалӣ мегардонад.

**Муассисаи таълимии махсус** - ташкилоте, ки дорои шароити муайяни таълиму тарбия ва муҳити махсуси педагогӣ буда, офияти тиббию иҷтимоӣ, таҳсилу касбомӯзии кӯдаконеро, ки ба табобати тулонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ мебошанд ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, таъмин менамояд.

**Муассисаи томактабӣ** - ташкилоте, ки барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шуда, онҳоро бо таълиму тарбияи аввалия фаро мегирад.

**Мутахассис** - шахсе, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи самти ихтисосаш дониш, маҳорат ва малакаи касбиро соҳиб шудааст ва барои иҷро намудани кори илмӣ имконият дорад.

**Назария** - шакли таъмимёфтаи инъикоси воқеият ва тафаккур. Ин нисбат ба фаъолияти амалии одамон, илм ва ба таври умум, дониш маҳсуб мeёбад. Назария дар мафҳумҳо, категорияҳо, қонунҳо, қонунмандиҳо, фарзияҳо ва усулҳо ифода мегардад.

**Натиҷаи таълим** - маҷмуи дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавие, ки таълимгирандагон дар давоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ соҳиб мегарданд.

**Нақшаи таълимӣ** - ҳуҷҷате, ки омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми маориф** - мақомоти идоракунии маориф, муассисаҳои таълимӣ, субъектҳои раванди таълиму тарбия, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ, воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳое, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот маҷмуи барномаҳои таълимӣ ва сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ менамоянд;

**Нострификатсия** - муайян кардани баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилотии шахсоне, ки муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ ва ё ташкилотҳои байналмилалиро хатм кардаанд;

**Одоби муоширати педагогӣ** - риояти меъёри қоидаҳои одоби муомила нисбати шогирдон ва волидайни онҳо, интихоби роҳи шоистаи муносибат бо онҳо дар мавридҳои гуногуни раванди таълиму тарбия.

**Олигофренопедагогика** – кӯдакони модарзоди заифақл.

**Омӯзгор** - шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул мебошад.

**Омодагии касбӣ** - ҳолати субъективии шахсият, ки худро барои иҷрои фаъолияти муайяни касбӣ қобил ва омода меҳисобад.

**Педагогикаи умумӣ ва ё педагогикаи мактаб**, ки қонуниятҳои таълим ва тарбияи хонандагони мактаби маълумоти умумиро тадқиқ мекунад.

**Педагогикаи синнусолӣ** - хусусиятҳои тарбиявии одамони синну соли гуногун: қаблазтомактабӣ, томактабӣ, педагогикаи мактаб, педагогикаи калонсолонро меомӯзад.

**Педагогикаи оила** – ҷиҳатҳои муҳимми тарбияи муфиди кӯдакони оилаҳои пешқадамро омӯхта, ба дигар хонадонҳо паҳн мекунад.

**Принсипи гуманистӣ** - муносибати фардии раванди педагогиро ба назар гирифта, дар маркази раванди таълиму



тарбия на барномаю китоби дарсӣ, балки шахсияти хонанда, талабот ва майлу рағбати ӯ гузошта мешавад.

**Рисолаи хатм** – кори ҷамъбастии хатмкунандаи мактаби олӣ, мактаби миёнаи махсус. Он характери таълимӣ – тадқиқотӣ дорад. Дар кори дипломӣ донишҷӯ нисбати мавзуи интихоб намудааш тадқиқот мебарад ва моҳияти мавзуъро дар 50-60 саҳифаи чопи компютерӣ бо далелҳои раднопазир ифшо медиҳад.

**Реферат** - калимаи лотинӣ буда, маънояш маърӯза мекунам, хабар медиҳам. Баёни мухтасари хаттӣ доир ба мазмуни кори илмӣ ва масъалаҳое, ки ба дигар маъхазҳо вобастагӣ доранд, ифшо медиҳад.

**Салоҳият** - маҷмуи масъалаҳое, ки инсон тибқи донишу таҷрибаи худ бар онҳо мусаллат аст: маҷмуи ихтиёроти як шахс ё муассиса, тавонмандӣ.

**Самти инсонпарварӣ** – дӯст доштани касби худ ва шогирдон.

**Самти касбӣ** - самту тамоюли шахсият ба намуди муайяни донишу малакаҳои касбӣ, омодагии касбӣ.

**Семинар** - калимаи лотинӣ буда, маънояш манбаъ мебошад. Тибқи ин шакли ташкили раванди таълим донишҷӯён таҳти нишондоди омӯзгор мустақилона кор карда, реферат ё маърӯза тайёр мекунанд. Дар семинар маводҳои назариявии омӯхташавандаро бо мақсади амиқтару васеътар азхудкунӣ истифода мебаранд.

**Семинари махсус** - шакли мукаммали семинар буда, дар рафти он донишҷӯён тарзу усули навиштани реферат, маърузаҳо, корҳои курсию дипломӣ, корҳои методӣ, илмию тадқиқотиро азбар менамоянд. Ин семинар ба сухани хотимавии омӯзгор ҷамъбаст мегардад.

**Сурдопедагогика** – онҳоеро тадқиқ мекунад, ки кар ва кару гунганд.

**Сифати таълим** - тарзи ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим, ки дар натиҷаи он шахсе соҳиби таҳсилот мегардад.

**Сифати таҳсилот** - маҷмуи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ;

**Синни хурди мактабӣ** - давраи шаклгирии системаи донишҳои пароканда, рушди ахлоқу рафтори бошуурона, махсусан ворид ба дунёи илму маърифат ва дарки олами воқеӣ тавассути фаъолияти таълимӣ.

**Сохти демократии давлатдорӣ** - ғояҳои гуманистии пешқадами замонҳои гузаштаро идома дода, имкониятҳои талаботи моддӣ ва рӯҳии одам, идоракунии демократии ҷомеа аз тарафи ҳамаи одамон, тавлиди ормонҳои адолатхоҳӣ, муҳайё кардани шароит барои ҳуқуқи зистан, меҳнат, маълумот, таъминоти иҷтимоии инсон, баробарии миллӣ ва фарҳангӣ, муҳайё намудани шароит баҳри инкишофи мутаносиби одамро тақозо мекунад.

**Тарбия** (парвариш)- ба маънои махсуси педагогӣ ин раванд натиҷаи мақсаддори таъсиррасонӣ ба инкишоф, муносибат, хислат, сифат, ақида, эътиқод, тарзи рафтори шахсият дар ҷомеа мебошад.

**Тарбиягиранда** - кӯдаке, ки дар муассисаҳои томактабӣ бо тарбия ва таълим фаро гирифта шудааст.

**Тарбияи демократӣ** - методҳои тарбияи авторитарӣ (ҳукмравоӣ)-ро рад мекунад ва дар ҳамин радиф гуманизми ахлоқи бепарвой, саҳлангорӣ, беинтизомиро намепазирад.

**Таҳсилот** – равандест, ки дараҷаи фарогирии дониш, малака, маҳорат ва ахлоқи инсонро муайян мекунад.

**Таҳсилоти муттасил** - дар тули ҳаёт гирифтани таҳсилот ва мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ.

**Таҳсилоти фосилавӣ** - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад.

**Таҳсилоти фарогир** - барои кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муҳайё кардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот.

**Таҷҳизоти таълимӣ** - таҷҳизоте, ки дар раванди таълим барои ташаккули дониш, маҳорат, малака, инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии таълимгирандагон истифода мешавад.



**Ташаккули касбӣ** - раванди тағйири шахсият таҳти таъсири вазъиятҳои иҷтимоии касбӣ, фаъолияти касбӣ ва худзоҳирсозӣ дар ҷараёни меҳнат.

**Таълим-** ин раванди мақсаддори якҷояамалкунии омӯзгор ва хонандагон, ки дар он маълумотгирии шахс таъмин мегардад.

**Таълимгиранда** - тарбиягиранда, хонанда, донишҷӯ, аспирант, шунавандаи муассисаи таълимӣ;

**Таърихи педагогика** – инкишофи ғоя, афкор ва амалиёти фаъолияти тарбиявии марҳалаҳои гуногун ва уламое, ки дар соҳаи таълиму тарбия ҳиссаи фаъол гузоштаанд, дар бар мегирад.

**Технология** - илм дар бораи маҳорат, шеваҳои фаъолияти таълимӣ ва равандҳои мушаххаси технологӣ; шеваи умумии маърифат ва фаъолияти инсон.

**Тифлопедагогика** – масъалаҳои тарбияи кӯдакони нобино ва органи босиравиашон суст.

**Техникаи педагогӣ** – маҷмуи усулҳо.

**Усули фардии фаъолият** – маҷмуи шеваҳо ва тарзҳои фаъолияти инсон бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва сатҳи инкишофи касбӣ.

**Усули авторитарӣ** – фишору зӯроварӣ, тарбияи ҳукмравоӣ.

**Фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ** - фаъолияти омӯзгорие, ки дар муассисаи таълимӣ берун аз вақти корӣ ва ё берун аз муассисаи таълимӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад; .

**Фазои демократӣ** – омӯзгор дар асоси усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ раванди таълиму тарбияро ташкил карда, ба рушду ташаккули мустақилияти тафаккури эҷодии хонандагон мусоидат менамояд.

**Фард** - хусусиятҳои шабоҳатнадоштаи хоси инсонӣ буда, фарқияти як одам аз одами дигар, як шахсият аз шахсияти дигарро мефаҳмонад.

**Худназораткунӣ** - усули муҳим буда, он таҳти назорат гирифтани фаъолияти худро ифода мекунад. Шахс мунтазам иҷрои вазифаҳои ҳаррӯзаи худ ва дақиқию возеҳии онҳоро ба

инобат мегирад, алайҳи мамониатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, аз қабили беҷуръатӣ, камҳавсалагӣ мубориза мебарад.

**Худмушоҳидакунӣ** - ин андешаҳои фаъолияту ҳиссиёти шахсӣ буда, тавассути эҳсосоти олами ботинӣ зуҳур меёбад.

**Худфаъолиятии шахсият** - чунин намуди фаъолияти инсон мебошад, ки ба ӯ имкони қабули қарор медиҳад ва хосияти эҷодӣ дорад. Ташаббуси шахсро амалӣ менамояд: бар асоси маҳорате ба даст меояд, ки дар ҷараёни таълим азбар шудааст.

**Худомӯзӣ** - дониши инсон, ки дар натиҷаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши курси махсус дар муассисаи таълимӣ ба даст меорад, фаъолияти мақсадноки инсон, ки бо ҷустуҷӯ ва фарогирии донишҳои соҳаи мавриди назари ӯ фароҳам мегардад.

**Худзоҳирсозӣ** - аз раванд ё маҷмуи ҷараёнҳое иборат аст, ки бо низомнокӣ ба вуҷуд меоянд ва барои фаъолияти муносиб ва мавриди назар мусоидат менамоянд.

**Хусусияти бефосилагии таҷрибаи педагогӣ** - вазифаҳо дар ҳар давраи нав такрор мешаванд. Дар давраи минбаъда он талаботҳое, ки қаблан ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, дар ин давра фавран дарк карда мешаванд ва ҳалли худро меёбанд.

**Хусусияти комплексии таҷрибаи педагогӣ** - дар рафти он ба ҳам пайвастагии тамоми амалиёт –дониши хонанда, омӯзгор, раванди таълиму тарбияте, ки дар ҳар давр ва бахшҳои гуногун гирифташуда ҳамгиро ва таҳлил мешаванд.

**Шахсият** - маҷмуи сифатҳои иҷтимоии дар ҷараёни зиндагӣ ҳосилкардаи инсон фаҳмида мешавад. ***Ба мафҳуми «шахсият»*** хусусият ва сифатҳои иҷтимоии инсон, аз қабили нутқ, шуур, одатҳои гуногуни иҷтимоӣ, оқилӣ, эҳсоси масъулият, фаъолияти иҷтимоӣ ва устуворӣ нисбати ақоид ва эътиқоди худ, ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонад, хос аст.

**Экстернат** - омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ мутобиқи барномаи асосии таълимӣ бо аттестатсияи минбаъдаи хатм дар муассисаҳои таълимӣ.

**Эҷодиёти касбӣ** - фаъолияти шахсият барои таъсиси тарзу шеваҳои нави айнӣ ва зеҳнии фаъолияти касбӣ.

**Этикаи педагогӣ** – илм дар бораи ахлоқу одоби омӯзгор.



## НАМУНАИ САВОЛҲОИ ТЕСТӢ (пӯшида)

**1. Муаллифи ақидаи мазкурро муайян намоед.**

«Ба муаллим вазифаи муҳимме супорида шудааст, ки аз он баланд дар зери хуршед чизи дигаре буда наметавонад».

A) Я.А.Коменский;

B) И.Ф.Гербарт;

C) В.Радке;

D) А.С.Макаренко;

E) А.Дистервег.

**2. Сифатҳои майли фаъолияти педагогӣ кадомҳоянд?**

A) Бачаро дар ҳайси фаъол донистан ва тамоми хислатҳои онро омӯхтан, мушоҳидакору ҳассос будан, омӯхтани роҳҳои дурусти муомила ва иртибот бо кӯдакон;

B) Хуб донистани фанни педагогика ва равоншиносӣ;

C) Омӯхтани роҳҳои дурусти муомила;

D) Инсонпарварӣ, поквиҷдонӣ, таҳаммулгароӣ, меҳрубонӣ, серталабӣ;

E) Фароҳам овардани шароит бахри рушд додани тафаккури эҷодӣ.

**3. Маҳорати педагогӣ чист?**

A) Ба дараҷаи баланд таъмин намудани худташкилдиҳии маҷмуи фаъолияти педагогӣ;

B) Такмил додани дониши касбӣ ва маҳорати педагогӣ ;

C) Дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ такмил додани қобилияти педагогӣ;

D) Омӯхтани усулҳои нави омӯзиш;

E) Дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ ҳосил намудани малакаҳои касбӣ.

**4. Дониши касбӣ дорои кадом қисматҳо мебошад?**

A) Техникаи нутқ, қобилияти педагогӣ;

B) Донистани фанни таълимӣ ва услуби он, педагогика, равоншиносӣ;

C) Дӯст доштани шогирдон ва касби худ;

D) Фанни тадрисӣ, методикаи таълимӣ;

E) Усулҳои дидактикӣ ва шаклҳои омӯзиш.

**5. Техникаи педагогӣ дорои кадом қисматҳо аст?**

A) Худидоракунӣ ва таъсиррасонӣ ба гурӯҳ ва фард;

B) Мимика ва пантомимика;

C) Ташкилотчигӣ ва эҷодкорӣ;
D) Серталабӣ ва хоксорӣ;
E) Худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ.

**6.Талаботи кадом қисмати маҳорати педагогӣ зикр гардидааст?**

Аз омӯзгор тақозо менамоянд, ки дар муошират аз маҷбуркунӣ, зӯроварӣ, манънамоӣ ва ҷазодиҳӣ, ки боиси аз ҳам дуршавии толибилму омӯзгор мегардад, барканор бошад.

A) Этикаи педагогӣ;
B) Техникаи педагогӣ;
C) Самти инсонпарварӣ;
D) Одоби муоширати педагогӣ;
E) Дониши касбӣ.

**7. Муаллифи ақидаи зеринро муайян намоед.** «Муошират педагогӣ вазифаи муайяни педагогиро доро буда, ба пайдо намудани муҳити солими педагогӣ равона карда мешавад ва муносибати муаллиму хонандаро низ дар фаъолияти таълимӣ беҳтар менамояд».

A) Я.А.Коменский;
B) К.Д.Ушинский;
C) Л.Н.Толстой;
D) А.С.Макаренко;
E) А.А.Леонтев.

**8. Шарҳи кадом қисмати маҳорати педагогӣ баён ёфтааст?**

«Илм дар бораи одобу ахлоқи омӯзгорӣ буда, дар муносибат бо пайравони худ ва атрофиён шоистаи ибрат буданро тақозо менамояд».

A) Дониши касбӣ ;
B) Техникаи педагогӣ;
C) Қобилияти педагогӣ;
D) Одоби муоширати педагогӣ;
E) Этикаи педагогӣ.

**9. Пас аз мустақил гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул гардид?**

A) 11 декабри соли 1993;
B) 27 декабри соли 1993;



C) 27 декабри соли 1964;
D) 4 январи соли 2004;
E) 4 июни 2013.

**10. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия дар боби чандуми Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» оварда шудааст?**

A) Боби 5;
B) Боби 3;
C) Боби 4;
D) Боби 6;
E) Боби 8.

**11. Шарҳи кадом мафҳум ифода ёфтааст, муайян намоед.**

Системаи иҷтимоие, ки раванди идораи таълиму тарбия ва умуман, маърифатнокии ҷомеаро ба низом медарорад.

A) Консепсия;
B) Таҳсилот;
C) Маориф;
D) Мактаб;
E) Тарбия.

**12. Дар моддаи чандуми Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф оварда шудааст?**

A) Моддаи 51;
B) Моддаи 52;
C) Моддаи 48;
D) Моддаи 49;
E) Моддаи 44.

**13. Дар кадом муассиса шаҳрвандон дар заминаи маълумоти ибтидоии касбӣ, асосӣ ва миёнаи пурра дараҷаи баланди касби коргарӣ мегиранд ва бозомӯзӣ мекунанд.**

A) Маълумоти миёнаи умумӣ;
B) Маълумоти миёнаи касбӣ;
C) Маълумоти олӣ;
D) Маълумоти ибтидоии касбӣ;
E) Маълумоти политехникӣ.

**14. Шарҳи мазкур моҳияти кадом санади меъёриро ифода менамояд?**

«Дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи маълумот муайян месозад».

A) Консепсияи миллии тарбия;
B) Консепсияи миллии таҳсилот;
C) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»;
D) Консепсияи миллии мактаб.
E) Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**15. Марказҳои эҷодии бачагону наврасон, мактабҳои ҳунарӣ, бадеӣ, студияҳои мусиқӣ, клубҳо, мактабҳои варзишӣ ба кадом муассисаҳо шомил мешаванд?**

A) Таҳсилоти ҳамагонӣ;
B) Муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ;
C) Муассисаҳои беруназмактабӣ;
D) Муассисаҳои миёнаи махсус;
E) Муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ.

**16. Мақсади муассисаҳои беруназмактабӣ аз чӣ иборат аст?**

A) Ташаккул додани қобилияту истеъдоди хонандагон вобаста ба шавқу завқ ва талаботи маънавии онҳо;
B) Рушди сифатҳои донишомӯзии хонандагон;
C) Омӯзонидани касбу ҳунарҳои гуногун;
D) Ба таври инфиродӣ омӯхтани фанҳои таълимӣ;
E) Мувофиқи шароит ва имконияти толибилмон ташаккул додани
қобилият ва истеъдод.

**17. Омилҳои зерин ба пайдоиши кадом ақидаҳо сабаб шудаанд?** Инкишофи неруҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсоли ҷамъиятӣ, афкори пешқадами фалсафӣ, фаъолияти муштараки мардум, мубориза зидди истисмору нобаробарӣ ва беадолатӣ.

A) Ақидаҳои педагогӣ;
B) Гуманистӣ;
C) Демократӣ;
D) Пешқадам;
E) Назарияи фалсафӣ.

**2. Шаклҳои фаъолияти тарбиявии хонандагонро муайян кунед.**

A) Таъсис намудани осорхонаи таърихӣ;
B) Ҷустуҷӯи қаҳрамонҳои дар ҷангҳо ба шаҳодатрасида;
C) Мукотиба бо авлодони қаҳрамонҳо;
D) Поси хотири гузаштагон;



E) Ҳамааш дуруст.

**18. Омӯзгорон бо кадом мақсад дар мавриди дарсҳо ҷиҳатҳои мусбати шахсияти олимон, адибон, қаҳрамониҳои шахсони арсаи кор, нававарон, ки баҳри инсоният кардаанд, баррасӣ менамоянд?**

A) Дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудан;
B) Дар руҳияи инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ тарбия намудан;
C) Рушд додани сифатҳои ахлоқии хонандагон;
D) Ташаккул додани мардонагӣ, ҷасурӣ, далерӣ;
E) Меҳнатдӯст тарбия намудан.

**19. Қоидаҳои ахлоқи гуманистӣ аз ҳар як фард дар ҷомеа чӣ гуна рафтор намуданро тақозо менамояд?**

A) Софдилона дар ҷомеа хидмат ва муносибат намудан, одамони арсаи меҳнатро эҳтиром намояд, ба давлату халқи худ содиқ бошад;
B) Масъулиятшинос будан дар таҳсил;
C) Эҳтиром намудани хурдсолону калонсолон;
D) Омӯхтану эҳё намудани арзишҳои миллӣ;
E) Ҳифз намудани сарватҳои табиат.

**20. Истилоҳи «гуманизм» дар забони тоҷикӣ кадом маъноро ифода мекунад?**

A) Дӯст, рафиқ, ҳамроҳ;
B) Таълим, тарбия;
C) Инсонгарӣ, одамият, инсонпарварӣ;
D) Омӯзгор, мураббӣ;
E) Ватандӯст, ватанпарвар.

**21. Кадом марҳала давраи интихоби касб, давраи ибтидои шуғли меҳнат аст?**

A) Синни ҷавонӣ;
B) Синни навҷавонӣ;
C) Синни наврасӣ;
D) Синни бузургсолӣ;
E) Синни хурди мактабӣ.

**22. Омилҳои рушд ва ташаккули шахсият аз нигоҳи илмӣ кадомҳоянд ?**

A) Инкишоф, муҳит, тарбия;
B) Сохтори давлат;
C) Воситаҳои ахбори омма;

D) Ирсият, муҳит, тарбия;
E) Мактаб ва муассисаҳои беруназмактабӣ.

**23. Дар кадом синну сол бештар захираи маънавӣ гирифта мешавад, ки ҳама қариб нисфи захираҳои маънавиёти тамоми умри боқимондаи инсонро ташкил медиҳад?**

A) Синни томактабӣ (3-6);
B) Синни хурди мактабӣ (7-12);
C) Синни наврасӣ (12-16);
D) Синни калони мактабӣ (16-18);
E) Синни ҷавонӣ (18-22).

**24. Ин ақидаи кадом педагог аст?** «Кӯдак аз рӯзи таваллуд то 5-солагӣ аз олами фарогирифта барои худ нисбати баъди 5-солагӣ то охири умр чандин маротиба зиёд хирад, ирода, ҳис мегирад».

A) В.А.Сухомлинский;
B) А.Ҷомӣ;
C) Ҳ.В.Кошифӣ;
D) Л.Н.Толстой;
E) М.Лутфуллоев.

**25. Дар равобит будан бо ҳамсолон, рафиқон, дӯстон муносибати асосии кадом синни мактабиён мебошад?**

A) Навзодӣ;
B) Синни хурди мактабӣ;
C) Синни наврасӣ;
D) Синни калони мактабӣ;
E) Синни навҷавонӣ.

**26. Шарҳи мафҳуми зеринро муайян намоед:** «Ба гуфтор ё матни худ аз ҷое далел овардан ва аз дониши касе ва ё китобе баҳраманд шудан».

A) Маъруза;
B) Маърифат;
C) Дониш;
D) Иқтибос;
E) Маслиҳат.

**27. Кадом соҳа суръати ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти кори одамонро омӯхта, дар ташкили меҳнат ба назар гирифтани қобилияти кории одамонро муҳим мешуморад?**

A) Психология;



B) Анатомия;
C) Физиология;
D) Педагогика;
E) Биоритмология.

**28. Кори курсӣ чист?**

A) Кори ҷамъбастии хатмкунандагони мактаби олӣ буда, 50-60 саҳифаро ташкил медиҳад;
B) Кори мустақилонаи илмӣ- методии донишҷӯён буда, таҳти роҳбарии муаллими фанни махсус, ки 20-25 саҳифаро ташкил медиҳад, иҷро карда мешавад;
C) Кори амалии донишҷӯ буда, ҳаҷмаш 10-15 саҳифаро ташкил медиҳад;
D) Кори таълимӣ-таткиқотии донишҷӯён буда, дар ҳаҷми 150-170 саҳифа навишта мешавад;
E) Кори амалӣ-тадқиқотии донишҷӯён буда, дар ҳаҷми 30-40 саҳифа навишта мешавад.

**29. Унсурулмаолии Кайковус дар байти хеш нисбати тарбияи ирода ва худтарбиякунӣ кадом усулҳоро муҳим шуморидааст?**

Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дар неҳ, ки битвонӣ,
В-гар гӯӣ, ки натвонам, бирав биншин, ки натвонӣ!

A) Худуҳдадорӣ ва худназораткунӣ;
B) Худсозӣ ва худтарбиякунӣ;
C) Худмушоҳидакунӣ ва худфармондиҳӣ;
D) Худбаҳодиҳӣ ва худомӯзӣ;
E) Худфармондиҳӣ ва худилқодиҳӣ.

**30. Шарҳи кадом усули худсозӣ ифода ёфтааст?** «Шахс мунтазам иҷрои вазифаҳои ҳаррӯзаи худ ва дақиқию возеҳии онро ба инобат мегирад»

A) Худуҳдадорӣ;
B) Худмушоҳидакунӣ;
C) Худназораткунӣ;
D) Худтарбиякунӣ;
E) Худомӯзӣ.

**31. Кадом олим нисбати усули худуҳдадорӣ чунин зикр намудааст?**

«Худуҳдадорӣ ин комилан осудаҳолӣ дар намуди зоҳирӣ, софдилӣ дар сухан ва кирдор, боандешагӣ дар амалиёт, вақтро бешуурона нагузаронидан».

A) Я.А.Коменский;
B) К.Д.Ушинский;
C) А.С.Макаренко;
D) Л.Н.Толстой;
E) В.А.Сухомлинский.

**32. Худназораткунӣ чӣ гуна усул аст?**
A Ба талаботи он иқдоми нек кардани шахсият аст;
B) Ба уҳда гирифтани ягон корро ифода мекунад;
C) Зоҳир намудани қобилият ва майлу рағбат нисбати омӯзиш;
D) Таҳти назорат гирифтани фаъолияти худ;
E) Мунтазам риоя намудани қоидаҳои рафтору одоб.

**33. Усулҳои худтарбиякуниро муайян кунед:**
A) Худуҳдадорӣ, худназораткунӣ, худмушоҳидакунӣ, худбаҳодиҳӣ;
B) Азхуд кардани донишҳои илмӣ, ҳосил намудани маҳорату малака;
C) Худтакмилдиҳӣ, боғайрат будан;
D) Мунтазам омӯхтани таҷрибаи педагогӣ ва равоншиносӣ;
E) Таҳти назорат гирифтани кору фаъолияти хеш.

**34. Вазифаи донишҷӯ-таҷрибаомӯз аз чӣ иборат аст?**
A) Ҳар қадар бармаҳал мустақилона омӯхтану фаҳмидани донишҳои ҳосилкардаи касбии минбаъда мебошад;
B) Мувофиқи нақша ва барномаҳои таълимӣ омӯхтани фанҳои назариявӣ;
C) Азхудкунии услуби омӯхтани хусусиятҳои хонандагон, раҳёфти робитаи педагогӣ;
D) Мустақилона омӯхтани қоидаҳо ва тартиботи дохилимактабӣ;
E) Омӯхтани коллективи хонандагон ва коллективи омӯзгорон.

**35. Таҷрибаи омӯзгорӣ кадом хусусиятҳоро дорост?**
A) Дидактикӣ, академикӣ;
B) Яклухтӣ, бефосилагӣ, комплексӣ;
C) Ташкилотчигӣ, эҷодкорӣ;
D) Мунтазамӣ, таҳлилӣ;
E) Тарбиявӣ, таълимӣ, инкишофдиҳӣ.



**36. Хусусияти комплексии таҷрибаи омӯзгориро муайян намоед.**
A) Ба ҳам пайвастагии тамоми амалиёт – банақшагирӣ, ташкилкунӣ, мазмун, системаи назорат ва арзёбӣ;
B) Азхудкунии меъёри ахлоқи коллектив ва фаъолияти педагогӣ;
C) Мушоҳидаи фаъолияти омӯзгорон ва муносибати онҳо дар раванди таълим бо шогирдон;
D) Омӯхтани хусусиятҳои психологии хонандагон ва барқарор намудани робита бо онҳо;
E) Азхудкунии маҳорати барқароркунии робита бо волидайни шогирдон.

**37. Таҷрибаомӯзон дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ ба кадом усули омӯзиш такя мекунанд?**
A) Робитаи назария бо амалия;
B) Робитаи таълим бо тарбия;
C) Системанокӣ, бошууронагӣ;
D) Устуворӣ, дастрасӣ;
E) Аёният.

**38. Шарҳи кадом хусусияти таҷрибаи омӯзгорӣ баён ёфтааст?**
«Вазифаҳо дар ҳар давраи нав қариб якнавохт буда, он талаботҳое, ки қаблан ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, дар давраи нав фавран ҳис карда мешаванд ва ҳалли худро меёбанд»
A) Таълимӣ;
B) Бефосилагӣ;
C) Комплексӣ;
D) Таҷрибавӣ;
E) Тадқиқотӣ.

**39. Истилоҳи «гуманизм» дар забони тоҷикӣ кадом маъноро ифода мекунад?**
A) Дӯст, рафиқ, ҳамроҳ;
B) Таълим, тарбия;
C) Инсонгарӣ, одамият;
D) Омӯзгор, мураббӣ;
E) Ватандӯст, ватанпарвар.

**40. Кадом синну солро давраи гузариш меноманд?**
A) Синни хурди мактабӣ;

B) Давраи томактабӣ;
C) Синни калони мактабӣ;
D) Синни миёнаи мактабӣ;
E) Синни навҷавонӣ.

**Намунаи саволҳои мувофиқоварӣ**

**1. Ақидаҳои педагогии мутафаккиронро мувофиқ гузоред.**

A) Ҳ.В.Кошифӣ
B) Н.В.Белинский
C) А.С.Макаренко
D) Я.А.Коменский

1. «Мақсади тарбия – одамгарӣ ва восита - муҳаббат мебошад»
2. «Баробари эҳтироми шахсияти шогирдон серталаб будан лозим аст»
3. «Бидон, ки ҳеҷ коре бе устоде муяссар намешавад ва ҳар кӣ бе устоде коре кунад, бебунёд бошад»
4. «Ба омӯзгор вазифаи муҳимме супорида шудааст, ки аз он баланд дар зери хуршед чизи дигаре буда наметавонад»
5. «Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар»

**2. Қисматҳои маҳорати педагогиро мувофиқ гузоред.**

A) Самти инсонпарварӣ;
B) Дониши касбӣ;
C) Қобилияти педагогӣ;
D) Техникаи педагогӣ;

1. Донистани ихтисос, педагогика, психология;
2. Ташкилотчӣ, даркнамоӣ, таъсиррасонӣ;
3. Дӯст доштани шогирдон ва касби худ
4. Худидоракунӣ, худуҳдадорӣ.
5. Маҷмуи усулҳо;

**3. Шарҳи қобилиятҳои педагогиро мувофиқ гузоред.**

A) Қобилияти дидактикӣ;
B) Қобилияти академикӣ;
C) Қобилияти даркнамоӣ;
D) Қобилияти коммуникативӣ;

1. Омӯзгор фанни худро на танҳо дар доираи барномаи таълим, балки васеъ ва ҳаматарафа донад ва доимо аз дастовардҳои соҳаи фанни марбут огоҳ бошад;



2. Дар шакли фаҳмо ва дастрас ба шогирдон пешниҳод намудани маводи омӯзиш, бедор намудани рағбати маърифатӣ ва рушд додани қобилияти фикрронии мустақил дар раванди таълим;
3. Маҳорати ташкил кардани коллектив ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти педагогӣ;
4. Бо мақсади ташаккулдиҳии шахсияти хонандагон, омӯзгор зоҳиршавии аломатҳои ҳолати ботинии толибилм ва авзои руҳии ӯро муайян мекунад;
5. Маҳорати муомила кардан бо толибилм, барқарор кардани муносибати мақсаднок ва риояи маданияти муоширати педагогиро ифода мекунад.

**4. Шарҳи мафҳумҳоро мувофиқат намоед.**

A) Маҳорати педагогӣ
B) Техникаи педагогӣ
C) Самти инсонпарварӣ
D) Одоби муоширати педагогӣ

1. Маҷмуи усулҳо;
2. Дӯст доштани шогирдон ва касби худ;
3. Риояи меъёри қоидаҳои одоби муомила ва рафтори омӯзгор нисбати шогирдон ва волидайн;
4. Ба дараҷаи баланд таъмин намудани худташкилдиҳии маҷмуи фаъолияти касбӣ;
5. Илм дар бораи одобу ахлоқи омӯзгорӣ

**5. Бобҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»-ро бо номгӯяш мувофиқ гузоред.**

A) Боби 5
B) Боби 3
C) Боби 4
D) Боби 2

1. Низоми маорифи ҶТ;
2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои таълим ва тарбия;
3. Танзими давлатӣ дар соҳаи маориф;
4. Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ дар низоми маориф;
5. Идоракунии соҳаи маориф.

**6. Муассисаҳои таълимиро аз рӯи вазифаҳояшон мувофиқат намоед.**

A) Муассисаҳои беруназмактабӣ

B) Маълумоти ибтидоии касбӣ
C) Муассисаҳои томактабӣ
D) Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ
1. Муҳайё намудани шароити тарбия бо назардошти майлу рағбат ва ниёзи волидайн;
2. Бо мақсади қонеъ гардонидани шавқу завқ ва талаботи маънавии хонандагон нигаронида шудааст;
3. Мувофиқи майлу рағбат дар заминаи маълумоти асосӣ касбу ихтисосҳои коргарӣ мегиранд;
4. Дар заминаи маълумоти ибтидоии касбӣ дараҷаи касби коргарӣ
гирифта мешавад;
5. Системаи муттасили таълим буда, азхуд намудани донишҳо, рушди қобилияти фардии хонандагон таъмин мегардад.

**7. Шарҳи мафҳумҳоро мувофиқ гузоред.**
A) Семинар;
B) Лаборатория;
C) Лексия;
D) Реферат;
1. Қироат намудан, хондан;
2. Маъруза мекунам, хабар медиҳам;
3. Меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф кардан;
4. Манбаъ;
5. Дониш омӯхтан.

**8. Шарҳи мафҳумҳоро мувофик гузоред.**
A) Лаборатория
B) Мушовара
C) Реферат
D) Биоритмология
1. Калимаи лотинӣ буда, маънояш маъруза мекунам, хабар медиҳам;
2. Истилоҳи юнонӣ буда, маънояш меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф намудан;
3. Истилоҳи арабӣ буда, маънояш маслиҳат додан, фаҳмондани ягон маводи таълимии дархостнамуда;
4. Истилоҳи лотинӣ буда, маънояш хондан, қироат кардан мебошад;



5. Истилоҳи юнонӣ буда, суръати ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти кории одамонро меомӯзад.

**9. Мувофиқати қоидаҳои инкишоф ва омилҳои инкишофро муайян кунед:**
A) ирсият;
B) муҳит;
C) тарбия;
D) фаъолият;
1) таъсири ирсияту муҳитро саҳеҳу тасҳеҳ мегардонад;
2) дар раванди фаъолияти он ташхис гузаронида мешавад;
3) ҳаёти воқеие, ки дар шароити он одам инкишоф меёбанд;
4) хусусият ва аломатҳои ҷисми зинда, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл мегузаранд;
5) дар тахти фаҳмиши ин ибора ҳамаи кору бори одам, шуғли зиндагии вай ифода меёбад.

**10. Қоидаҳои зеринро бо мазмунаш мувофиқ намоед:**
A) шахсе, ки дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ таҳсил менамояд;
B) раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад;
C) шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул мебошад;
D) раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст;
1) донишҷӯ;
2) маориф;
3) омӯзгор;
4) таҳсилот;
5) тарбия.

**Намунаи саволҳои пайдарпай**

**1. Дар иқтибоси зерин калимаҳоро пайдарпай гузоред.**
«Бидон, ки ҳеҷ коре бе ....... муяссар намешавад ва ҳар кӣ бе устоде ....... кунад, ...... бошад».
1. Кор

2. Бебунёд

3. Устод

**2. Калимаҳои матни зеринро мувофиқи мазмун пайдарпай гузоред.**

Шаҳрвандони сатҳи ........ баланд, дорои ......... ......, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ, маҳорат, ...... ........ тайёр намоянд, ки онҳо ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, ..... ......... аз тарафи умум эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва ...... фаро гирифта шудаанд».

1. Қонунҳо
2. Риояи арзишҳои
3. Маърифаташон
4. Тафаккури эҷодӣ
5. Малакаи касбӣ

**3. Калимаҳоро мантиқан пайдарпай гузоред.**

Риояти ........ қоидаҳои ....... нисбати шогирдон ва волидайни онҳо ва интихоби роҳи ....... бо онҳо дар мавридҳои гуногуни ....... тарбия.

1. Шоистаи муносибат
2. Одоби муомила
3. Меъёри
4. Раванди таълим

**4. Мафҳуми маълумотро аз рӯи мазмун пайдарпай гузоред:**

1) раванд ва натиҷаи;
2) азхудкунии системаи донишҳои илмӣ;
3) ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ;
4) ва қобилияти эҷодии хонандагон;

**5. Сатрҳои зеринро пайдарпай гузоред, то ин ки мафҳуми зерин мазмунан пурра шавад:**

1) фаъолияти муаллимӣ- ин ҳамеша бо кӯдакон;
2) намудан ва ба қобилияташон такон овардан аст;
3) майл ёфтан, асрори ниҳониашон ро ифшо;
4) ҳамкорӣ намудан, бо олами ботини онон.

**6. Суханони Ҳусайн Воизи Кошифӣ доир ба фаъолияти омӯзгорро мантиқан пайдарпай гузоред:**

1) ва ҳар кӣ бе устоде коре;
2) бе устод муяссар намешавад;



3) бидон, ки ҳеҷ коре;
4) кунад, бебунёд бошад;

**7. Суханони Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон доир ба соҳаи маорифро пайдарпай гузоред.**

1) ҷомеае, ки ба аҳли маориф;
2) намегузорад, ба пешрафт;
3) ба устод-омӯзгор, зиёӣ эҳтиром;
4) муваффақ шуда наметавонад;

**8. Вазифаи педагогро мазмунан пайдарпай гузоред.**

1) муаллим шеваву методҳо;
2) фардии ҳар як хонанда такявор бошад;
3) интихоб намуда, бояд ба сифатҳои;
4) ҳаллу фасли вазифаҳои педагогиро;

**9. Сатрҳои зеринро пайдарпай гузоред, то ин ки мафҳуми тарбия мазмунан пурра шавад:**

1) наврас ёд дода мешавад, тарбия ном дорад;
2) меҳнати ҷомеа, ки тавассути наслҳои;
3) калонсол барои фаъолона азхудкунии наслҳои;
4) таҷрибаҳои иҷтимоии зарурати зиндагӣ ва;

**10. Сатрҳои зеринро пайдарпай гузоред, то ин ки мафҳуми маориф мазмунан пурра шавад:**

1) маълумот ва умуман маърифати;
2) раванди идораи таълим, тарбия;
3) маориф системаи иҷтимоие, ки;
4) ҷомеаро ба низом медарорад;

## АДАБИЁТ


1. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологии муошırати педагогӣ.- Душанбе-2003.
2. Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ: Воситаҳои таълим.- Душанбе, 2005.
3. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе, 1994.
4. Абдураҳимов Қ., Гулов А. Тавсияҳои педагогӣ оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ. -Душанбе. 2009.
5. Азизхӯҷаева Н.М. Педтехнология ва педагогик маҳорат. – Т.: "Фан", 2006, –61–69с.
6. Ғаниева Б. Омӯзгор – нурбахши рӯзгор. Душанбе: Сифат, 2023.–53с.
7. Маҳмудов Ш.К., Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ. – Душанбе 2011.
8. Барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2002, 2010.
9. Введение в специальность. Под. ред. Л.И.Рувинского – М.: Просвещение, 1988, 205 с.
10. Дадобоев Н. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ. Раҳнамои таълим. – Хуҷанд: 2002. 52 с.
11. Дадобоев Н. Назарияҳои педагогӣ ва системаҳои технологӣ. Қисми 1. - Хуҷанд: 2003. - 70 с.
12. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2010. - 88 с.
13. Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Матбуот, 1994.
14. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Матбуот, 2003.
15. Константинов Н.А., Медынский Е.Н., Шабаева М.Ф. Таърихи педагогика. – Душанбе: Маориф, 1982. - 504 с.
16. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Маорифи Тоҷикистон. № 3, с 2006,- 24 с.
17. Қодиров Б.Қ., Давлатов М., Расулов С. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008
18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" – Душанбе: "Маориф ва фарҳанг", 2013, - 87 с.
19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд". – Душанбе, 02.08.2011.
20. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик - Душанбе: Ирфон, 2015. - 660 с.
21. Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 465 с.
22. Лутфуллоев М. Дастури фаъолияти омӯзгор. - Душанбе, 2007.
23. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин.-





Душанбе; 2006.
24. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / Муҳ. С. Камолзода; АТТ. - Душанбе, 2017. - 86 с.
25. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. Душанбе, Маориф 2006-150с.
26. Миралиев А.М., Давлатов М. Педагогика ва психология. - Душанбе, «Ирфон», 2007.
27. Мирзоахмедов Ф., Боев Б., Шукурова З.. Методҳои самараноки таълим.- Душанбе, 2008.
28. Мустафоқулов Т., Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синну солӣ ва педагогӣ. Кӯлоб, 1993.
29. Нурзода А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол. –Душанбе, 1989.
30. Нурзода А. Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи хонандагони хурдсол. – Душанбе, 2002.
31. Нурзода А. Талаботи муосир ба тарбияи насли наврас ба ҷавонон. – Душанбе, 2017.
32. Нурзода А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2021. 222с.
33. Обидов И. "Луғати тафсирии истилоҳоти педагогӣ", Душанбе,1988-304с.
34. Педагогикаи умумӣ. /Комплекси таълимӣ-методӣ. Қисми 1. /Мураттибон Л.Иматова, О.Ҳабибова, Ф.Арбобова. – Душанбе, 2017. 329 с.
35. Педагогикаи умумӣ. /Комплекси таълимӣ-методӣ. Қисми 2. /Мураттибон Л.Иматова, С.Фозилов, Ф.Азизова – Душанбе, 2019. 241с.
36. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2010. 26. 04.
37. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2009.-15.04.
38. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2022.
39. Подласый И.П. Педагогика. Москва, -2007. – 510 с.
40. Раҳмонов Э. Забони миллат-ҳастии миллат, Душанбе, 2016
41. Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор, Душанбе: "ЭР-граф"; 2016. - 364с.
42. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён Душанбе, 2016. -704с.
43. Раҳмонов Э. Бунёдкорони ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол.- Душанбе: Ирфон, 1998. - 48 с.
44. Раҳмонов Э. Зиёиён-пешоҳанги миллат ва ибратбахши ҷомеа. Рӯзномаи «Минбари халқ», 28 марти соли 2013.

45.Раҳмонов Э. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар - Паёми Душанбе. №47-49.-26.12.2006.
46.Раҳимов Б.Р. Системаи педагогии А.С.Макаренко. –Душанбе, 1982.
47.Раҳимов Б., Нуров А. Таърихи педагогикаи ҷаҳон. Душанбе.- «Ирфон», 2017.
48.Раҳимов Х., Нурзода А. Педагогика. Душанбе - “Ҳумо”, 2007.- 440 с.
49.Раҳимов Х., Мухторова Г. «Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ». Душанбе: «Ирфон», 2007.
50.Раҳимов Х., Нурзода А. Педагогика. Душанбе, 2011. - 518 с.
51.Сабуров Х.М., Раҳматова М.М., Тошева Х.Б. Таълими педагогика дар ҷадвал ва нақшаҳо. (Дастури таълимӣ-методӣ) - Хуҷанд: Нури маърифат, 2020-196с.
52.Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.09.2018, № 483.
53.Стандартҳои фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4). - Душанбе, 2016.
54.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №334, аз 30 июни соли 2012. - Душанбе, 2012.
55.Ҳасанова К. Назария ва таърихи педагогика – Т. 2004.
56.Шарифзода Ф., Миралиев А.М. “Педагогикаи умумӣ ва касбӣ” – Душанбе: “Ирфон”, 2012. 562с.
57.Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. Книга 1. - Душанбе: «Ирфон», 2009. - 459 с.
58.Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва фарҳанги ҷомеа. - Душанбе, 2010. - 544 с.
59.Шарифзода Ф., Каримова И., Сулаймонӣ С., Булбулов Ч. Педагогикаи ибтикорӣ. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 544 с.
60.Шарифзода Ф. Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳилаи мактаби миёна. - Душанбе, 2010. - 544 с.
61.Шарифзода Ф., Сабурӣ Х.М., Қаюмова О.Э. Ҳадафи фикр кашфи асрор аст. - Хуҷанд: «Меъроҷ», 2020. - 296 с.
62.Шарофов Ш.А., Усмонов Д.А. Муоширати педагогӣ ва омӯзгори оянда. – Хуҷанд, 2019. - 204 с.
63.Шаропов Ш.А., Сабуров Х.М.,Шарипов А. Низом ва мундариҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ. (Дастури илмӣ-методӣ).- Хуҷанд: Нури маърифат, 2020.- 128 с.
64.Шарипов Ҷ., Раҷабов Х. Тавсияҳо доир ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар мактаб. –Душанбе, 2007.
65. Юнусов Й. Педагогика. Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2005. 380 с.



## МУНДАРИҶА

Муқаддима....3
**Мавзуи 1.** Мақоми омӯзгор дар ҷомеаи муосир....5
**Мавзуи 2.** Талабот ба шахсияти омӯзгор....22
**Мавзуи 3.** Хусусиятҳои асосии фаъолияти педагогӣ....32
**Мавзуи 4.** Одоби муошироти педагогӣ....49
**Мавзуи 5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»....54
**Мавзуи 6.** Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....76
**Мавзуи 7.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»....92
**Мавзуи 8.** Моҳияти гуманистии фаъолияти педагогӣ....114
**Мавзуи 9.** Салоҳиятҳои касбии омӯзгор дар шароити муосир....123
**Мавзуи 10.** Шахсияти кӯдак ва муносибати педагогӣ ба он....132
**Мавзуи 11.** Барномаи фардии такмилдиҳии фаъолияти педагогӣ....140
**Мавзуи 12.** Таҷрибаи педагогӣ - омили муҳимми тайёр кардани омӯзгорони оянда....145
Шарҳи истилоҳоти педагогӣ....159
Намунаи саволҳои тестӣ....169
Адабиёт....184

45.
мас
46.
198
47.
«И
48.
200
49.
Ду
50.
51.
пед
Хуч
52.
Точ
№ 4
53.
Ду
54.
сол
июн
55.
56.
– Д
57.
Кни
58.
чом
59.
Пед
60.
мар
61.
каш
62.
омӯ
63.
мун
Хуч
64.
дон

2005

Ба матбаа супорида шуд 20.08. 2024.
Ба чопаш 17.09. 2024 имзо шуд.
Қоғази офсетӣ.Ҳуруфи адабӣ.
Гарнитура Times New Roman Tj.
Теъдод 100

ЧДММ “Сармад-Компания”
ш.Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ, 6 гузаргоҳи 1